ХОЛИДА АЙНӢ

# ЗИНДАГИНОМАИ САДРИДДИН АЙНӢ

**Холида Айнӣ**

# ЗИНДАГИНОМАИ САДРИДДИН АЙНӢ

*Тарҷумаи Юнус Юсуфӣ*

**Душанбе – 2017**

ББК 83.3 (2тоҷик)
А- 40

*Муҳаррир*
*Қодири Рустам*

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
"КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН"
266749
891.550(092)

Дар китоб зиндагии устод Садриддин Айнӣ ба сурати солнома омада, санаҳои таърихӣ ва рухдодҳои муҳимми ҳаёти ӯро фаро гирифтааст. Бар асоси санадҳо ва ёддоштҳои ашхосе, ки устод Айниро медонистаанд, дар ҷабҳаи муборизаву талошҳои хастагинопазираш дар роҳи бунёди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳифзи тамаддуну фарҳанги миллат ҳамроҳу ҳамкораш будаанд, зиндагии тоинқилобӣ ва даврони шӯравии ӯ то вопасин соатҳои ҳаёташ тасвир шудааст.

000311597
Китобхонаи миллии Тоҷикистон

ISBN 978-99975-924-8-4

## АЗ НИГОРАНДА

«Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ» бар асоси «барномаи илмии мавзуӣ», ки соли 1974 барои намоишгоҳи ҷашнии соли 1978 дар Осорхонаи адабии Садриддин Айнӣ навишта шуд, таълиф гардидааст.

Чунонки медонем асари шарҳиҳолии Айнӣ «Ёддоштҳо» нотамом аст. Қиссаи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», ки мешавад гуфт ангораи «Ёддоштҳо» мебошад, бахшҳои аз назар афтодаи онро оғоз аз руйдодҳои соли 1905 пурра мекунад.

Бар асоси ин ду асар зиндагии Садриддин Айниро сол ба сол омӯхта истода ба чунин натиҷа расидем:

1. Санаҳое, ки дар ин ду асар оид ба як руйдод оварда шудаанд, гуногунанд. Ин дугунагӣ пажӯҳиши тоза мехост.

2. Қиссаи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» ҷузъиёти руйдодҳои зиндагии Айниро то соли 1948 фаро мегирад. Аз ин рӯ, ниёз ба дарёфти маводи бештар барои тасвири зиндагии ӯ пеш омад.

Мо ночор шудем ҳатто он бахши зиндагии ӯро, ки дар «Ёддоштҳо» омадааст, бо муроҷиат ба сарчашмаҳои дигар ва муқоисаи мадракҳо дақиқ намоем, то шубҳаамон дар мавриди ин ё он сана бартараф гардад. Чунончи, ҳангоми иншои «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ» ошкор гашт, ки қасидаи «Беҳуҷраву бекӯяму бечомаву дастор», ки ба аъламӣ Бухоро Ғиёсиддинмахдум бахшида шудааст, марбут ба нимаи аввали

соли 1902 мебошад, на соли 1901, ки дар бархе маҷмӯаҳо, аз ҷумла «Ашъори мунтахаб» омадааст (48, 118)*. Далел ин аст, ки Айнӣ дар «Ёддоштҳо» менависад, ки замистони соли 1901 Абдухалилмахдум ҳуҷраашро, ки нависанда аз соли 1898 чор сол дар он зиндагӣ карда буд, фурӯхт. Замистони дароз Айнӣ дарбадар буд, гоҳе дар ҳуҷраи ин дӯсту гоҳе дар ҳуҷраи он дӯст ба сар мебурд, муддате дар мадрасаи сарду намноки Домулло Шер ҳам зист ва баҳори соли 1902 ба хонаи Аҳмадҷонмахдум омад. Инро ки баҳори соли 1902 Айнӣ дар хонаи Аҳмадҷонмахдум зиндагӣ кардааст, ду борчаспи китобҳои он замон нашршуда, ки ба нишонӣ ва номи Айнӣ набишта шудааст, побарҷо мекунад.

Тобистони соли 1902-ро Айнӣ дар ҳуҷраи Сироҷмахдум, дар мадрасаи Кӯкалтош пушти сар кард. Қасидаи ёдшуда бо маслиҳати дӯстон дар ҳамин рӯзҳои саргардонӣ набишта шуда буд. Ним сол гузашт, вале қасида натиҷае ба бор наёвард. Дар ин муддат Шарифҷонмахдуми Садри Зиё пас аз хондани қасидаи мазкур андешаи пинҳон дар онро фаҳмид ва ҳамон сол барои Садриддин Айнӣ аз мадрасаи Кӯкалтош ҳуҷрае харид.

Бинобар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» Айнӣ дар ин ҳуҷра аз соли 1907 то соли 1917 зиндагӣ кардааст. Аммо дар «Ёддоштҳо», ки дертар иншо гаштааст, омада ки ӯ дар ин ҳуҷра 15 сол, то рӯзи зиндон шуданаш дар апрели 1917 ба сар бурдааст. Пайдост, ки ҳуҷра бар асоси муқоисаҳои мо, соли 1902 харида шуда буд. Ва бидуни шак мешавад гуфт, қасидаи мазкур нимаи аввали соли 1902 набишта шудааст.

Намунаи дигар: қитъаи «Фаслу боб» ишора мекунад, ки Айнӣ соли 1903 даҳякхӯр шуда буд. Охири соли 1903 ё аввали соли 1904 ӯро ночор карда буданд ба амир Абдулаҳад мадҳия нависад. Ин санаро муқоисаи зер таъйид мекунад: қасидаи «Даҳяк» дар ин муддат, ки беш аз шаш моҳ набудааст, иншо гаштааст. Ҳангоме ки қасида ба воситаи дарбориён то ба амир мерасад, ошкор мегардад, ки Айнӣ як сол пеш, соли 1903 даҳякхӯр шуда будааст. Дар ин даврон қитъаи «Фаслу боб»

иншо шуда буд. Бинобар ин мешавад гуфт, қасидаи «Даҳяк» тақрибан пас аз як соли қитъаи «Фаслу боб», соли 1904 набишта шудааст.

Мисоли дигар оид ба он, ки мо барои мушаххас кардани санаҳо чи гуна аз маводи иловагӣ истифода мекардем. Айнӣ пас аз соли 1903 ба омӯзиши китоби «Мулло Ҷалол» сар кард. Инро на аз «Ёддоштҳо» ё «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», балки аз ёддошти Айнӣ дар ҳошияи «Тазкиратушшуаро»-и Садри Зиё, ки моли ӯ будааст, ошкор намудем.

Дар «Ёддоштҳо» омадааст, ки китоби «Мулло Ҷалол»-ро ду сол пеш аз хатми мадраса хондааст. Яъне солҳои хониши 1904-1905 ва 1905-1906 Айнӣ «Мулло Ҷалол» хондааст ва тақрибан баҳори соли 1906 ё 1907 мадрасаро ба поён бурдааст. Санаи дақиқи хатми мадрасаро муайян кардан даст надод, зеро дар солҳои охири таҳсил Айнӣ чизе нанавиштааст. Бахши чоруми «Ёддоштҳо» бо рӯйдодҳои солҳои 1903-1904 ба охир мерасад.

Барои муайян кардани санаи ин ё он рӯйдоди зиндагии Айнӣ дар давоми солҳои 1905-1920, ки дар қиссаи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» наомадааст, асосан аз китобҳои ӯ «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллари» ва дигар асарҳое истифода кардем, ки воқеаҳои дар ин солҳо рӯйдода сабт шудаанд. Барои бозтоби зиндагии Айнӣ пас аз соли 1917 ёддоштҳои дӯстону ҳамкорону шогирдонаш, ки соли 1960 дар Душанбе чоп шудааст, ёрӣ расонид.

Масъалаи дигаре, ки пажӯҳишу ҷустуҷӯ мехост, марбут ба атрофиёни Айнӣ буд. Медонем, ки ҳатто боистеъдодтарин одам ҳам бидуни ёриву дастгирии дигарон наметавонад ҳама хоставу дарёфтаашро амалӣ созад. Барои фаъолияти босамар ҳамраҳону ҳамсафону ҳамфикрону дӯстон лозиманд. Дар ҷараёни кору зиндагии Садриддин Айнӣ ин гуна касон зиёд будаанд ва мо кӯшидем дар мавриди дастрас шудани асноду маълумоти дақиқ, аз онҳо ёд кунем.

Дар фаъолияти маорифпарварии тоинкилобии Айнӣ ҳаммаслакону ҳамсафоне будаанд, ки ба ӯ ҳамаҷониба ёрӣ мерасонидаанд. Бинобар ин, ҳақиқат талаб дорад ошкор созем, ки дар он даврон чи касоне ҷонибдори пешрафти иҷтимоиву фарҳангии мардуми худ ва ҳамсафи Айнӣ будаанд, ҷаҳду талоши ӯро дар ин роҳ ҳам аз нигоҳи маънавию ҳам молӣ дастгирӣ мекардаанд ва низ чи касоне бар зидди ҷараёни маорифпарварӣ ва пешрафту ташаккули ҷомиа мубориза мебурдаанд.

Ҳангоми навиштани «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ», то ҷое имкон даст медод, кӯшидем ин матлаб ҳамеша пеши назар бошад. Дар рафти кор аз дастнависҳою китобҳо, инчунин сарчашмаҳое, ки ба оммаи хонандагон маълум набуданд ва аз забони Раҳим Ҳошим, Вадуд Маҳмудӣ, Саодат Баситова, Ғанӣ Абдулло, Нерсес Нерсесян, Фотеҳ Ниёзӣ, Ҷалол Икромӣ ва дигарон сабт гаштаанд, истифода шуд. Аз ҳамаи онҳо сипосгузорем.

## ДЕБОЧА

Зиндагии Садриддин Айнӣ ба ду шаҳри қадимии Осиёи Миёна-Бухорову Самарқанд ва эҷодиёташ ба ду халқи тоҷику ӯзбак сахт пайванд дорад.

Бухоро шаҳри кӯдакиву наврасӣ, шаҳри ҷавониву донишомӯзии ӯст. Зиндагии ӯ дар ин шаҳр ҳамроҳ бо камбағаливу тангдастиву заҳмату душворӣ будааст. Бухоро шаҳри хотираҳову бардоштҳову вохӯриҳои фаромӯшношуданист, шаҳре ки ӯро чун шоир машҳур кард, истеъдоди омӯзгориашро ошкор сохт. Бухоро бо таъриху фарҳанги ғаниву деринааш, шеъри оламгираш, ки ба Рӯдакии бузург пайванд мегирад, табъи шоирии Айниро тарбият кард. Он чи Айнӣ дар Бухорову атрофи он ва дигар ҷоҳои Осиёи Миёна дидаву аз сар гузаронида буд, минбаъд маводи фаровоне барои эҷодаш дод ва самти маънавию эстетикии онро муайян кард.

Шаҷараи Садриддин Айнӣ, ки аз сӯи падар ба садаи шонздаҳ мекашад, ду вежагӣ дошт; майл ба сӯи андешаи илмиву адабӣ ва рӯҳи бедору озоди хоси ғиҷдувониҳо. Мардум онҳоро «аробасавори занбарнишин» мегуфтаанд. Ин лақаб аз хӯйи саркаши ғиҷдувониҳо дарак мебарад, ки чокарони амир онҳоро савори ароба ба зиндон мебурдаанд ва пас аз қатл ҷасадҳои ононро рӯи занбар ниҳода барои тарсонидани чашми мардум ба тамошо мегузоштаанд.

Миёни гузаштаҳои Садриддин Айнӣ шоирону олимону нависандагону рассомон ҳам будаанд. Саршаҷараи хонавода

Абуабдуллоҳи Пояндаи Соктарегӣ, машҳур ба Мавлонои Соктарӣ ва Хоҷаи Садпирӣ дар даврони ҳукумати се шайбонии вопасин ба сар бурдааст. Ба гуфти Садриддин Айнӣ он давроне будааст, ки хонҳои Урганҷу Қароқалпоқ ва низ Туғалхони пешвои қабилҳои қазоқ ба Мовароуннаҳр тохтутозҳои ғоратгаронаро роҳ андохта будаанд. Ин ҷангҳо то поёни ҳукмронии Абдуллохон идома доштаанд. (22, 304).

Абӯабдуллоҳи Поянда ин ҳама маргумиру харобиву бадбахтии бар сари мардум фурӯ рехтаро дидаву рӯи бистари марг дар Қаршӣ ин байти саршор аз дарду аламро гуфта буд:

*Бикашед теғи тезу бикушед якдигарро,*
*Биравед аз ин ҷаҳону бубаред дарди сарро.*

Абӯабдуллоҳи Поянда соли 1601 аз ин ҷаҳон рафт ва дар рустои Соктареи тумани Ғиҷдувони Бухоро ба хок дода шуд. Гӯри ӯро «Мазори Хоҷа Соктаре» мегӯянд ва он ҷоро «Мазори ҳафталам» меноманд. Солҳо ба пас дар канори гӯри Хоҷа Соктаре, рӯи тале ки Садриддин Айнӣ дар ҳикояи «Аҳмади девбанд» ёд мекунад, мақбара сохта шуд, ки минбаъд пайвандони Абӯабдуллоҳи Поянда дар он дафн мешуданд.

Садриддин Айнӣ мегуфт, онҳое ин ҷо дафн мешуданд, ки агар аз охарин ҷаноза бист сол мегузашт. Пеш аз ин мӯҳлат кушодани мақбара мамнӯъ буд. Ӯ низ мегуфт, ки дар деворҳои дохили мақбара токҳое буданд, ки косаи сари мурдаҳои бистсоларо мегузоштанд, устухонҳошон дар кунҷи мақбара, дар ҷои махсус ба хок дода мешуд. Ин гуна барои мурдаи тоза ҷой холӣ мегашт. Агар нафаре аз ин хонавода то бист сол мемурд, ӯро дар берун, дар канори мақбара гӯр мекарданд. Пайвандони дар дигар ҷоҳо мурдаро ба Соктаре овардаву мегӯрониданд. Ба гуфти Айнӣ вопасин касе, ки дар мақбара дафн шудааст, бародари ӯ Муҳиддин будааст, ки баҳорони соли 1922 босмачиҳо кушта буданд.

Баргардем ба Абӯабдуллоҳи Поянда, ки аз шайхҳои тариқати Кубравия буд. Бино бар шаҳодати муаллифи «Таърихи валӣ» Назирмуҳаммади Насафӣ «тариқати мазкур аз паёмбар

Муҳаммад (с) оғоз мегардад ва ба воситаи як рада имомон то ба шайхи машҳури садаҳои XV-XVI Ҳусайни Хоразмӣ меравад ва файзи тасаввуф аз ӯ ба шайхҳои Соктарегӣ мерасад, ки зодагони рустои Соктареи Ғиҷдувони Бухороянд» (68, 393).

Профессор А. А. Семенов оид ба мактабҳои тасаввуфи Бухоро чунин менависад: «Иттиҳодияи дарвешони Бухоро ба шохаҳои гуногун ҷудо мешуданд, ки машҳуртаринашон тариқати Нақшбандия ё Хоҷагон буд. Асосгузори ин тариқат ва ҳам ҳомии Бухоро шайх Баҳоуддини Нақшбанд (вафот 1386) будааст. Тариқати Кубравия бештар андешаҳои ратсионалиро тарғиб мекард, аз ин рӯ олуда ба бидъат шумурда мешуд. Маркази ин тариқат рустои Соктаре, зодгоҳи муаллифи «Ёддоштҳо» Сайид Садриддин Айнӣ буд. Чанд тан аз шайхҳои ин тариқат аз ин русто бо осори худ, ки усулҳои таълим дар ин мактабро далерона бо андешаҳои фалсафиву тасаввуфӣ баён карда буданд, машҳуранд» (69, 991-992).

Як тани аз ин касон писари Абӯабдуллоҳи Поянда Мирмуҳаммад Ҳусейни Соктарегӣ, муаллифи рисолаи «Ҷамъ-ул-фазоил» (соли 1607) буд.[1] Ин асар, ки зиндагиномаи Абӯабдуллоҳи Поянда мебошад, ба таълимот ва таърихи ташаккули тариқати мазкур бахшида шудааст. Асари фалсафиву тасаввуфии «Матлаъ-ул-кабир» ё «Матлаъ-ул-кубро» низ аз эҷоди Мирмуҳаммад Ҳусейн хонда шудааст.

Профессор А. А. Семенов менависад, ки «дар он асари хуб, муаллиф бо такя ба камаҳмият будани ҷаҳон мегӯяд, ки ниҳоду бунёди он ногузир ба тағйиру таҷдид ба сурату сифати дигар аст, аз ин рӯ ҳар чиз дар олам раванди омадану будану рафтанро пушти сар мекунад» (68, 328; 69, 992).

Як тани дигар аз пайвандони Абӯабдуллоҳи Поянда, Шайх Миратоуллоҳи Соктарегӣ (ваф. 1688-1689) мебошад. Оид ба зиндагии ӯ ва гузаштагонаш, шайхҳои тарикати Кубравия, метавон аз китоби «Таърихи валӣ», ки соли 1250/1834 аз сӯи На-

---

[1] Ин китоб дар «Рӯйхати дастнависҳои шарқии АУ Узбакистон» (68, 327) ба унвони «Маҷмаъ-ул-фазоил» ёд мешавад.

зирмуҳаммади Насафӣ набишта шудааст, маълумот пайдо кард. Ҳама асарҳои зикршуда соли 1251/1835 аз сӯи хушнавис Подшохоҷа ибни Раҳматуллохоҷа, ки аз авлоди Абӯабдуллоҳи Поянда будааст, рӯнавис шудаанд.

Бобокалони Садриддин Айнӣ, Сайидаҳмадхоҷа низ аз шайхҳои тариқати Кубравия буд. Ӯ, барои он ки ниёз ба муридонаш надошта бошад, дуредгарӣ мекард ва аз ин роҳ нафақаи хонаводаро ба даст меовард. Дар «Ёддоштҳо»-и Айнӣ аз насоси сохтаи ҳамин Сайидаҳмадхоҷа сухан меравад, ки ба боми масҷиди Соктаре об мебаровард. Минбаъд бо заҳмати худ зиндагӣ кардан ба хонаводаи Сайидаҳмадхоҷа анъана шуд. Бобои Садриддин Айнӣ, Сайидумархоҷа бори рӯзгорро бо дуредгарӣ, хонасозӣ, чархиосиётарошӣ ва бофандагӣ мекашид. Масҷиди рустои Маҳаллаи Болои ноҳияи Шофиркомро ӯ сохтаву дар сутуни он набишта буд: «Ҳунари Сайидумархоҷаи Соктарегӣ» (18, 295).

Чун бошандагони русто каси босавод будани ӯро донистанд, хоҳиш карданд имоми он масҷид бошад. Дар ҳавлии Ҳамроҳхон барояш хонае низ ҷудо карданд. Андак пас Умархоҷа дар канори ғарби русто барои худ хона сохт, хонаводаашро аз Соктаре ба ин ҷо овард ва духтари Ҳамроҳхон, Зеваройро ба никоҳи писараш Саийдмуродхоҷа даровард (18, 14).

Сайидмуродхоҷа (ба ҳисоби мо соли 1832 зода шудааст) кишоварзиву чархиосиётарошӣ мекард ва низ бофандагӣ барои баровардани ниёзи хонавода. Вай натавонист мадрасаро ба поён барад, вале шахси равшанфикру босаводу аз шариат бохабар буд, адабиёти классикиро хуб медонист, ҳаваси шеъргӯӣ ва истеъдоди шоирию омӯзгорӣ дошт. Додарарӯсаш мулло Деҳқон ва чанд тан ҳамдеҳагонро ба мадраса тайёр кард. Ин шеър низ, ки ба муносибати сохтмони айвони масҷиди Соктаре гуфта шудаасту аз он моддаи таърих мебарояд, эҷоди ӯст:

*Ҳидоятхоҷа, он устои моҳир,*
*Ки бошад дар ҳунармандӣ ягона,*

*Ба соли «мурғ» ин айвон бино кард,*
*Бидеҳ бо мурғи ӯ ту «об»-у «дона».*

Сайидмуродхоҷа чун гузаштагонаш ҳақҷӯву ҳақгӯ буд. Ба имомону қозиҳову раисҳову мансабдорони ҳукумат нафрати амиқ дошт. Ва дар болини марг ба писараш Садриддин васият кард: «Хон! Дар чи гуна душворӣ бошад ҳам хон! Лекин қозӣ нашав, раис нашав, имом нашав! Агар мударрис шавӣ, майлат!».

Пайдост, ки Сайидумархоҷа ғайри Сайидмуродхоҷа писари дигаре надоштааст. Ва духтар низ. Садриддин Айнӣ низ ҷое аз бародарону хоҳарони падараш ёд намекунад. Хонаводаи Сайидумархоҷа саранҷом дучори камбағалӣ мегардад, пиру кампир бепуштупаноҳ мемонанд ва Сайидмуродхоҷа ночор мадрасаро гузоштаву ба назди онҳо бармегардад, гарчанд дилаш ташнаи илму дониш буд.

Аз дигар пайвандони Айнӣ низ бояд ёд кард. Ҳидоятхоҷа, хеши наздики Сайидмуродхоҷа, натанҳо бинокор, балки рассоми чирадаст ҳам буд, ҳунари кандакорӣ, нақшу нигори кӯзаҳо ва гулпартоии порчаҳоро низ дошт.

Бародари бузурги нависанда Муҳиддинхоҷа мадраса хонда буд. Пас аз хатми он дар соли 1899 имоми масҷиди Соктаре шуд. Вай шахси мазҳабӣ буд ва фармудаҳои шариатро сахт риоя мекард. Муҳиддинхоҷа баҳори соли 1922 ба дасти босмачиҳо кушта шуд. Додари Айнӣ Сироҷиддинхоҷа низ фориғуттаҳсили мадраса буд. Соли 1918 ба гуноҳи некбин будан ба ҷадидон аз сӯи одамони амир ба қатл расид.

Хонаводаи Абӯабдуллоҳи Поянда шаҷара дошт, ки насл ба насл аз падар ба писар мегузашт. Ин шаҷара ин гуна аз Сайидмуродхоҷа ба писари калониаш Муҳиддин, аз ӯ ба набераи калонӣ Муслиҳиддин расида буд. Вале ӯ аз бими он ки шаҷара ба дасти бадхоҳон биафтад, соли 1937 онро нобуд кард. Муслиҳиддин соли 1967 аз ин ҷаҳон берун рафт. Алҳол шаҷараи дақиқи Абӯабдуллоҳи Поянда мавҷуд нест.

Хонаводаи модари Садриддин Айнӣ аз кишоварзони

рустои Маҳаллаи Болои тумани Шофирком будаанд. Бобои нависанда Ҳамроҳхон панҷ писару як духтар (Зеваройи модари Айнӣ) дошт. Яке аз онҳо, мулло Деҳқон, мударриси мадрасаи Фатҳулло-қӯшбегии Бухоро буд. Равшанниёзу Ниёзхон деҳқону чорводор буданд. Писари чоруми Ҳамроҳхон, Алихон савдогарӣ мекард ва ба гуфти Айнӣ инсоне худхоҳу сангдиле буд, ки андешаи ёрӣ ба падару модари пирро ба сар намебурд. Барои дастёбӣ ба сарват аз ҳеч воситае рӯ наметофт ва дар ин роҳ омода буд молу мулки наздиктарин касро низ аз они худ бикунад. Яке дигар аз писарони Ҳамроҳхон, Қурбонниёз, ки муддате дар хидмати қозии Ғиҷдувон, шоир Абдулвоҳиди Садри Сарир будааст, баракс инсони меҳрубону нармдил буд. Нигоҳубини падару модар ҳама бар дӯши ӯ будааст. Писари хурдии Қурбонниёз, иштирокчии ҷанги ҷаҳонии дувум, Олимхони механик бознишаста аст ва дар ҳамон рустои Маҳаллаи Боло ба сар мебарад.

## ЗИНДАГИИ САДРИДДИН АЙНӢ ТО ИНҚИЛОБ (1878-1917)

*Беҳуҷраву бекӯяму беҷомаву дастор.*
*Бе нуқлу маю чангаму бемӯнису ғамхор.*
*(С. Айнӣ).*

### Кӯдакӣ (1878-1889)

Хонаводаи Сайидмуродхоҷа замистонро дар рустои тақрибан беоби Маҳаллаи Боло, ки дар ҳошияи регистон буд, пушти сар мекард. Сайидмуродхоҷа ин ҷо саргарми чархиосиёсозӣ буд (чархи чӯбиро бо санги осиё як чиз набояд донист).

<u>Соли 1878.</u> Хонавода ҳар сол оғози баҳор ба деҳаи Соктаре меомад ва Сайидмуродхоҷа ин ҷо кишоварзӣ мекард. 15 апрели (ба солшумори кӯҳна 2 апрел) соли 1878 Сайидмуродхоҷа ва Зеварой писари дуюм, Садриддинро ин ҷо ба дунё оварданд, ки миёни ӯву бародараш Муҳиддин ҳашт сол фарқ буд.

Бино ба гуфти Садриддин Айнӣ нахустин дарёдмондаҳои ӯ пайванд ба сесолагиаш доранд. То шашсолагӣ ӯ ҳамроҳи хонавода дар Маҳаллаи Боло зист, агарчи баҳору тобистону оғози хазонро дар Соктаре пушти сар мекарданд. Дашти сабзу хуррам дар баҳорон ва минбаъд ҳуҷуми реги равон ва бадбахтиҳои баста ба он аз паҳнаи Коко, ки боғу полези Ҳамроҳхон дар ҳошияи он буд, ба таври ҳамеша дар ёди кӯдак мондааст.

Нахустин дарси ахлоқро шояд кӯдак ин ҷо гирифта буд. Бо реги равон ҳамаи хонавода мубориза мекард ва дар сафи пеш Сайидмуродхоҷа буд. Танҳо Алихони писари Ҳамроҳхон ба омаду рафти ин бало бепарво менигарист. Худхоҳии ӯ бобову падарро ба хашм меовард ва ин рухдод дар ёди кӯдак сахт нақш бастааст.

Рухдоди хотирмони дигар дар зиндагии кӯдак каналканӣ будааст. Шоир Абдулвоҳиди Садри Сарир дар ин кор иштироки фаъол доштааст ва Садриддини кӯдак аз диди нахуст ин марди ҳалиму фурӯтанро дӯст медорад. Ин кор дар даврони шашсолагии Айнӣ будааст.

**<u>Соли 1884.</u>** Оғоз аз ин сол Садриддини шашсола ба мактаби масҷиди Соктаре меравад. Дарси ин мактаб қориазёди сураҳои «Ҳафтяк» буд. Ин ҷо бозиҳое чун гӯштӣ, «тирпаронӣ», пуфакбозӣ, бедонабозӣ, ки талабаҳои мактаб машғул мешуданд, дар ёди ӯ нақш бастаанд. Инчунин шаллоқзании талабаҳои гунаҳкор ва намакпошӣ ба захми кафи по ба таври ҳамеша дар ёдаш мондааст.

Поёни соли нахусти хониш, ҳангоме ки Садриддин зери назари падар ба хондани абҷад сар кард, ошкор гашт ӯ ҳарфҳоро намешиносад, вале вожаҳои ҷудогонаро «хонда» метавонад. Маълум шуд, ки ӯ дарсро, бидуни он ки ба маъниаш сарфаҳм равад, азёд мекардааст. Падар донист, ки агар ин гуна идома ёбад, писараш бесавод мемонад, аз ин рӯ, аз хатиби рустои Соктаре хоҳиш кард зани ӯ бибихалифа, ки ба духтарҳо дарс медод, ба Садриддин низ дарс гӯяд.

**<u>Солҳои 1885-1887.</u>** Дар мактаби духтарона Садриддин «Ҳафтяк»-у «Чоркитоб»-ро фуровард, шеърҳое аз девони Ҳофизу Бедилу Соиби Исфаҳониро «хонд». Дар мактабҳои он замон Соиб намехонданд, аммо чун Сайидмуродхоҷа мухлиси ашъори шоир буд, хост писарашро низ бо эҷодиёти ӯ ошно созад ва чанд шеъри ӯро ба бибихалифа фиристод ва хоҳиш

кард хондани онҳоро ба писараш ёд диҳад.

Сайидмуродхоча ҳангоме ки дид писараш дилбастагии гарм ба шеър дорад, барояш аз ғазалҳои Ҳофизу Саъдӣ хондан гирифт. Дар лаҳзаҳои муносиб бо эҳтирому муҳаббат аз зиндагии шоирон қиссаҳое низ ба ӯ мекард. Ҳамон солҳо бори нахуст дар зиндагӣ Садриддин аз шоирони ҳамзамонаш Исову Абдулвоҳиди Садри Сарир шунид ва онҳоро ба чашми сар дид. Дидор бо онҳо барояш фаромӯшношуданӣ буд. Шеърхонӣ ӯро хуш меомад, ангораҳои падар аз зиндагии шоирон ба ҳаячонаш меовард. Аммо «хондани» ӯ маҳдуд ба чизҳое мешуд, ки дунболи муаллимааш такрор мекард.

<u>**Соли 1888.**</u> Аз даҳсолагӣ хондани Садриддин дар назди хатиб идома кард. Ҳамзамон падараш китоби «Аввали илм»-ро, ки алифбои дин буд, меомӯзонид ва ҳисоби «абчад»-у корбурди рақамҳои арабиро низ ёд медод. Ин гуна ҳар бегоҳ як соат бо писар кор мекард. Дар натиҷа Садриддин чизҳоеро омӯхту донист, ки ҳатто босаводони русто намедонистанд. Назди хатиб ӯ китобҳои «Аввали илм», «Бидон» (сарфу наҳви арабӣ ба забони тоҷикӣ), инчунин иншои забони арабӣ «Муъиз» ва «Занчонӣ»-ро хатм кард. Донистани ин китобҳо барои вориди мадраса шудан ногузир буд. Дар мадраса хонданро ӯ аз дер орзу мекард ва падар низ ин амрро ҳамеша ба ёдаш меовард.

Тамошои чойҳои дидании Ғиҷдувон (Мадрасаи Чӯбӣ, Ҷӯйи Хоҷаҳомонӣ), идҳо дар маҳаллаи Дарвешобод, бахше дигар аз хотираҳои даврони кӯдакии Садриддин аст. Ҳар сол моҳи мизон (аз 23 сентябр то 23 октябр) дар Дарвешобод ҷашне баргузор мегардид, ки ҳар ҳафта аз субҳи сешанбе то чошти чоршанбе давом дошт. Ин ҷо Садриддин сохтани тарфу мушакпарониро мушоҳида мекард, қиссаи каромоти Хоҷадарвешро мешунид, ҷанҷоли созмондиҳандаи ҷашн ва хеши ӯ Иброҳимхоҷаро бо маддоҳ ҳангоми тақсими даромад, медид. Фашфашабозӣ, қиморбозӣ, хардавонӣ дар бозори асп, ғуҷҷанг дар бозори мол дар ёдаш мондаанд.

Хонаводаи Сайидмуродхоҷа ин замон шаш нафар буданд. Чор писар: Муҳиддинхоҷаи 18-19 сола, Садриддини 10-11 сола, Сироҷиддини 8 сола, Кираомиддини 3 сола. Як духтар ҳам зода шудаву ҳангоми тифлӣ мурда буд. Хонаводае буд серфарзанду камдаромад. Муҳиддин Бухоро дар мадраса мехонд ва ба наздикӣ Садриддин низ бояд ба хондан мерафт.

Зимистони соли 1888 падар Садриддинро ба муддати андак Бухоро овард, то бо шаҳру фазои он ошно шавад. Низ Сайидмуродхоҷа мехост ошкор созад, ки оё метавонад буду боши ду танро дар шаҳр ӯҳда кунад. Дар оғоз Садриддин бо бародараш Муҳиддин ва хешбачаашон Сайидакбари ҳавобаланд, ки ҳамдеҳони ҳамсолаш «Парвардигорхоҷа» лақаб карда буданд, дар мадрасаи Мири Араб, дар ҳуҷраи «девхона» ба сар мебурданд. Вале миёнаи зимистон бародарон ночор шуданд дар маҳаллаи Бозори Хоҷа кулбаеро дар болохонаи дукони баққолӣ иҷора кунанд.

Таассуроти нахустин аз тамошои Бухоро пурбор буд. Биноҳои бошукӯҳи Регистон, масҷиди Болои Ҳавз, мадрасаи Фатҳулло-қушбегӣ, ки амакаш мулло Деҳқон он ҷо ҳуҷрае дошт ва ҳам «Қофия»-ву «Шамсия» дарс медод, Садриддинро моту мабҳут карда буданд.

<u>**Соли 1889.**</u> Аммо будубош дар кулбаи тангу сард барои бародарон душвор афтод ва онҳо ночор шуданд таътили тобистонро интизор нашаванд ва оғози баҳори 1889 ба Соктаре баргарданд.

Ҳангоми сафари Бухоро Садриддин ҳоло намехонд, аммо кам-кам вориди зиндагии мустақил гашт ва аз бародараш ошпазиро омӯхт. Сайидмуродхоҷа донист, ки будубоши ду писараш дар шаҳр панҷ танга мехоҳад, аз ин рӯ бояд сарчашмаи пайдо кардани онро биёбад. Ва Садриддини ёздаҳсола ба фармуди падар ва зери назари ӯ як пора заминро побел кардаву кадy шинонид. Худ пахтаву ҷуворӣ корид. Падару писар интизори ҳосили хуб буданд. Даромади ин ҳосил бояд харҷи

сафари Бухоро мешуд. Падар ду бара низ харид, ки Садриддин дар пуштаҳои гӯристони маҳалла мечаронид. (Ин пора дар очерки «Колхози Коммунизм» омадааст.)

Руҳдодҳои фоҷиабори он сол ҳама нақшаҳоро барбод доданд. Тобистони соли 1889 Бухороро вабо фаро гирифт ва зуд ба ноҳияҳои атроф паҳн гардид. Дар хонавода ғайр аз Садриддин ҳама бемор шуданд. Танҳо ӯ буд, ки беморонро нигоҳубин мекард, зиндагиро сарусомон медод ва ба киштзор низ мерафт. Нахуст падари 57-сола чашм аз ҷаҳон барбаст, ки харҷи дафнаш 150 танга қарз бар ҷой гузошт. Модарро низ ҳол хароб буд. Яке аз бародаронаш ӯро назди падару модар ба рустои Маҳаллаи Боло овард ва дере нагузашт, ки он ҷо бо зиндагӣ падруд кард. Алихони тағояш даъво пеш овард, ки барои дафни хоҳараш 100 танга харҷ кардааст у онро бозпас мехоҳад. Бештари ҳосили ҷуворӣ ба ин қарзҳо рафт. Боқимондаи ҳосил (наздики 40 пуд) ва пули кадуҳоро тавре бояд харҷ мекард, ки то ҳосили нав ба зиндагии ӯву ду бародараш бирасад. Бародари калонӣ дили замистон, пас аз шифо ёфтану андак ба худ омадан деҳоти дурдаст мардикорӣ рафт, то пули хониши соли ояндаро ба даст орад. Вай қарор дод танҳо ба хондан биравад, Садриддин бародаронро нигаҳбонӣ кунад. Сафари Бухорову хондан ба мӯҳлати номуайян ба таъхир афтод.

Ин гуна кӯдакӣ ба поён омад. Ҳангоме ки бори зиндагӣ ва тарбияти Сироҷиддини нӯҳсолаву Кpropмиддини чорсола ба дӯши Садриддин афтод, ӯ 12 сол дошт. Вай бояд андешаи чи гуна сару сомон додани рӯзгор ва то расидани ҳосили нав хӯрондану пӯшондани онҳоро мекард. Арчанд падар пеш аз марг бо ҳар роҳ хондану мударрис шуданро ба ӯ амр карда буд, ин замон писарак ин андешаро батамом аз сар ронда буд. Як сол пас, дар арафаи оши соли падару модар бародарон ночор шуданд ҳавлии Маҳаллаи Болоро бифурӯшанд.

<u>**Соли 1890.**</u> Тобистони 1890 дар рустои Маҳалла, ки дар

канори Маҳаллаи Боло буд, дар хонаи мулло Абдусаломи домуллои кунҷакии[2] бародараш Муҳиддин дидори ӯ бо Шарифҷонмахдум иттифоқ афтод ва сарнавишти Садриддини 12-соларо ҳал кард. Шарифҷонмахдум аз истеъдоди ӯ пай бурд ва пешниҳод кард ӯро ба хондан фиристанд. Дунболи ин дидору гуфтугӯ Садриддин қотеъона аз бародараш хост ӯро ба Бухоро бубарад. Ҳамон вақт бо Абдулвоҳиди 14-сола ошно гашт ва ин дӯстӣ то вопасин рӯзҳои зиндагии Абдулвоҳиди Мунзим, то соли 1934 идома ёфт.

Омодагӣ ба сафари Бухоро оғоз гашт; хариди сарутану омодасозии кӯрпаву болину ғизо. Садриддин додаронаш Сироҷиддину Киромиддинро Маҳаллаи Боло назди тағояш Қурбонниёз овард ва худ роҳии Бухоро шуд.

---

[2] Домуллои кунҷакӣ – домуллои дараҷаи дуюм аст, хоҳ дар ҷое мударрис бошад, хоҳ не, шогирдон аввал дарсашонро пеши ӯ хонда тайёр мекунанд, пас аз он ба дарсхона ба пеши мударриси калон рафта мехонанд (шарҳи С. Айнӣ).

## НАВРАСӢ ВА ҶАВОНӢ (1890-1899)

### Соли аввали хониш (1890-1891)

Соли 1890 Муҳиддину Садриддин бо ёрии мулло Абдусалом дар бурҷи «гулдаста»-и мадрасаи Мири Араб ҳуҷрае пайдо карданд. Садриддин барои нони шикам ҳаррӯз ба мулло Абдусалому ҷӯраҳояш ош мепухт ва низ ба навбат ҳуҷраҳояшонро меруфт. Рӯзҳои таътили чоршанбеву панҷшанбеву ҷумъа чомашӯии онҳоро мекард.

Соли аввали таҳсил ҳаррӯз се дарс мехонд; ду дарси «Қофия» аз мулло Абдусалому мулло Бозор ва як дарси «Мухтасари Виқоя» аз мулло Аваз. Баъдтар ошкор гашт, ки мулло Аваз аз беҳтарин мударрисони Бухоро будааст ва усули дарсаш аз умум тафовут доштааст ва мукаммалтар будааст. Ба намуна, ӯ аз шарҳҳои бемаъни сарфи назар мекард. 10 декабри соли 1948 Садриддин Айнӣ дар номаи ҷавобӣ ба писари мулло Аваз чунин набишта буд: «Ман соли аввали (1890) аз деҳа Бухоро ба хондан омаданам, назди падари шумо сарфу наҳви арабӣ мехондам. Он вақт падари шумо мударрис набуд ё шояд дар кадом мадрасаи барои ман ноошно дарс мегуфт ва чун ҷой надошт, дар ҳуҷраи тангутори кунҷаки мадрасаи Мири Араб, ки дар қисмати шимолу ғарби бино буд, дарс мегуфт. Чун дар он ҳуҷра ғайр аз домулло танҳо ду тан метавонистанд бошанд, ӯ ночор буд шогирдонро ба гурӯҳҳои дунафарӣ ҷудо кунад ва як мавзӯъро борҳо такрор намояд. (Ин ҳолатро ман

дар қисми дуюми «Ёддоштҳо» овардаам).

Соли дуюми таҳсил ман имкони бо ӯ дарс хондан надоштам. Аммо дар поёни таҳсил, он гоҳ ки падаратон мударриси мадрасаи Сарои Тош буд, ман чанд сол назди ӯ «Ҳидоя» хонда будам, зеро ӯ донандаи хуби фиқҳ буд. Марги ӯ дар 52-солагӣ маро сахт андӯҳгин кард ва ман он моддаи таърихро, ки шумо ёд кардаед, навишта будам. Шояд шумо онро дар кадом баёзе ё маҷмӯае дида бошед, зеро то Инқилоб девони ман чоп нашудааст (ва инак низ он пора назди ман нест» (58, 3).

Руҳдоди шодибахш барои Садриддин дар он замон харидани нахустин китоби «Маҳмуд ва Аёз» буд, ки ба гунаи байтбарак сохта шуда буд. Вай аз панҷ тангаи аз Соктаре овардааш як тангаро ба баҳои ин китоб дод.

Соли нахусти зиндагӣ дар Бухоро вай бо Пирак ошно шуд, ки будубошаш дар ҳамон мадрасаи Мири Араб буд. Ҳарду ин ҷо бозии сохтани «Нисоб-ус-сибён»-и русиву тоҷикиро (луғати шеъриро) эҷод карданд, ки аз он як байт барҷой мондааст:

*Льдина-ях, часы-соат,хлеб-нон,*
*Снег-барфу душа-ҷон, дожд-борон.*

Садриддин бори нахуст бо овозхонҳои машҳур, устодони «Шашмақом» Ҳомидхоҷа, Савтӣ ва Зайниддинхоҷа дар назди ҳамин Махдуми Гову Пирак ошно гашт.

Руҳдоди ёдмони дигар аз соли нахусти хониш сафари ӯ ба Файзобод дар Наврӯз будааст. Оғоз аз 20 феврал одамон ҳар ҷумъа Файзобод ба Наврӯз мерафтанд. Сайругашти мардум то 22 март, рӯзи нахусти Соли Нав идома мекард. Лаҳзаҳои диданӣ дар ин рӯзҳо рафтори қаландарҳо, қиморбозиҳои пинҳону тухмҷангу донакбозиву чормағзбозиву дигар бозиҳои ошкор, давидану ҷаҳидану гӯштигирии калонсолону саҳнасозии кӯдакон бо парандаҳои ром будааст.

Дар ҳамин соли нахусти хониш Садриддин Аҳмади Донишро дид ва гуфтугӯяшро аз боби хусуфи Моҳ шунид. Аммо муаллими ӯ мулло Абдусалом бадбини Аҳмади Дониш буд.

ӯро кофар ва «шогирди Шайтон» мехонд. Вале бо вуҷуди ин, мулло Абдусалому ёронаш баҳорони соли 1891 рӯзе хонаи Дониш тутхӯрӣ омаданд ва Садриддин ин ҷо бори нахуст нақшаи ҷуғрофӣ, глобуси Замину осмони пурситораро дид ва мулло Муҳиддин, ки рассомӣ мекард ва аз ин роҳ бо Дониш наздик шуда буд, таъиноти ин чизҳоро ба онҳо шарҳ дод. Гуфтугӯҳо аз зиндагии Аҳмади Дониш ва меҳмонӣ дар хонаи ӯ таассуроти носутурданӣ дар ниҳоди Садриддин гузоштанд. Хулосаи ин дидаву шунидаҳо ин шуд, ки ӯ донист муносибати мардум ба Дониш яксон набудааст ва на ҳамеша чун нигоҳи муаллими ӯ ва ёронаш бадбинона будааст.

__Соли 1891.__ Тобистони 1891 Садриддин ҳамроҳи устодаш мулло Абдусалом ба рустои Маҳалла омад ва аз он ҷо назди хешонаш ба Маҳаллаи Боло рафт. Хабари марги додаракаш Киромиддин ӯро асири ғам кард. Зиндагӣ дар хонаи бобо сангин буд. Онҳое ки дар даштy саҳро кор мекарданд ва кӯдакону пироне, ки дар хона мемонданд, ҳама гурусна буданд.

Он тобистон Садриддин ҳамроҳи тағояш Қурбонниёз чарогоҳ назди Ниёзхон рафт. Ин ҷо ӯ ба зиндагии чӯпонҳо дар дили дашт ошно гашт, саргузашти пуршебуфарози Бобониёзу ҳамдеҳагонашро шунид. (Ин саҳнаҳо дертар дар бобҳои 5-6 романи «Ғуломон» тасвир шудаанд.) Бошандагони Маҳаллаи Боло асосан ба пахтатозакунӣ, кишоварзӣ ва чӯпонӣ машғул буданд.

Дунболи бозгашт аз назди Ниёзхон Садриддин ҳамроҳи бародараш Сироҷиддин ба Соктаре омад. Ин ҷо боқимондаи ашёи хонаро фурӯхт то сарфи ғизои тобистонашон шавад. Навигарие низ дар Соктаре рух дода буд; меҳмони имоми масҷиди деҳа Муллошоҳи Дарвозӣ бо талабаҳои мадрасаи Соктаре саргарми хондан ва шарҳу тафсири ғазалҳои Бедил буд. Садриддин ба ин машғулиятҳо меомад ва дар баҳсҳо иштирок мекард.

## Соли дуюми хониш (1891-1892)

Дар ин сол Садриддин ба зиндагии шаҳри Бухоро бештар ошно гашт; бордиҳии амир, машқи сарбозон, 75 чӯб задани гунаҳкорон, кори оҳангарону мисгарону заргарон, бофандаҳо, зардӯзҳо, растаи дуконҳою бозорҳо аз диданиҳои фаромӯшношудании он сол буданд. Зиндагии шаҳриҳо дар моҳи рамазон ӯро ҷалб мекард. Оғози рамазонро ду тан аз таблнавозони Арк дунболи шаҳодати ду нафар дар назди қозикалон, ки моҳи навро дидаанд, эълон медоштанд.

Тамошои аҷиб шаббозори моҳи рамазон буд. Савдо то нимашаб давом мекард, магар хӯроквории дигар ҳама чиз фурӯхтаву харида мешуд. Ин ҷо овозхонӣ низ мекарданд. Қиссахонҳо мардуми зиёдро атрофашон гирд меоварданд. Гардишгарони лаби Ҳавзи Девонбегӣ гирди маддоҳон ҷамъ мешуданд, шӯъбадабозон низ ин ҷо ҳунарнамоӣ мекарданд. Пас аз пешин Раиси Бухоро рӯзахӯрону қиморбозонро ин ҷо ҷазо медод. Вобаста ба сангинии гуноҳ якеро 39 дарра, дигареро 15 дарра мезаданд. Раис дар сояи хонақоҳ менишаст, одамонаш «гунаҳкорони» дастгиршударо меоварданд. Барои гардишгарони лаби Ҳавзи Девонбегӣ ин саҳнаи тамошобоб буд. Тамошои дигар баҳси миёни гардишгарон буд, ки то ба гиребонгирӣ мерасид. Талабаҳои мадраса рӯи боми сартарошхонаҳо, ки аз ҷанубғарби Ҳавзи Девонбегӣ ба шимолушарқи он тӯл кашида буд, барои ишғоли ҷои беҳтари намозхонӣ ба якдигар дармеафтоданд. Рӯзи онҳое ки барои нони шикам заҳмамт намекашиданд, ин гуна ба сар мешуд.

**Гаштугузори Наврӯзӣ дар Ширбадан.** Ширбадан дар дукилометрии шарқи Бухоро буд. Дар паҳлӯи ҷапи роҳ майдони Чилтаноб бо девору дарвозаҳояш ҷойгир буд. Чилтаноб масҷиди ҷомеъ ва майдони зиёфат дошт, ки ҳар сол амир

барои аҳолӣ барпо медошт. Ҷойҳои мондаро гӯштфурӯшону қаннодону ошпазҳо мегирифтанд (онҳо ошхонаҳояшонро ба одамоне ки мехостанд худ хӯрок пазанд, ба иҷора низ медоданд). Канори дарвозаи мирнишин айвонҳое буданд, ки рӯзҳои ҷашн дарбориён менишастанд. Масҷиди панҷвақта дар майдони панҷтанобӣ буд. Рӯзҳои ҷашн эшонҳо маъракаи зикр барпо мекарданд. Томошогоҳи асосӣ майдони пеши дарвозаи мирнишин буд. Ҳар саҳар ин ҷо нахуст сайру гашти умумӣ, сипас гӯштигирӣ барпо мегашт.

<u>**Соли 1892.**</u> Оғози ин соли хониш Садриддин ҳанӯз хидмати хоҷаҳояшро мекард. Боре Шарифҷон-махдум ба мулло Абдусалом гуфт, ки агар Садриддинро дар ҳуҷраи бародар ҷой танг бошад, ӯро ба хонаи вай, ба маҳаллаи Чорҳарос бифиристад. Ин гуна Садриддин ба хонаи Шарифҷон-махдум омад.

**Омӯзиши адабиёт.** Ин ҷо ӯ бори нахуст бо шоирону сухандонони ошно гашт, ки дар рӯзҳои таътили мадраса ҳафтае се бор бегоҳиҳо гирд меомаданд. Инҳо мулло Нарзуллои Лутфӣ, Абдулмаҷиди Зуфунун, Саидхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллохоҷаи Таҳсин, қорӣ Абдулкарим Офарини Дӯзахӣ, мулло Азими Сомӣ, Азизхоҷаи Азиз буданд. Овозаи Мирзоҳаити Саҳбо ва Шамсиддин-махдуми Шоҳинро низ ин ҷо шунид.

Шарифҷон-махдум аз нахустин касоне буд, ки истеъдоди Садриддини 12-соларо ошкор кард. Маҳз ӯ Садриддинро аз фазои мазҳабӣ ва оғандаи рукуду сукути мулло Абдусалому ёронаш берун кашид ва вориди дунёи шеъру адаб гардонид. Ин ҷо ба Аҳмади Дониш низ эҳтиром мегузоштанд. Шарифҷон-махдум гаҳгоҳ ба Абдулвоҳиду Садриддин аз ашъори классикон мехонду шарҳ медод ва низ аз онҳо мехост «Шоҳнома» бихонанд, худ гӯш медод ва хатоҳояшонро ислоҳ месохт. Дар ин бора Айнӣ менависад: «Ман ба ӯ эҳтиром дошитам ва нахустин устоди маънавии худ медонистам» (18, 50).

Нахустин эҳсоси норизой аз ҳукумати вақт дар ниҳоди ӯ зери таъсири маҳфили адабии Шарифҷон-махдум ба пайдо омад.

Муносибати гарму нарми Шарифҷон-махдум дили Садриддинро тасхир кард. Аммо кор дар ин хонадон сангину душвор ва берун аз тобу тавони ӯ буд. Барои хондану донистан вақт намемонд. Садриддин инак дар ҳафта танҳо як дарс мехонд.

Сарулибоси аз Соктаре оварда кӯҳна шуду дарид, поафзор ва ду ҷомаи Шарифҷон-махдуму дӯсташ додаро, ки ба ӯ калон буданд, ба бародараш дод. Садриддин ночор буд коре биёбад, ки ӯро хӯронаду пӯшонад ва ҳам барои хондан имкон диҳад.

Андак пас ин гуна кор пайдо гашт. Баҳорони зуди 1892 вай ҷорӯбкаши мадрасаи Олимҷон шуд, ки моҳе 10 танга (1 суму 50 тин) мегирифт ва ҳуҷрае низ дошт. Ин ҷо ӯ бо зиндагии ҳиндуҳои судхӯр, ки дар корвонсарои вақфи мадрасаи Олимҷон зиндагӣ мекарданд, ошно гашт. (Ин мушоҳидаҳо дар бобҳои 16-17, қисми дуюми «Дохунда» омадааст).

Ҳамон рӯзҳо ӯ «Гулистони масаррат», девони Музҳирҷони Ҷонон ва тазкираи «Хизонаи омира»-ро хонд, ки дар Ҳиндустон чоп шуда буданд. Ин китобҳоро Садриддин аз Бойарҷи ном савдогари сангҳои камбаҳо мегирифт, ки шахси босавод буду забони тоҷикиро медонист ва хати зебое низ дошт.

## Соли сеюми хониш (1892-1893)

Садриддин ба омӯзиши «Шарҳи мулло»-и Ҷомӣ пардохт, ки китоби «Қофия»-и сарфу наҳви арабиро шарҳ медод. Дар ин бахш Садриддин назди домуллои кунҷакияш мулло Абдусалом дарс мехонд ва низ як тан аз мударрисони номии мадрасаи Ҷаъфархоҷа домулло Икром ба ӯ дарс медод, ки хонааш дар маҳаллаи Хоҷа Булғори Бухоро буд. (Ҳамин домулло Икром баъдтар мухолиф набудани мактаби навро ба шариат эътироф кард ва бо хонаводааш аз сӯи амир ба Ғузор бадарға

гашт). Бародари Садриддин Муҳиддин ва муллоҳои кунҷакӣ Абдусалому Бозор низ назди домулло Икром дарс мехонданд.

Ба рӯбучини мадрасаи Олимҷон ва хидматгории шаш нафар талабаҳои он кори дигаре зам шуд: Ғафурҷон-махдуми додари Шарифҷон-махдум қории дарсҳои домулло Икром таъин шуд.[3] Вале ӯ талабаи сустхон буд ва ба ёриву дастгирӣ ниёз дошт. Вай барои ёрӣ ба Садриддин муроҷиат кард, ки он вақт аз талабаҳои пешқадами гурӯҳ буд. Аз рӯи китоби «Шарҳи мулло» ҳар рӯз ба дарсҳо омода кардани Ғафурҷон-махдумро домулло Икром низ талаб мекард, аз ин рӯ рад кардани ин кор душвор буд.

Дар ҳамин соли хониши 1892-1893 Садриддин ночор буд ба бародараш Сироҷиддин низ хату савод омӯзад. Инак онҳо ҳамроҳ дар ҳуҷраи мадрасаи Олимҷон зиндагӣ мекарданд ва бори ин будубош ҳама бар дӯши Садриддин буд. Дар ин сол ӯ ҳамроҳи дӯсташ Мирқодир назди имоме «Мухтасари Виқоя» низ мехонданд. Садриддин Ҳофизу Камол ва дигар маҷмӯаи шеърҳоеро, ки дар хуҷраи дӯсташ Мирзосолеҳ ёфта буд, бо шавқу шӯр мехонд.

<u>**Соли 1893.**</u> Бори нахуст дар ин сол ӯ ба хондани рӯзномаҳо шурӯъ кард. Ҳамсабақ ва дӯсти Садриддин Мирқодир аз китобфурӯш Сайидаҳмади хешаш, ки ба Русияву Туркия рафта меомад, рӯзномаи «Тарҷумон»-ро меовард, ки дар Боғчасарой чоп мешуд. Забони ин рӯзнома лаҳчаи тоторҳои Қрим буд, онҳо ин забонро намедонистанд ва аз он чи мехонданд кам чизе мефаҳмиданд. Бо вуҷуди ин аз хондани ин рӯзнома даст намекашиданд.

Тобистони 1893 Бухороро аз нав вабо фаро гирифт. Оғози июни 1893 Садриддин бемор шуд, ки 29 рӯз давом кард. Рӯзи нахусти беморӣ Мирсолеҳ Садриддини беҳушро ҳамроҳи

---

[3]Қориҳо ба мударрисони машҳур таъин мешуданд. Онҳо бояд аз ҷумлаи талабҳои аълохон интихоб мешуданд, вале бештар ба ин кор хешони аъёну ашрофро мегумориданд.

Сирочиддин назди падараш Миризоми хаттот овард. Садриддин ҳамроҳи бародараш то рӯзи шифо ёфтан дар хонаи ӯ буд. Бино ба парҳези фармудаи Миризом Садриддин гирифтори домана шуда будааст.

## Соли хониши 1893-1894

Пас аз беморӣ Садриддин даст аз фаррошӣ кашид ва нигоҳубини Зуҳур-махдум ва бародари бемори ӯ Аллом-махдумро ба ӯҳда гирифт. Ин замон Садриддин дар ҳуҷрае дар мадрасаи Бадалбек зиндагӣ мекард, ки қорӣ Нурулло барои талабаи вай буданаш ба ӯ дода буд. Қорӣ Нурулло ба ӯ «Мухтасари Виқоя» дарс медод, вале мавзӯъро намедонист.

**<u>Соли 1894.</u>** Тобистони 1894 Айнӣ ҳамроҳи Зуҳур-маҳдум ва Аллом-махдум ба рустои Деших (Деҳи шайх) рафт. Ин ҷо зери таъсири даштҳои гулпӯшу боғҳои хуррами канори ҷӯйҳо Садриддин ин дубайтиро навишит:

*Сояи беду лаби ҷӯ, пеши кишт,*
*Буд тарабовару анбарсиришт...*

Ин дубайтӣ баъдтар ба достони «Ҳасан зад» ҳамроҳ карда шуд ва вориди китоби «Таҳзиб-ус-сибён» гашт. Ва низ бо тағйири мисраъи дувум ба маснавии «Қиссаи парвона ва кирмак» низ даромад.

Садриддин инак ба гуфтани шеър оғоз карда буд, вале шеърҳояшро ба касе нишон намедод. Андак пас ба шеър будани онҳо шубҳа меовард ва нобуд мекард. Вай дунболи ҷустуҷӯи тахаллус шуд. Дар оғоз «Сифлӣ»-ро пазируфт, зеро, тавре ки худ шарҳ медиҳад, шаҳриҳо ба писараки рустоии камбағал бештар ба чашми кам менигаристанд. Андак пас онро ба «Мӯҳтоҷ» иваз кард, зеро ин ҳама солҳо, пас аз марги падар дар эҳтиёҷ ба сар мебурд. Давроне ки дар ҳоли рӯҳафтодагиву яъсу навмедӣ қарор дошт, тахаллуси «Ҷунунӣ»-ро низ гирифта буд. Тахаллусҳое ҳам будаанд, ки андак пас барояш писанд наафтодаанд ва ӯ аз онҳо даст

кашидааст. Аз он миён тахаллуси «Сифлӣ» дар ду маврид боқӣ мондааст. Нахуст дар ғазале ки бо байти зер сар мешавад:

*Умри худро сарфи ёри бевафо кардам ғалат,*
*Меҳри ҳар сангиндиле бар сина ҷо кардам ғалат...*

Ва дар мухаммас бар ғазали Ҳозиқ, ки байти нахусташ ин аст:

*Чи маҳҷурам зи васли он бути дилдори бебоке,*
*Чи маъюсам зи бӯси он кафи пои ҳинопоке...*

Тахаллуси «Ҷунунӣ» дар як байти Ҳайрат ҳифз шудааст:

*Бо Ҷунунӣ мекушоӣ гоҳ тӯмори итоб,*
*Гаҳ хитоби ҳарфи ширин бар Камолӣ доштӣ.*

Дар соли таҳсили 1893-1894 додари Садриддин, Сироҷиддин ба хидматгории шоир Абдуллохоҷаи Таҳсини домоди Абдулло Қодирхоҷаи Савдо гуморида шуд. Садриддин гаҳгоҳе ба дидани додар меомад ва он ҷо баёзи Савдоро мехонд. Дар ин ҷо ӯ бо писари Савдо низ ошно гашт, ки аз зиндагӣ ва махсусиятҳои хӯи падараш қиссаҳо мекард.

Августи соли 1894 Садриддин раҳсипори Вобканд шуд, то аз он ҷо ба Соктаре биравад. Он сафарро ӯ бо шеър тасвир кардааст, ки порае аз он боқӣ мондааст:

*Наҷунбида аз ҷой дам мегирифт,*
*Ҷунин дам ба ҳар як қадам мегирифт...*
*Тапурхок ҳар ҷо бувад бештар,*
*Ба хобидан оғоз мекард хар.*
*Ба хезонданаш мегирифтам зи дум,*
*Ҳамегуфтамаш: «Ҳайя қум, ҳайя қум!»*

## Соли хониши 1894-1895

Омӯзиши «Шарҳи мулло» дар назди домулло Икром идома ёфт. Низ як бахши «Кофия»-ро назди домуллои кунчакияш мулло Абдусалом, бахши дигарашро назди мулло Бозор мехонд. Илова ба дарси қори Нуруллои соҳибҳуҷра, ҳар рӯз панҷ

дарси дигар низ мегирифт. Дар роҳи то дарсхона ва интизории дарсҳо панҷ соати дигар мерафт. Вақти бозмонда ба хӯрокпазӣ ва рӯбучини ҳуҷра сарф мешуд. Шом то вақти хоб дарсҳои гузаштаро такрор мекард, ба дарси нав омода мешуд. Рӯзҳои таътил ҷомашӯии хӯҷаинҳоро мекард ё ба меҳмонҳояшон хидмат мерасонид. Ҳар гоҳ ки фурсат даст медод, девони Соиби Зуҳур-маҳдуму бародарашро мехонд. Тирамоҳи 1894, пас аз марги Аллом-махдум Зуҳур-махдум ин девонро чун ҳақи хидмат ба Садриддин дод.

Дар ин соли таҳсил Садриддин дарсҳояшро ҳамроҳи мулло Иброҳим тайёр мекард, ки қории гурӯҳ буд ва низ ба тахаллуси «Осим» шеър мегуфт. Мулло Иброҳим ба домуллои кунчакии босавод ниёз дошт. Садриддин розӣ шуд ба ивази нони шикам ва сарулибос муаллими ӯ бошад. Тобистони 1895 мулло Иброҳим ба ӯ китоби чопи сангии Ҷомиро тӯҳфа кард.

Соли 1894 Садриддин дар мадрасаи Бадалбек зиндагӣ кард. Ин замон шеърнависии ӯ дигар миёни дӯстонаш овоза шуда буд. Талабаҳои мадрасаи Бадалбек берун аз дарсҳо сурудхониву «гачабозӣ» мекарданд, ки иборат аз ёфтани сангчаи пинҳон дар мушт буд. Дилхушии дигари онҳо «подшоҳбозӣ» буд. Дар ин бозӣ аз роҳи қуръапартой подшоҳу вазиру раису дузд интихоб мегардид. Подшоҳ мепурсид: «Дузд хароб аст ё фарбеҳ?» Агар дузд фарбеҳ (доро) буд, бо супориши подшоҳ бояд каме аз «чарбуяш мебуриданду» (пора мегирифтанду) раҳо мекарданд. Ва агар дузд лоғар (камбағал) буд, бояд 75 чӯб задаву ба зиндон меандохтанд.

Бо гузашти вақт дарсхонӣ дар назди қори Нуруллои ҷоҳил дар мадрасаи Бадалбек ба дили Садриддин зад. Ҳангоми ҷустуҷӯи ҳуҷра бо Қори Исмат, судхӯри «машҳур» Қорӣ Ишкамба ошно шуд, ки дертар шахсияти асосии қиссаи «Марги судхӯр»-и ӯ гашт.

<u>**Соли 1895**</u>. Тобистони ин сол Садриддин бар асари тангдастӣ дастёри кафшдӯз шуд, вале ин ҷо котибӣ ва ҳам кору

зиндагии шогирдони устохонаро назорат мекард.

Ҳамон рӯзҳо Садриддин бо мулло Рӯзӣ ошно гашт, ки дар мадрасаи Бадалбек зиндагӣ мекард. Мулло Рӯзӣ ошиқи адабиёт буд, Ҳофизро ҳама азёд медонист ва соатҳо ба Садриддин шеър мехонд. Садриддин ҳуҷраи ӯро мерӯфт, либосашро мешуст. Ба арзи сипос аз ин хидмат мулло Рӯзӣ ягона дороияш Девони Ҳофизро ба ӯ дод. Мулло Рӯзӣ базмҳои шеъру сурудро дӯст медошт, Садриддин низ, ки мухлиси ин гуна маҳфилҳо гашта буд, то даврони дар Бухоро будан ба онҳо иштирок мекард.

Садриддин ба тадвини баёз сар кард ва дар сафҳаи аввали он навишт: «Оғоз соли 1312». (Ин сана баробар ба 1895 милодист). Дар ин баёз ӯ шеърҳои шоирони классикро, ки писандаш афтода буданд ва намунаҳое аз шоирони ҳамзамонашро гирд овард. Дар он мо байтҳое аз худи Садриддинро низ мебинем. Дар сафҳаи 356 ин байт омадааст:

*Ҳар киро фарзанд агарчи кӯру гунг асту барас,*

*Нури чашмӣ хонаду аз диданаш бошад арас.*

Зери байт бо дасти ӯ навишта шудааст: «Ба худ аҳд кардам, ки ин баёзро ба касе надиҳам». Дар поин имзои «Айнӣ».

Сафҳаи 356 баёзро ранг рехтаву сиёҳ кардааст. Дар кунҷи болои сафҳа ин қитъа сабт аст:

*Эй ки бурдӣ ба орият як бор,*

*Ин баёз аз ману сиёҳ кардӣ,*

*Он чи бо ҳафт сол кардам ман,*

*Ту ба як ҳафтааш табаҳ кардӣ.*

Зери ин дубайтӣ низ имзои Айнӣ дида мешавад.

Баёз бо шеърҳои Ҳайрат ба охир мерасад, ки онро дар рӯзҳои пас аз маргаш дӯстонаш Садриддин Айниву Абдулвоҳиди Мунзим гирд оварда буданд.

## Соли хониши 1895-1896

Дар ин сол Садриддин Айнӣ дар хонишу эҷод ба комёбиҳои хуб соҳиб шуд. Низ аз рӯи китобҳое ки аз

Абдухалил-махдуми хеши Шарифҷон-махдум гирифта буд, ба ҷид саргарми омӯхтани адабиёт шуд. Абдухалил-махдум аз талабаҳои фаъоли мадраса буд, адабиёти тоҷикро хуб медонист, вале дар омӯхтани забони арабӣ мушкил дошт, барои ҳамин аз Садриддин Айнӣ хост ҳамроҳ дарс тайёр кунанд. Ин кор барои Айнӣ душвор набуд, зеро ба сурати пурсу посух сохта мешуд. Абдухалил-махдум инсоне сахиву меҳрубон буд, ба Садриддин хӯроку пӯшок медод ва ҳам пули мадрасаро мепардохт.

Бо Ҳайрат низ Садриддин Айнӣ дар ҳамин сол ошно шуд. Онҳо ҳамсолу ҳамдарс бошанд ҳам, Ҳайрат дар назарияи шеър нерумандтар буд. Аз ин рӯ, Садриддин Айнӣ Мирсиддиқи Ҳайратро дар шоирӣ устоди худ медонист. Нахустин шеъре ки Айнӣ ба Ҳайрат нишон додаву бо маслиҳати ӯ таҳриру такмил карда буд, «Гули сурх» аст.

Аз ҳамон дидори нахуст миёни ин ду ҷавон риштаи дӯстӣ баста гашт ва то вопасин рӯзҳои зиндагии Ҳайрат нагусаст. Ёд аз марги нобаҳангоми ӯ ҳамеша дар дили Айнӣ андӯҳи талх бабор меовард.

Тобистони соли 1896 Айнӣ ҳамроҳи Мирзо Абдулвоҳид ба Ҷондор назди Шарифҷон-махдуми Садри Зиё рафт, ки пас аз хатми мадраса қозии он ҷо таъин шуда буд. Понздаҳ рӯз он ҷо буд.

## Соли хониши 1896-1897

Абдухалил-махдум аз мадрасаи Кӯкалтош барои Садриддин Айнӣ ҳуҷрае харид. Вале Айнӣ ин ҳуҷраро ба бародараш Муҳиддин дод, ки аз шумори хатмкунандаҳои мадраса буд ва он ҷо дарс низ мегуфт. Худ ба ҳуҷраи болои дарвозаи мадрасаи нави Хоҷӣ Зоҳид омад, ки Шарифҷон-махдум такудав кардаву барои бародараш Муҳиддин гирифта буд. Дар ин сол Садриддин Айнӣ назди мулло Абдусалом, домулло Икром ва қозикалон Бадриддин «Шарҳи Мулло» хонд. Берун аз барномаи таълим китоби мантиқи «Шамсия» ва рисолаи динии «Ақоиди Насафӣ»-ро мехонд.

Инак зиндагӣ кадре осон шуда буд, арчанд ҳанӯз на ҳуҷра дошту на пул. Дигар барои рӯзгузаронӣ хонарӯбиву ҷомашӯиву хӯрокпазӣ намекард. Дӯстонаш Абдухалил-маҳдуму Мирзо Абдулвоҳид ҳангоми дарстайёркунӣ зуд-зуд ба ӯ мурочиат мекарданд, зеро Айнӣ сарфу наҳви арабиро хуб медонист ва дар ин бахш хеле пеш рафта буд. Ҳангоме ки дарсҳо хеле душвор шуданд, Миркодир-маҳдуму Ҳомидхочаи Меҳрӣ низ ба онҳо пайвастанд. Ҳамчун арзи сипос барои ёрмандиву дастгириаш дӯстон ба Айнӣ ёрии молӣ мекарданд. Вай ҳамчунин ба шарикдарсаш Насриддин-маҳдуму бародараш низ ёрмандӣ мекард. Бародарон ба ӯ ёрии молӣ мерасониданд. Садриддин ба мулло Камоли Ғиҷдувонӣ низ бидуни манфиате ёрмандӣ мекард, ки талабаи камбағале буду касе ба додаш намерасид. Машғулиятҳо на ба гунаи машқи дарс, балки чун раванди таълим буданд ва аз усули расмии мадраса тафовут доштанд. Зеро Айнӣ инак ҳамчун домуллои кунчакӣ ва мударрис таҷрибаи кофӣ дошт. Низ машғулиятҳо бо падару дарсҳои мулло Авазро фаромӯш накарда буд, ки аз усули таълими расмӣ тафовут доштанд. Домулло Икром ошкоро тарзи нави таълимро дар мадрасаҳои Бухоро тарғиб мекард. Ин ҳама дар зеҳни Садриддин нишаста буд ва ӯ усули нави таълиму тадрисро оғоз кард. Истеъдоди омӯзгории аз даврони ҷавонӣ дар ӯ бапайдо омада дар пешрафти ин кор ба Садриддин ёрмандӣ мекард.

Дар ин сол Садриддин Айнӣ бо панҷ тан аз бошандагони мадрасаи Лаби Ҳавзи Арбоб ошно шуд. Инҳо қорӣ Абдулвоҳид, қорӣ Усмон, қорӣ Шариф, Мирзоиброҳими Субҳӣ ва Ашрафҷони сандуқсоз буданд. Садриддин дӯстони худро низ бо инҳо ошно кард. Бегоҳиҳо пас аз дарс онҳо гирди ҳам меомаданд. Гоҳе овозхонҳо қори Камоли Ҳофиз, қори Наҷми Ҳофиз, мулло Ҳомид Савтии овозадор, Раҳматхоҷаи Танбӯрию шогирдаш Ҳоҷи Абдураҳмон низ ба инҳо ҳамроҳ мешуданд. Ва зуд маҷлисҳои савту наво созмон дода шуд.

Андактар, соли 1900, Садриддин Айнӣ бори нахуст ин ҷо шашмақомхони номдор Ҳоҷи Абдулазизи Самарқандиро дид. Саргармии адабии ин гурӯҳ маҷлиси байтбарак буд, ки бо пешниҳоди қори Усмон, бо илова сохтани панду андарзе ба байт, душвор карда шуда буд. Дар ин бозӣ танҳо қори Усмон, ки панду андарзи зиёд медонист, ба Садриддин Айнӣ пирӯз меомад. Ин гурӯҳ ба номи «Ҳа бозӣ» низ дилхушие доштанд ва ғолиб оне дониста мешуд, ки барои тасдиқи ҳарфи касе ҳеч гоҳ «ҳа» намегуфт, балки «оре» ё «бале» мегуфт. Дӯстон ҳангоми сӯҳбат ҳамеша хислату хӯву рафтору гуфтори нохубу пасти дарбориёну ҳокимони шаҳру рустоҳоро танқиду масхара мекарданд, аз ин рӯ ин мадраса «ғайбатхона» ном гирифта буд.

Мунзиму Ҳайрат ин ҷо рубоие набишта буданд, Ҳомидхоҷаи Меҳриву Мирзо Иброҳими Субҳиву Садриддин Айнӣ қитъае эҷод карда буданд, ки Ҳайрат онро веросторӣ карда буд. Байти аввали он ин аст:

*Ғӯладинго! Бар сари зин менишинӣ хуквор,*
*Ин аҷаб: гургони одамхор дар фармони туст.*

Дар ин даврон Садриддин Айнӣ бо мардуми одӣ, ба вежа ҳунармандон бештар наздику ошно гашт; аз ҷумла бо Ҳоҷи Абдусаломи хайёт ва Ашрафҷони сандуқсоз. Ва низ ба базмҳои савту наво барои шунидани мусиқӣ мерафт.

**Соли 1897.** Баҳори ин сол Садриддин Айнӣ ба Соктаре рафт. Дар Ғиҷдувон буд, ки хабари марги Аҳмади Дониш расид. Бо дили саршор аз ғаму андӯҳ аз хонае дидан кард, ки Аҳмади Дониш чанде он ҷо будааст, сипас ба Пешкӯҳ назди Шарифҷон-махдум омад, то аз забони ӯ оид ба зиндагии ин марди бузург қиссаҳо бишнавад. Ин ҷо бо дафтари дастнависҳои Дониш ошно гашт.

## ЗИНДАГӢ ДАР МАДРАСАИ КӮКАЛТОШ

**Соли 1898.** Дар ин сол Муҳиддини бародари Садриддин мадрасаро хатм кард, оиладор шуд ва ба хонаи хусусӣ рафт. Айнӣ ба ҳамон ҳуҷра дар мадрасаи Кӯкалтош кӯчид, ки замоне Абдухалил-махдум ба ӯ дода буд. Ин мадраса ба бадномӣ машҳур шуда буд; ин ҷо ҷанҷолҳои мастонаю қиморбозӣ аз корҳои ҳамешагӣ шуда буд. Як бахш аз зиндагии ин мадарасаро Айнӣ дар рубоие чунин тасвир мекунад:

*Мероси ман аз моли падар буд хумчае,*
*Он ҳам бубин, ба мадраса вақфи шароб шуд.*
*Ин ҳам шунидаинст, ки сӯфии мадраса,*
*Дар хидмати шаробпазон зарфёб шуд.*

Бо пуштбонии Абдухалил-махдум ва чанд ғиҷдувонӣ, ки дар ин мадраса ба сар мебурданд, зиндагии Садриддин Айнӣ ин ҷо нисбатан ором буд.

**Соли 1899.** Ин ҷо соли 1899 достони «Сайри Ширбадан» ва қитъаи бахшида ба ҳунарпешаи сирк Нина набишта шуд, ки таассуроти ҷашни Наврӯз дар Ширбаданро фаро мегирад.

## БАЛОҒАТ (1900-1907)

**Соли 1900.** Садриддин Айнӣ бо асари Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» ошно мегардад. Дар он даврон Шарифҷон-махдуми маъзул аз мансаб дар Бухоро зиндагӣ мекард. Вай китоби Донишро муваққат аз Сиддиқхони Ҳашмат гирифт ва ба Мирзо Абдулвоҳид пинҳонӣ нусха кардани онро фармуд. Садриддин Айнӣ ва Ҳайрати аз масъала бӯ бурда назди Мирзо Абдулвоҳид мерафтанд ва порахое аз он китобро мехонданд. Вақте ки нусхабардорӣ поён ёфт, Шарифҷонмахдум аз Айнӣ хост нусхаро бо асл муқоиса кунад. Ин гуна Айнӣ ин асарро ҳама хонд. Гарчанд он вақт на ҳама чизи хондаашро фаҳмид, вале нигоҳи интиқодии Дониш ба зиндагии он рӯзи Бухоро ва назму низоме ки аз сӯи амиру дастандаркоронаш ба мардум таҳмил мешуд, ӯро ба ҳайрат оварду асир кард. Ин асари Дониш дар зеҳни Айниву Ҳайрату Абдулвоҳид таъсири амиқ гузошт.

Ин замон Айнӣ дигар пайваста рӯзномаи форсии «Ҳаблулматин»-ро мехонд, ки дар Ҳинд чоп мешуду Ҳайрат барояш меовард. Миркодир-махдум рӯзномаи «Тарҷумон»-ро мерасонид. Айнӣ аз сафҳаҳои ин рӯзномаҳо аз руҳдодҳои дунё огоҳ мегардид.

Кам-кам дар сари ӯ андешаи беҳ кардани низоми таълим дар мадрасаҳои Бухоро ба пайдо омад. Ин андешаро ба дӯстонаш гуфт. Ҳайрат, Мунзим, Абдухалил-махдум, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва Миркодир-махдум ҷонибдор шуданд. Вале дар

шароити он рӯзи Бухоро амалӣ сохтани ин андеша коре буд на осон. Усули маъмулии таълим то ҷое ӯро қонеъ намекард, ки дилаш аз дарсҳои мадраса монда буд, ноҷор он ҷо мерафт, вале бо шавқ аз китобҳои аз дӯстон гирифтааш таъриху адабиёт меомӯхт, ба маҷлисҳои шеър мерафт, суруду мусиқӣ мешунид.

__Соли 1901__. Замистони 1901 Абдухалил-махдум ноҷор шуд ҳуҷраеро, ки дар мадрасаи Кӯкалтош Айнӣ чандин сол дар он зиндагӣ мекард, бифрӯшад.

Даврони дарбадарӣ оғоз гашт. Соли 1901 Садриддин Айнӣ бахшида ба ин мавзӯъ рубоии зеро навишт:

*Дар мадраса ҳуҷраи қулай нест маро,*
*Дар майкада ваҷҳи нуқлу май нест маро.*
*То кай гӯям, ки ину вай нест маро,*
*Бил-ҷумла ба даҳр ҳеч шай нест маро.*

__Соли 1902.__ Бинобар надоштани ҷойи зисти доимӣ, Садриддин Айнӣ замистони 1901-1902 гоҳе назди Сироҷ-махдум дар мадрасаи Кӯкалтош, гоҳе дар назди Мирзо Абдулвоҳид дар мадрасаи мулло Муҳаммадшариф, гоҳе дар назди Абдухалил-махдум дар мадрасаи Ғозиён, гоҳе дар назди Миркодири Байтал, гоҳе дар назди Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ дар мадрасаи Турсунҷон ба сар мебурд.

Поёни замистони соли 1902, пас аз муддати кӯтоҳи будубош дар ҳуҷраи ниматорику намзадаи мадрасаи Домуллошер, ки дар ҳамсоягии мадрасаи Кӯкалтош буд, Садриддин Айнӣ ба хонаи Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ воқеъ дар гузари Пои Остона омад. Ин ҳуҷра дар ошёнаи дуюм буд ва аз сӯи тангкӯча роҳ дошт. (бо ин нишонӣ рӯзномаи «Вақт» ва маҷаллаи «Шӯро» ба дасти ӯ мерасид). Дар ин даврон ғизои асосии ӯ ноне буд, ки писари 15-солаи Изатуллохоҷаи хешаш аз хонаи Муҳиддинхоҷа меовард. Муҳиддинхоҷа хатиб ва мударриси мадрасаи Соктаре таъин шуда буд.

Аълами Бухоро Ғиёсиддин-махдум ҳуҷрае дошт дар мадрасаи Кӯкалтош, ки 4-5 сол боз касе он ҷо зиндагӣ намекард. Айнӣ ки то акнун ба номи касе қасида нанабишта буд, бо тавсияи дӯстон ба номаи Ғиёсиддин-махдум, ки замоне назди ӯ дарс хонда буд, қасидае менависад ва аз ин роҳ ба сарпаноҳ эҳтиёҷ доштанашро изҳор медорад. Ин қасида нимаи аввали соли 1902 иншо гашта буд. Шаш моҳ гузашт, вале аз Ғиёсиддин-махдум посухе наёмад.

Дертар, Шарифҷон-махдум пас аз хондани қасидаи мазкур ба сарпаноҳ ниёз доштани муаллифро пай мебарад ва замистони 1902-1903 аз мадрасаи Кӯкалтош барои Айнӣ ҳуҷрае мехарад. Айнӣ дар ин ҳуҷра то 9 апрели соли 1917, рӯзи ба зиндон андохта шуданаш, 15 сол зиндагӣ мекунад.

Тобистони соли 1902-ро дар ҳуҷраи Сироҷ-махдум паси сар кард, зеро ҳангоми таътили тобистона бародарони ӯ набуданд. Шеъри дар ҷустуҷӯи базм (шабнишиниҳои шеъру суруд) ин ҷо набишта шуд. Ин шеър бо байти зер оғоз мешуд:

*Шаби дӯшина, ки дар гӯшаи саҳнам ҷо буд,*
*Сар пур аз гулгулаву сина пур аз гавго буд...*

Тобистони соли 1902 Айнӣ, Мунзим ва Ҳамдӣ ба навбат дар сари болини Ҳайрат бемордорӣ мекарданд. Шабе ки Ҳамдӣ навбатдор буд, Ҳайрат мурд. Марги Ҳайрат Айниро гирифтори ғаму андӯҳи бузург кард ва ӯ бар марги дӯсташ моддаи таърих гуфт:

*Оҳ, ки аз ҷаври замону рӯзгори бемадор,*
*Турфа рӯзи сахт, ҳоли саъб моро рӯй дод!..*

Ҳамон тобистон Айнӣ ба муддати андак назди Шарфиҷон-махдум ба Каркӣ меравад, ки қозии он ҷо таъин шуда буд. Ин ҷо ӯ бори нахуст бар ивази иншои мактуб ҳаққи қалам мегирад. Шарифҷон-махдуми Садри Зиё як ҷомаи панҷоҳтангаӣ ва 100 тангаи нақд ба Айнӣ медиҳад ва ба услуби нав нигошта шудани номаро таъкид мекунад.

Садри Зиё дар «Тазкори ашъор»-и худ дар васфи Садриддин Айнӣ чунин менависад:

*Ба тарзи наве чун сухангустар аст,*
*Зи ақрони худ дар сухан бартар аст.*
*Чи мазмуни ашъори ӯ ҷумла бикр,*
*Ки ҳаргиз касеро нарафтаст фикр.*
*Агар бингарӣ сар ба сар шеъри ӯ,*
*Зи мазмуни пешин набинӣ дар ӯ.*
*Суханро сазад, гар диҳӣ ихтисос,*
*Мар-ӯро, ки бошад варо тарзи хос...*

Ин ҷо Садри Зиё ба тасдиқи гуфтаҳояш чанд шеъри Айниро шоҳид меорад. Дар ҳошияи нусхаи тазкираи Шарифҷон-махдум, ки моли Садриддин Айнӣ аст (ин нусха «Тазкиратушшуаро» ном дорад), бо хати ӯ набишта шудааст, ки шеърҳои дар тазкира оварда шуда то соли 1903 иншо шудаанд. Яъне ин шеърҳо, ба истиснои шеъри «Дар васфи Самарқанду Бухоро», ки ба даврони пас аз инқилоби Феврали Рус муталлиқ асту он замон Айнӣ ба Самарқанд омада буд, то замони омӯзиши китоби «Муллоҷалол» набишта шуда будаанд.

***

Бояд гуфт, ки кӯшиши тозагӯӣ дар осори нависандагони тоҷик пештар огоз гашта буд. Анҷоми садаи 19 дар адабиёти тоҷик, ки то акнун зери нуфузи сабки печидаву душвори Бедил рушд мекард, равиши нав-кӯшиши содасозии забони адабӣ ба майдон меояд. Дар огози ин кор Аҳмади Дониш истода буд. Айнӣ менависад, ки «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, насри Мирзо Азими Сомӣ, шеърҳои охири Шоҳин, шеърҳои қози Қурбони Фитрат, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, ки аз мухлисони Дониш буд ва низ шеърҳои Музтариб равону фаҳмо нигошта шудаанд. (5, 53-54).

Садриддин Айнӣ ва устодаш дар шоирӣ Мирсиддиқи Ҳайрат аз ҷонибдорони ин равия буданд ва мекӯшиданд аз сабки душвори Бедил канора бигиранд ва дар ашъорашон аз тасвиру тамсилҳои машҳури халқӣ истифода бикунанд. Садриддин Айнӣ то вопасин лаҳзаҳои зиндагӣ содиқ ба ин равия

монд, вай ҷонибдори мафҳумнависӣ буд (на содабаёнӣ), ки ба омма фаҳмо бошад.

**Соли 1903.** Баҳори соли 1903 Садриддин Айнӣ даҳякхӯр шуд. Қитъаи ҳаҷвии «Фаслу боб» низ ҳамон вақт навишта шуд.

Тақрибан анҷоми соли 1903 ё оғози соли 1904 Айниро ночор карданд ҳар ҳафта ё ҳар даҳ рӯз шеърҳояшро ба воситаи қозикалон Бадриддин ба амир Абдулаҳад фиристад, ки худро шоир ва ҳомии шоирон мехонд. Садриддин Айнӣ наздики шаш моҳ ин супоришро иҷро кард. Дар ин даврон махсус барои амир қасидаи «Даҳяю» иншо гашт. Дар оғози он аз порахӯрии даҳякдиҳандагон гуфта мешуд. Мавзӯъҳои иҷтимоӣ дар шеърҳои Айнӣ ба амир хуш наёмад ва ӯ даст аз хондани онҳо кашид.

**Соли 1904**. Бинобар набиштаҳо дар ҳошияи тазкираи Шарифҷон-махдум, Айнӣ ба омӯзиши китоби «Мулло Ҷалол» дар соли таҳсили 1903-1904 ё 1904-1905 оғоз карда будааст. (4).

**Соли 1905.** Хабарҳое, ки аз боби инқилоби русии соли 1905 аз роҳи рӯзномаҳо мерасид, такони чашмгире ба ақлҳо расонида буд. Ленин набишта буд, ки «Капитализми ҷаҳонӣ ва ҷунбиши русии соли 1905 Осиёро ба таври ҳамеша аз хоб бедор карданд. Садҳо миллион аҳолии фаромӯшшудаву ба ваҳшоният расидаи рукуди асримиёнагӣ бедор гаштаву барои зиндагии нав, ҳуқуқҳои ибтидоии инсон ва демократия ба мубориза бархост.» (1, 146).

Дар ин даврон рӯзномаҳо бештар меомаданд ба Бухоро. Аз Боғчасарой «Тарҷумон», аз Ҳинд «Ҳаблулматин», аз Миср рӯзномаҳои порсизабони «Чеҳранамо» ва «Парвариш» мерасиданд.

Китоби Зайнулобиддини Мароғӣ «Саёҳатномаи Иброҳимбек» дар Бухоро машҳур гашт. Дар ин китоб бархе аз бахшҳои зиндагӣ дар Эрон танқид мешуд, ки ба зандагии Бухоро хеле монанд буд. Барои ҳамин ин китоб низ дар ташаккули

андешаву афкори интиқодӣ нисбат ба пояҳои ичтимоии Бухоро нақш бозид.

Дар Бухоро ҷунбише ба пайдо омад, ки намояндагонаш ислоҳоти мактаб, дигар кардани низоми таълим дар мадраса ва барҳам додани бархе аз расму оинҳои кӯҳнашударо талаб мекарданд. Ин гуна дар Бухоро муборизаи «ҷадид»-у «қадим» оғоз гашт.

Мушкили барномаи омӯзиш дар мактабу мадраса, ки аз дер андешаи Садриддин Айниро машғул медошт, ӯро аз фаъолони ин ҷунбиш сохт. Таҷрибаи омӯзгории Айнӣ ва Мунзим, ки то ин дам давоми чанд моҳ як талабаи туркманро басавод карда буд, барои амалӣ сохтани барномаи нави таълиму тарбия дар мактабҳои усули нав, он гуна ки дар Тотористону Қриму Озарбойҷон буд, замина ба миён овард. Абдухалил-махдум, Миркодир-махдум, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ, Мирзо Абдулқодир Муҳиддинов (писари Мирзо Муҳиддин Мансури машҳур, ки баъдтар Садриддин Айнӣ дар заводи пахтааш воқеъ дар Қизилтеппа кор кардааст) аз ҷонибдорони ин ҷунбиш буданд.

Дар Самарқанду Хӯқанду Тошканд инак мактабҳои миллии усули нав фаъол шуда буданд. Дар Бухоро барои бачаҳои торҳои муқими ин шаҳр мактаби хусусӣ кушода шуда буд. Бархе аз тоҷикон низ фарзандонашонро ба ин мактаб медоданд. Вале китобҳо дар ин мактаб ба забони тоторӣ буданд ва бачаҳои тоҷик, ки на забони тоториро медонистанду на ӯзбакиро, аз ин китобҳо истифода карда наметавонистанд. Ин ҳол андешаи кушодани мактаби нави тоҷикиро дар Бухоро бар сари мулло Ҷӯрабой овард. Бояд гуфт, ки бо розигии қозикалони Бухоро Бадриддин, набераащ Аминҷон-маҳдум низ дар ин мактаб мехонд. Вале дере нагзашт, ки ин мактабро бастанд. Аммо андешаи таъсиси мактаби усули нав ва саводнок кардани оммаи мардум аз сари ҷавонони пешқадам бадар намерафт.

**Соли 1906.** Баҳори соли 1906 (ё 1907) Садриддин Айнӣ бо

фаро гирифтани барномаи комили таълим аз фанҳои зер мадрасаро хатм кард:

«Қофия»-сарфу наҳви арабӣ;

«Шамсия»-мантиқ;

«Мухтасари Виқоя»-қонунҳои шариат;

«Шарҳи Мулло»-шарҳи китоби «Қофия»

«Ҳошияи Қутбӣ»-шарҳи китоби «Шамсия»

«Ақоиди Насафӣ»-илоҳиёт.

Шарҳи «Ақоиди Насафӣ»-и Аллома Тафтазонӣ.

«Таҳзиб»-мантиқ ва илоҳиёт.

«Ҳикмат-ул-айн»-натурфалсафа ва илоҳиёт.

«Мулло Ҷалол»-илоҳиёт.

«Ҳидоя»-ин китоб ҳангоми имтиҳон барои гирифтани даҳяк қироат мешуд.

**Соли 1907.** Ин замон Садриддин Айнӣ инак шоири машҳур буд. Шеърҳояш дар чанд маҷмӯъа чоп шуда буданд. Аз ҷумла дар «Тазкиратушшуаро»-и Хоҷа Азимии Шаръӣ, «Афзал-ул-тазкор фи зикрушшуаро»-и Афзал-махдуми Пирмастӣ дар соли 1904, «Шуарои мутааххирини Бухоро»-и Абдуллохоҷаи Абдӣ дар соли 1906 ва «Баёз»-и Идрисхоҷаи Розӣ дар соли 1907.

Садриддин Айнӣ бо дӯстонаш тасмим гирифтанд дар ҳавлии Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, воқеъ дар гузари Дарвозаи Саллоҳхона, мактаби нав кушоянд. Муаллими ин мактаб Мунзим таъин шуд. Барои он ки ҳар бухорой тавонад фарзандашро ба ин мактаб фиристад, омӯзишро ба забони тоҷикӣ раҳ андохтанд. Аммо надонистани асосҳои назарияи таълиму тарбияи усули нав созмондиҳандагонро ба душвориҳои зиёд рӯбарӯ кард. Барои ҳамин Садриддин Айнӣ аз мулло Низом Собитии тотор ёрӣ пурсид. Бо маслиҳати ӯ Айнӣ назди Ҳамид Бурнашев меравад, ки дар хонаааш, дар рӯбарӯи мадрасаи Аттор мактаби усули нав кушода буд. Аз будани чунин мактаб созмондиҳандагони мактаби нав хабар надоштанд ва усули

омӯзишу парвариш дар онро намедонистанд. Бурнашев Айниро бо асосҳои таълим дар мактаби ибтидоӣ ошно кард, барои намуна чанд китоб оид ба усули омӯзишу парвариш низ дод. Пас аз ошноӣ бо маводи мазкур ва шунидани нақли Айнӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ ва Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим рӯзи дигар ба ин мактаб омаданд.

**Соли 1908**. Баҳори соли 1908 Айнӣ ва Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ бори нахуст ба Самарқанд омаданд. Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим ин замон дар Самарқанд дар чопхонаи Демуров кор мекард.

Иброҳими Ҷуръат нохоста дар кӯча се шоири бухороиро дучор меояд, онҳоро ба хонааш даъват мекунад ва ваъда медиҳад, ки овозхони машҳури самарқандӣ Ҳоҷи Абдуазизро ба наздашон меорад. Ҳоҷӣ Абдулазиз, ки Айнӣ борҳо аз ӯ ба некӣ ёд кардааст, то дами субҳ овозхонӣ кардаву хотири онҳоро шод месозад. Иброҳими Ҷуръат ба ифтихори меҳмонони бухороӣ зиёфате шоиста медиҳад ва низ рӯшанфикрони зиёди самарқандиро ба он ҷо мехонад. Ин ҷо Айнӣ бо Абдулқодири Шакурӣ ошно мегардад ва аз мактаби усули нави ӯ дар рустои Раҷабамин дидан мекунад. Пас аз ин, ҳар сол ҳангоми имтиҳонҳои кушоди мактаби Шакурӣ Айнӣ ба Самарқанд меомад. Онҳо бо Шакурӣ дӯстони наздик шуданд ва хидматҳои ин мард баъдтар аз сӯи ҳукумати шӯравӣ қадр карда шуд.

Айнӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва Мунзим ба хотири ошноӣ бо мактабҳои усули нав аз Самарқанд ба Тошканд рафтанд. Пас аз бозгашт аз ин сафар, апрели соли 1908, Айнӣ ба муаллими мактаби тоторӣ пешниҳод кард омода аст дар дарсҳои ӯ барои фарзандони тоҷик тарҷумонӣ кунад ва ин вазифаро то ним сол ройгон иҷро кард.

Ҳама мушоҳидаву омӯхтаҳои Айнӣ аз ин сафарҳо дар мактаби усули нав, ки дар ҳавлии Мунзим кушода буданд, ба кор рафт. Дар ин мактаб фарзандони камбағалон бепул, сарватмандон моҳе бар ивази 3 рубл мехонданд.

**<u>Соли 1909</u>**. Айниву Мунзим барои хонандагони ин мактаб китоби Алифбо навиштанд. Айнӣ ба номи «Таҳзиб-ус-сибён» китоби хониш низ набишт, ки соли 1909 чоп шуд. Бо вуҷуди ин дар мактаб китобу омӯзгор намерасид. Бо роҳе пул бояд ёфта мешуд. Ба ин мақсад ширкати саҳҳомии «Бухорои шариф» созмон дода шуд, ки ҳаққи узвият ба он 25 рубл буд. Ин ширкат соли 1909 дар чопхонаи Оренбург Қуръонро бо таҷвидаш «Тартил-ул-Қуръон» чоп кард. Пули фурӯши ин китоб ба мактаби мазкур сарф карда шуд. Ҳамчунин китобҳои Садриддин Айнӣ «Таҳзиб-ус-сибён» ва «Зарурати диния» низ чоп карда шуданд. Роҳбарони ширкат чанд нафарро барои ошноӣ бо мактабҳои усули нав ба шаҳрҳои гуногун фиристоданд.

Баҳорони соли 1909 дар мактаби тоторӣ имтиҳон оғоз гашт. Айниву Мунзим чанде аз шогирдони мактабашонро ба ин имтиҳон оварданд. Пас аз ин мактаби нав машҳур шуд ва шумори шогирдонаш афзудан гирифт. Мунзим барои калонсолон мактаби шабона низ кушод, ки хуб фаъол буд. Ҳамзамон ҳуҷуми муллоҳои мутаассиб низ меафзуд. Бо вуҷуди он ки одамони машҳури Бухоро, аз ҷумла мударрис домулло Икром, муфтӣ Дониёлхоҷа, садр ва миршаби Бухоро, шоир Мирзо Саҳбо аз ҷонибдорони мактаби усули нав буданд, хатари баста шудан ба он таҳдид мекард, зеро нафарони соҳибнуфузи зиёде онро макони куфр ва барҳамзанандаи қонунҳои шариат медонистанд. Аз тарси он ки то фаросии мавсими имтиҳон мактаб баста гардад, созмондиҳандагони он қарор доданд имтиҳони пешакӣ ташкил кунанд, то мардум ба афзалиятҳои мактаби нав ошно гарданд.

Имтиҳонҳо 8 сентябри соли 1909 доир гаштанд. 26 сентябр бо фармони Остонақул-кушбегӣ, қозикалон Бақохоҷа ва раис Бурҳониддин мактабро бастанд. Ба сокинони Бухоро ҳатто ба мактаби нави тоторӣ додани фарзандонашонро манъ карданд.

Муллоҳои кӯрдил кӯшиданд авоми бесаводро бар зидди созмондиҳандагони мактаби нав шӯронанд. Мирзо Абдулвоҳид аз тарс ба Қаршӣ назди қозӣ Шарифҷон-махдум рафт ва

наздики як моҳ он ҷо буд. Садриддин Айнӣ се ҳафта дар хонаи Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ пинҳон шуд. Аммо фитрати ҷӯяндаю ноором ӯро намегузошт, вай назди аълами Бухоро Ғиёсиддин-маҳдум рафт ва хост ӯро бовар бикунонад, ки мактаби усули нав ихтилофе бо шариат надорад, танҳо мехоҳад фарзандони камбағалро, ки имкони таҳсил дар мадрасаро надоранд, савод омӯзад. Аммо аълам дар фикраш устувор буд. Босавод шудани бачаҳои камбағал ба суди ӯ набуд.

<u>**Солҳои 1910-1911.**</u> Давоми ин солҳо ҷонибдорони усули нави таълим дар Бухоро ҷамъияти махфии «Тарбияи атфол»-ро созмон доданд. Пинҳону ошкор мактабҳои хусусии усули нав кушода шуданд, ки кӯдакону бузургсолонро савод меомӯхтанд. Аъзои ҷамъият миёни мардум манфиати илму донишро тарғиб мекарданд, рӯзномаву маҷалла паҳн менамуданд, тӯдаҳоро ба даст кашидан аз оинҳои кӯҳнашудаи суру сӯги серхарҷ мехонданд. Вале онҳо дониши сиёсӣ надоштанд, оид ба аҳаммияти ҳаракати коргарии Русия ва фаъолияти ҳизби камунист маълумот надоштанд. Бар асари тарғибу ташвиқи онҳо миёни қисмате аз талабаҳои мадраса оғози соли 1911 ҷунбише ба пайдо омад, ки ислоҳоти таълим ва озод кардани талабагони камбағал аз пардохти пули хонишро мехост. Вале ин ҷунбиш низ натиҷае надод. Амирро, ки моил ба қабули ин талабҳо шуда буд, муллоҳои иртиҷоӣ ночор карданд тартибу низоми кӯҳнаро нигоҳ дорад. Домулло Икром ба гуноҳи он ки аз талабаҳо пули таҳсил намегирифт, аз сӯи ҳукумат ва муллоҳо гирифтори таъқибу тазйиқ гардид.

Ин замон Садриддин Айнӣ чун донандаи хуби адабиёти классикӣ машҳур гардид. Олимҷон Идрисӣ, ки шарикдарси Айнӣ дар мадраса буд, ба Истанбул рафт ва оғози соли 1910 номае набиштаву аз ӯ хоҳиш кард дар бораи Бедил муфассал маълумот диҳад. Моҳи марти ҳамон сол Айнӣ бо такя ба «Хизонаи омира»-и Ғуломалихон Озоди Белгиромӣ ва «Ҷомеъ-ул-нафоис»-и Сироҷиддин Алихони Орзу номгӯи асарҳои

Бедилро, ки дар Куллиёташ омада буданд, овард ва бо иловаи пораҳое аз «Нукот» низ мактуби муфассале ба Идрисӣ набишт.

Номаи Айнӣ ба забони тоторӣ тарҷума ва бо кӯшиши Олимҷон Идрисӣ дар маҷаллаи «Шӯро» (1912, шумораи 2) чоп карда шуд. Ин нахустин таълифи Айнӣ дар бораи Бедил буд, ки сипас заминае мустаҳкам барои омӯзиши эҷодиёти ӯ гашт.

**Соли 1912.** Тобистони ин сол Айнӣ ба водии Фарғона сафар кард, ба Марғелон рафт ва он ҷо бо зиндагии коргарони зовутҳои пахта ошно гашт. Бисёре аз мушоҳидаҳои ин ҷояш дертар дар қиссаи «Одина» истифода шуд.

Рӯшанфикрони пешқадами Бухоро аз дер боз мехостанд рӯзномаи худро дошта бошанд. Мирзосироҷи Ҳаким ва Мирзомуҳиддин ба ёрии онҳо расиданд. Инҳо шахсони манфиатҷӯеро пайдо карданд ва аз консулхонаи рус иҷозаи чопро низ гирифтанд.

Оғоз аз 4 марти соли 1912 рӯзноми «Бухорои шариф» ба забони тоҷикӣ арзи ҳастӣ кард. Барои ӯзбакзабонҳое, ки дар баъзе минтақаҳои аморат зиндагӣ доштанд, аз 14 июли соли 1912 рӯзномаи «Тӯрон» чоп шудан гирифт. Инҳо рӯзномаҳои нахустини Бухоро буданд, ки бо иҷозаи консулхонаи рус дар Когон чоп мешуданд. Ин рӯзномаҳо, ки дар оғоз бо пули соҳибкороне нашр мешуданд, аз сентябри соли 1912 тобеъи ширкате гаштанд, ки гурӯҳи рӯшанфикрон созмон дода буданду Мирзо Муҳиддин пулашро медод.

Шӯҳрати рӯзномаҳо рӯз аз рӯз боло мерафт. Ин ҳол ҳам амиррову ҳам консулхонаи русро хуш намеомад, бинобар ин аз 22 январи соли 1913 чопи рӯзномаҳо боздошта шуд. Бахшида ба ин рухдод Айнӣ шеъре навишт, ки байти аввалаш ин аст:

*Э тарҷимаи ҳоли дил, э сафҳаи «Тӯрон»,*
*Чун маҳв шудӣ, монд ба дил доғи фаровон...*

**Соли 1913.** Ошкору ниҳон шумори мактабҳои усули нав зиёд шудан гирифт. Мактаби мударрис Мулловафо, ки дар гузари Пои Остона кушода шуда буд, аз ҳамин шумор буд. Ин мактаб синфҳои русиву тоҷикӣ дошт. Ин гуна мактабҳо дар хонаи Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, дар гузари Лаби Ҳавзи Арбоб ва Мукаммалиддин-махдуми Бурҳон, дар гузари Аталиқ низ со-змон дода шуда буданд. Дар гузари Хиёбон мактабе фаъол буд, ки ба хонандагони хурдсолу бузургсолаш на танҳо савод меомӯзонид, балки дарси ҳисобу ҷуғрофиё низ медод. Ин гуна мактабҳо дар Каркиву Шаҳрисабзу Қарокӯл (ин ҷо дар хонаи қозӣ Икромиддини писари қозӣ Бадриддин) низ кушода шуда буданд. Паҳн кардани китобҳои нав дар бахшҳои гуногуни илму дониш низ оғоз гашта буд, ки дар туманҳои Ғиҷдувону Шофиркому Вобканди Бухоро чоп мешуданд.

Хулоса, талошҳое барои пешрафт оғоз гашта буд. Бо кӯшиши равшанфикрони ҷавон тухми ҷунбиши маорифпар-варӣ, ки ба дасти Аҳмади Дониш корида шуда буд, дар бархе аз ноҳияҳои Бухоро сабзид. Айнӣ аз фаъолони ин ҷунбиш буд.

Давоми солҳои 1909-1914 чор тазкираи дигар навишта шуд, ки шеърҳои Айнӣ вориди онҳо гашта буданд:

1. «Тазкиратушшуаро»-и Неъматуллоҳи Муҳтарам дар соли 1909.
2. «Тазкиратушшуаро»-и Мирмуҳаммадсиддиқ Ҳашмати Бухороӣ, солҳои 1905-1914.
3. «Наводири Зиёия»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё (ёддоштҳо) дар соли 1910.
4. Иловаи Мирзосалимбеки Салим ба «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб»-и Возеҳ, ки соли 1914 дар Тошканд чоп шуда буд.

**Соли 1914.** 5 июли соли 1914 бо фаромони қозикалон Бурҳониддин ҳама мактабҳои усули нав баста шуданд. Аз омӯзгорони ин мактабҳо забонхат гирифта шуд, ки онҳо дар

ҳудуди аморати Бухоро ба омӯзгорӣ машғул намешаванд. Чанд мактаб пинҳонӣ дар хонаҳои Мирзо Муҳиддин ва Ҳоҷи Абдулмаҷид фаъол буданд, ки Мукамалиддин-махдуми Бухороӣ дар онҳо дарс мегуфт. Дар Шаҳрисабз, зери ҳимояти Исломқул тӯқсабо мактабе фаъол буд, ки дар оғоз Атохоҷа дар он дарс медоду сипас Мирзо Юсуфу Низом-махдум. Вале ин мактабҳо чанд талаба беш надоштанд ва талаботи рӯзафзуни мардум ба мактабро қонеъ намесохтанд.

Замони ҷанги ҷаҳонии якум, ки мактабҳои усули нав дигар баста шуда буданд, корҳои маърифату маънавият ба дӯши мағозаи китоби «Маърифат» уфтода буд, ки Айнӣ аз муштариёни доимиаш буд.

<u>**Соли 1915.**</u> Баҳори ин сол Айнӣ бори дигар ба Самарқанд омад. Ин ҷо ӯ бо мактаби «Маориф» ошно гашт, ки мулло Шариф дар хонааш, воқеъ дар гузари Орифхоҷа кушода буд. Мудири ин мактаб мулло Исматулло Раҳматуллозода буд. Айнӣ ҳафт нусха аз китоби «Таҳзиб-ус-сибён»-и худро ба ин мактаб тӯҳфа кард.

Дар ин даврони нуфузи таассуб Айнӣ рӯзномаву маҷаллаҳои зерро мехонд: «Тарҷумон»-и Боғчасарой, «Ҳаблулматин»-и Калкута, «Чеҳранамо» ва «Парвариш»-и Миср, «Иқбол» ва «Тозахабар»-и Боку, «Вақт»-и Оренбург, «Муллонасриддин»-и Тифлис, «Оина»-и Самарқанд ва «Шӯро»-и Уфа. Чанд шеъри тоинқилобии Айнӣ дар маҷаллаи «Шӯро» чоп шуда буд.

Августи соли 1915, рӯзгоре ки Айнӣ дар Соктаре буд, Мунзим назди ӯ омад ва хабар овард, ки қушбегӣ тақрибан 50 танро ба ҳузур хондаву аз онҳо забонхат гирифт, ки минбаъд рӯзномаву маҷалла намехонанд ва ба сиёсат ҳамроҳ намешаванд. Таъқиб авҷ мегирифт. Дунболи бозгашт аз Соктаре ӯро низ ба назди қушбегӣ хонданд. Пеши Айнӣ низ ҳамон талабҳо гузошта шуд, вале чун қушбегӣ дид, ки ӯ даст аз рӯзномахонӣ кашидан намехоҳад, аз зери кӯрпачаи зери пояш рӯзномаеро

берун кашид ва гуфт, ки ӯ низ рӯзнома мехонад, вале инро овоза намекунад; ақалан чунин бояд рафтор кард. Ин гуна ӯ ночор Айниро бидуни кафолат ба шартҳояш раҳо кард.

<u>Соли 1916.</u> Аз сентябри 1915 то апрели 1916 Айнӣ дар зовути пахтаи Мирзо Муҳиддин, воқеъ дар Қизилтеппа, тарозудорӣ кард. Вай ин ҷо бо зиндагии коргарон хуб ошно гашт.

Тобистони соли 1916 Айнӣ ба бисёр ноҳияву рустоҳои Бухоро ва Самарқанду Хуҷанду Фарғона сафар кард. Дар Хуҷанд ба дидани шоири маорифпарвар Тошхоҷа Асирӣ рафт, аз ҳолу аҳволи ситорашинос ва риёзидон Ҳоҷи Юсуф сӯҳбат кард, вале дидани ӯ бароящ муяссар нагашт.

Шӯриши соли 1916-и Хуҷанд таъқиби рӯшанфикронро дар қаламрави аморати Бухоро пурзӯр кард. Октябри соли 1916 Айнӣ назди қозӣ Шарифҷон-маҳдуми Садри Зиё ба Қаршӣ рафт. Дар рустоҳои Қаршӣ ба тарзи ҳаёти деҳқонон ошно гашт. Ин ҷо аз сӯи яке аз наздикони қозикалон баркияе ба ӯ расид, ки аз мударрис таъин шуданаш хабар меовард. Ба хотири зери назар гирифтан ва дуртар аз муҳити коргарӣ нигоҳ доштан, ҳукумати амир ӯро ба яке аз бузургтарин ва сердаромадтарин мадрасаҳои Бухоро-Хиёбон мударрис таъин кард. Аммо вай аз мударрисӣ ва маоши он даст кашид.

Оғоз аз январи соли 1917 рӯзномаҳои русӣ, ҳатто рӯзномаи иртиҷоъие чун «Новое время» озодона бар зидди сиёсати ҳукумати Николайи дувум садо баланд карданд.

<u>Соли 1917.</u> Сокинони Бухоро аз инқилоби феврали рус танҳо 4 марти соли 1917 огоҳ шуданд. Ҳангоме ки хабари сарнагун гаштани шоҳ расид, дар Когон гирдиҳамоиҳо ба амал омаданд. Миёни равшанфикрони Бухоро ҷунбише оғоз гашт, ки намояндагонаш аз қабили ислоҳи дастгоҳи идораи аморат ва танзими ваколатҳои амир, мактабу мадраса, молиёти замин талабҳое ночиз пешниҳод мекарданд. Аъзоёни ин ҷунбиш, ки худро «ҷавонбухориён» мегуфтанд, ба ҳукумати

муваккати Русия баркия фиристода хоҳиш карданд аз амир гузаронидани ислоҳотро талаб намояд. Созмони пинҳонкори ҷавонбухориён ҳама саргарм ба масъалаҳои сиёсӣ буд.

Созмони «Тарбияи атфол» чун пешина машғул ба ҳалли масъалаҳои ислоҳоти мактабу мадраса, тарғиби илму дониш ба мардуми одӣ ва саводомӯзии кӯдакону бузургсолон буд. Сарчашмаи даромадашонро сахт пинҳон медоштанд. Оғози ҳар моҳ Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, қозӣ Саидҷон ва Мирзо Муҳиддини пахтафурӯш ба маблағи калон ҳаққи узвият медоданд. Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Фазлиддин-махдум ва Мирзо Абдулқодири писари Мирзо Муҳиддин бо расонидани ёрии бузурги моддиву маънавӣ ба ҷомиа хидмати шоиста мекарданд. Ҳарчанд Айнӣ ёрии моддӣ расонидан наметавонист, вале хидматаш дар паҳн намудани илму дониш миёни мардум бузург буд.

Пас аз инкилоби феврали рус созмони «Тарбияи атфол» танҳо се бор ҷаласа орост, ки бо баҳси миёни аъзои он ба охир расид. Бархе пешниҳод мекарданд, ки созмон барҳам дода шавад ва аъзои он ба онҳое бипайванданд, ки ислоҳоти низоми идораи ҳукумати амирро талаб мекунанд. Саранҷом пас аз баҳси серӯза ба натиҷа расиданд созмон муваққатан фаъолияташро боздорад. Ба ғайр аз Мирзо Назруллои писари домулло Икром, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Садриддин Айнӣ ва бародараш Сироҷиддинхоҷа боқӣ аъзои созмон ба «Созмони пинҳонкор»-и ҷавонбухориён пайвастанд. Ҳангоми вохӯриҳои ғайрирасмӣ бо роҳбарони «Созмони пинҳонкор» Айнӣ пешниҳод кард, ки чун бархе аз талабҳои ҷавонбухориён баста ба молиёти замин аст, бояд миёни деҳқонон таблиғ шавад. Вале ин пешниҳод натиҷае ба бор наёвард.

Марти 1917 Айнӣ маснавии «Қиссаи парвона ва кирмак»-ро дар тазмин ба як мисраъ шеъри «Аз ҳар даҳан сухане»-и маорифпарвари афғонистонӣ Маҳмуди Тарзӣ навишт.

Ҳамон вақт Айнӣ ба хотири ошноӣ бо рӯҳияи деҳқонон ва таблиғ миёни онон ба рустои Вобканд (дар 24 километрии

Бухоро) сафар кард. Аммо деҳқонон муқобили рӯшанфикрони пешқадам буданд ва намояндагони онро душманони шариату ислом медонистанд. Ин кӯшишҳо, албата рабте ба ғояҳои инқилоб надоштанд, зеро Айнӣ аз ҳаракати коргарии рус чизе намедонист ва дониши сиёсиву инқилобӣ низ надошт.

Ҳукумати муваққат дар ҷавоб ба талаби ҷадидон дар мавриди зарурати ислоҳот пешниҳод кард он дар доираи салоҳдиди амир гузаронида шавад. Дунболи ин намояндаи Шӯъбаи сиёсии консулгарии рус Миллер ҷонибдорони дерини ислоҳот Мирзо Муҳиддин ва Мирзо Мустафокулро ба ҳузур хонд, то бо талабҳои ҷадидон ошно шавад. Арчанд қисми зиёди пешниҳоди онҳо рад шуда буд, Миллер аз тариқи рӯзномаҳо хабар дод, ки амир ҳозир аст ислоҳоти густардае гузаронад. Ҳама чашмбароҳи эълони манифест буданд.

Аминҷон-маҳдуми набераи қозикалон Бадриддин ба Айнӣ хабар дод, ки амир се миллион рубл ба Ҳукумати муваққат додаву хостааст, ки иҷоза диҳад масъалаи ислоҳотро худ ҳал кунад. (Аминҷон-махдум забони русиро медонист, шахси муътамади қозикалон Бурҳониддин буд, аз ҳама корҳои идорааш хабар дошт ва онро ба дӯстони наздикаш мерасонид).

Хабари сарфи се миллион рубл аз сӯи амир зуд ба роҳбарони ҷадидҳо расонида шуд. Чанд рӯз пас, ки Бурҳониддин аз кор сабукдӯш ва ба ҷояш Шарифҷон-маҳдуми Садри Зиё қозикалон таъин шуд, Айнӣ дар хонаи ӯ бо номаи қӯшбегӣ ошно гашт, ки ӯро ҳушдор медод худро аз ҷадидони тарафдори ислоҳот дур бигирад. Ин хабар низ ба роҳбарони ҷунбиши ҷадидҳо расонида шуд. Ин ҳама аз он мегуфт, ки аз «ислоҳоти» ваъдаӣ чизи хубе умедвор набояд шуд ва ба манифести амир бовар набояд кард.

Саранҷом 6 апрели соли 1917 фармони ислоҳот омода шуд ва 7 апрел эълон гардид. Дар ноҳияҳои гуногуни Бухоро ҷадидҳо барои сипосгузорӣ аз амир ба созмон додани тазоҳурот тайёрӣ медиданд.

Айниву тарафдоронаш Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Мирзо

Назрулло ва Сироҷиддинхоҷа қотеъона зидди ин кор буданд. Онҳо даъват мекарданд барои пешгирӣ аз оқибати фоҷиабори гирдиҳамоӣ аз он даст бикашанд. Айнӣ хаттиву шифоҳӣ аз роҳбарони ҷадидону нафарони ба онҳо наздик низ чунин талаб кард.

Пагоҳони зуди 8 апрели 1917 Айнӣ дид, ки ҷавонбухориён одамонро ба гирдиҳамоӣ мехонанд, ба ҳуҷрааш баргашт ва ба шогирди 18-солааш Қосим Қорӣ фармуд, ки баробари оғози гирдиҳамоӣ ба ӯ хабар диҳад. Вале ҷавонак ба тазоҳуркунандагон ҳамроҳ гаштаву супориши Айниро фаромӯш кард. Пас аз ду соат, ки гирдиҳамоӣ парокандаву ҳама роҳҳои фирор барои Айнӣ баста шуда буданд, вай ангушт ба тиреза зад (ӯ дигар наметавонист аз дар дарояд, ҳавлии мадрасаро муллоҳои мутаассибу талабаҳо пур карда буданд) ва хабар овард, ки гирдиҳамоӣ парокандаю созмондиҳандагонаш асосан пинҳон гаштанд, бархе аз иштирокчиён аз сӯи одамони амир дастгир шуданд.

Бегоҳи 8 парели соли 1917 Айнӣ барои фаҳмидани вазъи шаҳр ба хонаи Муҳаммад-маҳдуми писари Қорӣ Абдураҳмон омад. Соҳибхона ба ӯ паноҳгоҳ пешниҳод кард. Аммо фармони ҳабси Айнӣ баромада буд. Аз ин рӯ Айнӣ нахост ҷони одамони бегуноҳро зери хатар гузорад ва ба ҳуҷрааш баргашт. Фирор аз шаҳр дигар ғайримумкин шуда буд. Ҳама дарвозаҳо ба шиддат ҳифз мешуданд. Вай намехост ҳамчун гунаҳкори гуреза ба дасти муҳофизон афтад. Ин гуна ӯ интизори рухдодҳои рӯзи дигар дар ҳуҷрааш монд.

9 апрели соли 1917 пеш аз тулӯъи офтоб барои дастгир кардани ӯ омаданд. Ба воситаи тиреза ба хуҷра даромаданд, ӯро ба кӯча андохтанд ва зери лагад гирифтанд. Дар ин кӯча, рӯбарӯи мадрасаи Кӯкалтош равғангари камбағал Раҳим зиндагӣ мекард. Ин ҳолро дида ӯ ба ҳимояти Айнӣ шитобид ва хитоб кард: «Аз Худо битарсед, одами бегуноҳа накушед!» Дар ҳоле ки Айнӣ ошӯбгар ва душмани «ҷаноби олӣ» амири Бухоро эълон гашта буд, ба ҳимояти ӯ бархестан коре бас

хатарнок буд, бинобар ин, рафтори Раҳими равғангар дар ин ҳол қаҳрамонӣ буд.

Айниро ба Регистон овард анд ва аз миёни сафи сарбозон гузаронида ба Арк даровар данд. Пурсуҷӯ ин ҷо бар он такя мезад, ки қушбегӣ бо тарзабонӣ ӯро дашному таҳқир мекард. Ба вежа қушбегиро ин далел ба хашм меовард, ки наводаи шайхи муътабар Хоҷа Садпирӣ тавониста буд бар зидди амири мусалмонон исён бикунад. Қушбегӣ эълом дошт, ки бар асоси фармони вай Айнӣ ва Мунзим аз кишвар ронда мешаванд. Дунболи ин Айниро ба обхона андохтанд. Зиндоне ки зери асбхонаи Арк сохта шуда буд ва аз сақфаш бар сари зиндониён наҷосат мешорид, чунин номида мешуд.

Соатҳои дахи рӯз дари зиндонро боз карданд ва Айниву Мирзо Назруллоро ба назди қушбегӣ хонданд. Ба пурсиши қушбегӣ «Айнӣ ҳамин аст?» бисёре аз дарбориён ба тасдиқ сар ҷунбониданд. Танҳо Мираточон Танбӯрии қандгар садо баланд кард: «Ин Айнӣ нест». Аммо касе ба ҳарфи ӯ гӯш надод. Нахуст Айниро бар пушти яке аз ҷаллодон бор карданд, дувумӣ дастҳои ӯро дошт, ду нафар аз ду тараф истода ба задани ӯ сар карданд. То ба 75 шумориданд. Дунболи ин ӯро бозпас ба обхона оварда партофтанд. Чанде пас Мирзо Назруллои хуншору беҳушро низ ба он ҷо оварданд.

Соати чори 9 апрел дар Регистон казакҳои сурх ва гурӯҳҳои инқилобӣ пайдо шуданд, ки аз сӯи Совдепи Когон аз Самарқанд даъват шуда буданд. Дарҳои обхона боз гаштанд. Озодшудагонро аз Бухоро ба Когон оварданд. Берун аз дарвозаи Қавола, дар майдони роҳи оҳани камбар гирдиҳамоӣ доир гардид, ки Айнӣ дар он сухан кард.

Захмиҳоро ба бемористони шаҳри Когон бурданд. Ин ҷо 12 апрели (тақвими кӯҳна) 1917 Мирзо Назрулло чашм аз ҷаҳон барбаст. 13 апрел захмиҳои дигар ва ҷасади Мирзо Назрулло аксбардорӣ шуд. Айнӣ 52 рӯз дар бемористон монд ва 25 амали ҷарроҳиро пушти сар кард. Пеш аз сафари Самарқанд Айнӣ ба бародараш Муҳиддин, ки инак осудаҳол шуда буд,

пешниҳод кард қитъаи замини меросии ӯро бихарад. Айнӣ умед дошт пули замин то замони шифо ёфтану соҳиби кор гаштан ӯро мехӯронаду мепӯшонад. Аммо Муҳиддинхоҷаи мазҳабӣ хашмӣ аз он буд, ки додараш ба «ҷунбишҳои нав» иштирок кардаву аз сӯи амир ҷазо гирифтааст. Барои ҳамин ёрӣ ба Айниро рад кард. «Ба кофире, ки бар зидди амири мусалмонон исён кардааст ва аз кишвари мусалмонон ронда шудааст, як тин намедиҳам. Ман ӯро аз мерос маҳрум месозам», гуфт Муҳиддинхоҷа.

Оғози июни соли 1917 Айнӣ дасти тиҳӣ ба Самарқанд омад. Билети қаторро барояш совдепи Когон харид. Ин гуна зиндагии тоинқилобии Айнӣ дар Бухоро ба поён омад.

## ЗИНДАГИИ АЙНӢ ПАС АЗ ИНҚИЛОБ (1917-1954)

*Эй ситамдидагон, эй асирон!*
*Вақти озодии мо расид.*
*Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!*
*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.*

(*С. Айнӣ*).

3 июни соли 1917 қатор ба Самарқанд расид. Инқилобиёни бухороии аз Когон омадаро намояндагони ҳизби «Иштирокиюн»-и Совдепи Самарқанд, аъзои созмони муаллимони «Иттифоқ», ки роҳбараш Эшонқул Мирҷалолов буд, сарбозони ротаи тоторҳо, кумитаи низомии мусалмонон ва аз муаллимони самарқандӣ А. Шакурӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, мулло Исматулло Раҳматуллозода, Муҳаммадраҷаб Муқимзода, Вадуд Маҳмудӣ ва Ҳомид Азаматов пешвоз гирифтанд.

Айнӣ ба хонаи Шакурӣ рафт. Рӯзи дигар бо аъзои созмони «Иттифоқ» дидор кард. Дунболи ин дидор Айнӣ ба ҳуҷраи яке аз мухлисонаш дар мадрасаи Шердор кӯчид.

Се рӯз пас, ҳангоми вохӯрӣ дар клуби «Ҳуррият уйи» (Хонаи озодӣ) Айнӣ аз ҳуш рафт. Ношиносе ӯро ба хонааш воқеъ дар гузари Сӯфи Розиқ овард. Ин нафар як тан аз мухлисони Айнӣ, сардабири рӯзномаи «Ҳуррият» Мардонқул Шоқурбонзода буд. (Мардонқул соли 1919 бо фармони амир дар Қаршӣ кушта шуд).

Як тан аз мухлисони дигари Айнӣ Абдуллоҷон

Абдухоликзода низ дар хонаи Мардонқул зиндагӣ мекард. Абдухоликзода аз дӯстдорони воқеии адабиёт ва донандаи хуби шеър буд. Вай бо дилсӯзӣ Айниро бемордорӣ мекард ва низ зуд-зуд пизишк Белфалдро ба наздаш меовард, дору мехарид, докабандии захмҳояшро иваз менамуд. Ғизои бемор низ ба дӯши хонаводаи Абдуллоҷон, аз ҷумла духтаронаш Муҳаррамхонум ва Музаффархонум афтода буд.

Мулло Исматулло, саҳҳоф Абдулқодири Ҷомеъ, Иброҳимҷон Исомӣ низ зуд-зуд ин ҷо меомаданд ва мекӯшиданд ёрмандие бикунанд ва ба ин роҳ дарди беморро сабуктар созанд.

Июни соли 1917 Айнӣ ин ҷо шеърҳои «Азият ва ҳиҷрон» ва «Кадом гул, ки ба хубӣ зи боғ раста барояд»-ро навишт, ки матлаъаш ин аст:

*Кадом гул, ки ба хубӣ зи боғ раста барояд,*
*Миён ба хидмати ту бандавор баста бароядь...*

Ин шеър дар ҷавоб ба ин байт иншо гаштааст:

*Замини майкадаро то ба рӯзи ҳашр биковӣ,*
*Ба ҷойи пораи хум тавбаи шикаста бароядь.*

Муллоҳои мутаассиби Самарқанд аз исёни Айнӣ бар зидди амир дониставу ҳанӯз пеш аз омаданаш ба ин шаҳр ӯро маҳкум ба марг карда буданд. Акнун ки ӯ ба Самарқанд омадаву сокини хонаи Мардонқул шуда буд, ин муллоҳо бо сардории қозӣ Исохон, эшони Тӯра ва муфтӣ Муллообид, ки роҳбарони асосии созмони мазҳабии «Шӯрои исломӣ» буданд, ҳукм карданд нафаре ки бар зидди амири мусулмонон исён кардааст ва аз кишвари мусулмонон ронда шудааст, мувофиқи шариат наметавонад дар шаҳри мусулмонии Самарқанд зиндагӣ кунад. Ин фармон ба дасти муфтӣ мулло Обид навишта шуда буд.

Айнӣ ин хабарро аз забони Мардонқул Шоҳқурбонзода шунид ва ба Шӯрои Самарқанд муроҷиат кард, то ӯро аз шарри диндорони ҷоҳил ҳифз намояд. Совдеп аз роҳбарони «Шӯрои исломӣ» забонхат гирифт, ки онҳо барои ҳифзи ҷони

Айнӣ масъул ҳастанд. Вале муллоҳо пинҳонӣ Айниро таъқиб мекарданд. Бинобар ин, бо пешниҳоди Совдеп Айнӣ пас аз ду моҳи будубош дар хонаи Абдуллоҷон ночор муддате чанд дар хонаи бародари ӯ Ғиёсмуҳаммад пинҳон шуд. Ин хонаро, ки дар ҳамон гузари Сӯфи Розиқ буд, ҳар шаб бо супориши Совдеп гурӯҳи мусаллаҳи чекистҳо, ихтиёриёни корхонаҳои чарму шароб ва аъзои созмони «Иттифоқ» муҳофизат мекарданд.

Боре, шабона Шаҳриёр ном як тан аз ихтиёриён, ки писари коргари корхонаи чарм буд, қотилеро ки барои куштани Айнӣ фиристода шуда буд, дар боми хона дошт. Дунболи ин руҳдод Айнӣ ночор ҳар шаб ҷои хобашро дигар мекард. Вай дар хонаи Шоҳорифи ошнои деринааш, ки аз созмондиҳандагони мактаби «Маориф» дар гузари Орифхоҷа буд, зиндагӣ мекард. Ин ҷо 23 сентябр шеъри «Панд»-ро навишт. Айнӣ дар хонаи мулло Истматулло Раҳматуллозода дар гузари Сӯфи Розиқ низ зиндагӣ кард ва ин ҷо 28 сентябри соли 1917 шеъри «Саҳаргоҳ»-ро набишт, ки баъдтар вориди нашри дувуми «Таҳзиб ус-сибён» гашт.

Ноябри соли 1917 Айнӣ ба муносибати ҳиҷрат ба Самарқанд ва дар ҷавоб ба таъқиби намояндагони ифротгарои созмони «Шӯрои исломӣ» шеъри «Самарқанду Бухоро»-ро набишт:

*Меҳру шафқат ба замон нест, агар ҳаст-риё,*
*Одамият ба ҷаҳон нест, агар ҳаст-хаёл.*

Айнӣ замоне аз таъқиб раҳо гашт, ки инқилоби Октябр пирӯз омад ва роҳбарии ҳукумати маҳаллӣ ба дасти болшевикон гузашт.

Ин мубориза, ки пиндор бо муҷозоти Айнӣ ва ба зиндон андохтани ӯ ба фоидаи неруҳои иртиҷоӣ анҷомид, дар асл онҳоро ба шикаст рӯбарӯ кард. Айнии афгору бемор, ки ба дасти сарбозони инқилоб аз асорати амир раҳо гашта буд, навмеду дилшикаста нашуд, баракс нафрате бештар дар баробари истибдод, беадолатӣ, ҷаҳолат, таассуб ва ҳамокат дар

ниҳодаш бабор омад. Ва ин нафрат сабаб шуд, ки ӯ Инқилоби Октябрро пазируфт ва бо чунин сатрҳо ситоиш намуд:

*Эй машъали рахшони адолат, зи куҷоӣ?*
*К-имрӯз ба моӣ!*
*Торикии бедод зи гетӣ бизудоӣ!*
*Моно, ки зиёӣ?!*

Ҳар сатри дар даврони пас аз инқилоб набиштаи ӯ оганда аз неруи гарми фошкунанда аст.

Айнӣ дунболи беҳ шудани тандурустиаш хонаи мулло Исматулло Раҳматуллозодаро дар гузари Сӯфӣ Розиқ барои будубоши доимӣ интихоб кард ва то октябри соли 1920 ин ҷо ба сар бурд. Дӯстии ӯ бо Абдуллоҷон то поёни умр идома ёфт. .

Совдепи Самарқанд «Муаллимлар иттифоқи» (Иттифоқи муаллимон)-ро вазифадор кард инқилобчии бухороӣ Айниро бо кор таъмин созад. Ин ҷо танҳо вазифаи хазинадор бесоҳиб буд ва Айниро дар ин вазифа ба кор гирифтанд. Андак пас имкон пайдо шуд ӯро нозири мактабҳои ибтидоӣ таъин кунанд. Якчанд мактаб дар шаҳр зери назорати ӯ буд.

Боре, ҳангоми боздид аз мактабе Айнӣ дид, ки хонандагон дар дарси мусиқӣ «Ироқ»-ро аз Шашмаком машқ мекунанд. Пайдо буд, ки дар барномаи мактаб сурудҳои замонавӣ набуданд, бинобар ин Айнӣ ба онҳо суруди «Саҳаргоҳон»-ро тақдим кард, ки чанде пеш набишта буд.

**Соли 1918.** Дар ин сол шеърҳои «Ба шарафи инқилоби Октябр», «Шаби танҳоӣ» ва шеърҳои дигаре ба забонҳои тоҷикию ӯзбакӣ навишта шуданд. Иншои «Марши ҳуррият», ки номи дигараш «Суруди озодӣ» мебошад, низ дар ҳамин сол аст. Таърихи иншои ин шеър бино бар нақли муаллиф чунин будааст: дар Самарқанди кӯҳна, дар рӯбарӯи мадрасаи Шайбонихон мактаби мусиқӣ будаасту дар он хонандагон ҳар гуна суруду оҳангу маршҳои инқилобиро машқ мекардаанд. Боре ҳангоми боздид аз ин муассиса Айнӣ «Марселеза»-ро мешунавад ва ҳаваси набиштани шеъре, ки тавонанд дар ҳавои

Марселеза ба тоҷикӣ бихонанд, дар дилаш менишинад. Дигар ӯ ҳар бегоҳ ба ин мактаб меомад. Пианинонавоз «Марселеза» менавохт ва зери ин наво мисраъ ба мисраъу банд ба банд суруди «Марши ҳуррият» тавлид мегашт.

Дар ин асар, ки дар қолаби арӯз набишта шуда буд, метавон гуфт Айнӣ шакли нави шеърро ба майдон овард бо нерӯи тавоно, ки ифодагари рӯҳи ҷанговаронаи он солҳо буд. Ин шеър қолабҳои маъмулро мешикаст, унсурҳои тозае бар пайкари шеъри суннатӣ ворид мекард, ки барои асарҳои он замон ногузир буд. Аз кӯшишҳои навҷӯияш, ки дар ҳама асарҳояш мушоҳида мешавад, Айнӣ дертар дар номаи 27 декабри 1948 ба Мирзо Турсунзода набиштааш ёд мекунад: «Ман ба масъалаи вазни шеъри тоҷикӣ аз хурдсолиам сар карда машғул шуда омада бошам ҳам, фикри аз дигар кор карда баромадани ин вазнҳо баъд аз Инқилоби Октябр дар ман пайдо шуд: вақте ки ман «Марши ҳуррият» «Марселеза»-ро навишатан хостам, ба бисёр душвориҳо вохӯрдам. Охир вазни ин сурудҳо мувофиқи он шеъре, ки дар русӣ ба ҳамин вазн гуфта шудааст, бо хусусияти вазни шеъри тоҷикӣ тақтеъ карда дар охир ҳамин вазнро баровардам: «фоилан, фоилан, фоилотун-фоилан, фоилан, фоилан» (чор бор). Дар нақароти ин суруд бошад, «фоилан, фоилан, фоилотун» (се бор) ва «фоилан, фоилан, фоилан» (як бор). Баъд аз он мувофиқи ин вазн «Эй ситамдидагон, эй асирон-Вақти озодии мо расид...»-ро то охир гуфтам.

Аммо фикри дар бораи ин масъала кор кардан дар ман, баъд аз он ки замон ва ҷавонони мо шаклҳо ва вазнҳои навро талаб карданд, қувват гирифт. Агар мо ин масъаларо дуруст кор карда бароем, ба он гуна шаклҳо ва вазнҳои дилчасп роҳ кушода мешавад, ки тамоман мувофиқи талаби замон буда, дар айни замон тамоман ба хусусиятҳои забон ва вазни шеъри тоҷикӣ низ мувофиқанд». (74, 103).

Кӯшиши навиштани асарҳое, ки аз нигоҳи шаклу мазмун ҷавобгӯи талаби замони нав бошанд, бо гузашти вақт дар ниҳоди Айнӣ қавитар мегардад. Навоварии ҳадафнок, бо

синтези кӯҳнаву нав дигар паҳлӯҳои эҷодиёти ӯро низ фаро мегирад. Асарҳои зиёди насрии ӯ ба забонҳои тоҷикиву ӯзбакӣ аз ҷустуҷӯҳои Айнӣ дар ин роҳ равшан шаҳодат медиҳанд.

***

Самарқанд низ монанди Бухоро бо ҳама кӯчаву паскӯчаҳою фазою ҳавояш барои Садриддин Айнӣ азизу ошно гашт. Ӯ бо дилу ҷон Смарқанду боду ҳавои форамаш ва дӯстони меҳрубону содиқу вафодорашро дӯст дошт.

Зиндагии ӯ дар Самарқанд ба назар орому осуда мерасид, аммо ин айём авҷи фаъолияти эҷодиаш буд. Ҳар рӯз то 17-18 соатро ба эҷоди шеъру мақолаҳои публитсистӣ ва асарҳои бадеӣ сарф мекард ва мекӯшид ҳама нерӯяшро ба мустаҳкам кардани қадамҳои нахусти Ҳокимияти советӣ ва ошкор сохтани ҳамоқату ҷаҳолати сохти кӯҳна бахшад.

Ҳама асарҳои муҳимми Айнӣ оғоз аз шеърҳои нахусти инқилобӣ то чор китоби «Ёддоштҳо» дар Самарқанд набишта шудаанд. Айнӣ дар Самарқанд танҳо ба эҷод ва омӯзгорӣ машғул набуд, ин ҷо низ меомӯхт ва тавре худ мегӯяд «дар мактаби Октябр» ба омӯзиши назарияи марксизм-ленинизм аз матбуоти даврии тоҷикию ӯзбакӣ ва асарҳои тарҷумашудаи классикони марксизм, фаъолона шурӯъ кард.

Пас аз инқилоби Октябр иртиҷоъ дар Бухоро авҷ гирифт, ба вежа дунболи ба ном «дасисаи Колесов» марти соли 1918 вазъ буғранҷ гардид. Дар шумори кушташудагони ин дасиса (9 марти 1918) додари шоир Сироҷиддинхоҷа низ буд, ки дар сӯгаш Айнӣ «Марсия»-ро навишт.

Ҳатто дар Самарқанд ҳам ҳукумати амир аз шумори зиддиинқилобиёни маҳаллӣ гурӯҳҳои террористӣ созмон дода буд, ки вазифааш аз миён бардоштани инқилобчиёни бухорой буд. Самарқанд ҳам барои Айнӣ ҷое хатарнок шуда буд.

22 апрели соли 1918 Айнӣ ба Тошканд омад ва то шаш моҳ ин ҷо ба сар бурд. Ин ҷо 19 майи соли 1918 вай ду шеър набишт (76, 195-196).

*Еди айёме ки мо ҳам хонумоне доштем,*
*Дар тарабгоҳи диёри худ маконе доштем,*
*Гарчи озодона бо мо изни гулчидан набуд,*
*Ҳамчу булбул дар гулистон ошёне доштем.*

Шеъри дигар бо мурочиат ба ватан оғоз мегашт:

*Эй ватан,*
*Ғайр аз харобии ту дигар нест корашон,*
*Онҳо, ки иддаои волои ту мекунанд.*

Дунболи бозгашт ба Самарқанд Айнӣ аз октябри 1918 то тобистони 1919 дар мактаби зинаи дуюми гузари Кӯшҳавз кор кард, ки мудираш А. Г. Леменовский буд. Ҳамкасби дигари ӯ дар ин мактаб Абдурашид Абдучабборов буд. Айнӣ дар ин мактаб забону адабиёти тоҷик, таърих ва забони ӯзбакӣ дарс медод.

**Соли 1919.** Айнӣ ҳанӯз дар Тошканд тасмим гирифта буд шаҳрванди Русия шавад. Ба ин мақсад 5 марти соли 1919 бо ариза ба Шӯъбаи корҳои дохилаи вилояти Смарқанд мурочиат кард. Ҳамчунин ба ин ариза дархости сокинони гузари Сӯфӣ Розиқ, ки Айнӣ он ҷо зиндагӣ мекард, дар бораи сокини ин гузар донистани ӯ замима мегашт. Дар ариза чунин омада буд:

*Ба мудири Шӯъбаи Корҳои Дохилаи вилояти Самарқанд*

*Сокини гузари Сӯфӣ Розиқи шаҳри Самарқанд, собиқ шаҳрванди Бухоро Садриддинхоҷа Айнӣ Сидмуродхоҷаев*

*Дархост*

*Дар асоси қарори умумии сокинони гузари Сӯфӣ Розиқ, қисмати Хайрободи шаҳри Самарқанд, дар мавриди бо хоҳиши худам ба қатори сокинони гузари мазкур ворид шудан, хабар медиҳам, ки тақрибан се сол аст, ки дар гузари Сӯфӣ Розиқ зиндагӣ мекунам, 42 солаам, касбам омӯзгори муасисаи олии таълимии мусалмонӣ мебошад, ҳеч гуна амволи ғайриманқул, яъне хона, замин ё боғ надорам. Ба додгоҳ кашида нашудаам, айни ҳол низ дар сабти ниҳодҳои тафтишот нестам. Бинобар ин, хоҳиш дорам дархости маро дар боби*

*пазируфта шуданам ба шаҳрвандии Русия рад нанамоед.*

*5 марти соли 1919, ш. Смарқанд (54 а, шумораи 51)*

Бино бар шаҳодати ин дархост Айнӣ 2 сентябри соли 1919 ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Русия қабул карда шуда ва ба ӯ шаҳодатномаи шаҳрвандии рақами 6638 дода шудааст.

Оид ба сафари Тошканд Айнӣ очерке навишт, ки дар рӯзномаи ӯзбакии «Меҳнаткашлар товуши» (Садои заҳматкашон), ки дар Тошканд нашр мешуд, 14-20 сентябри соли 1919 ба номи «Тошканд хотиралари» ба чоп расид. Оғоз аз соли 1919 маҷаллаи «Болалар йӯлдоши» (Ҳамсафари бачаҳо) чоп шуд, ки дар таъсисаш Айнӣ ширкати фаъол дошт.

Пас аз поёни соли таҳсил (1918-1919) Айнӣ ба сабаби беморӣ омӯзгориро тарк гуфт ва бо маҷаллаи тоҷикии «Шӯълаи инқилоб», ки аз 10 апрели 1919 то декабри 1921 нашр мешуд ва ҳам бо рӯзномаи ӯзбакии «Меҳнаткашлар товуши», ки чопаш аз соли 1918 то соли 1921 буд, ҳамкорӣ оғоз кард.

Маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» чор нафар коргар дошт; Сайидризо Ализода, Ғуломалӣ Козимзода, Ҳоҷӣ Муъин ва Айнӣ. Фахриддини Роҷӣ ҳама шумораҳоро нусхабардорӣ мекард. Қорӣ Тоҷӣ низ ба нусхабардории мақолаҳо машғул буд. Кормандони адабӣ кам буданд. Саҳифаҳои маҷалларо бештар ҳамин чор нафар пур мекарданд. Айнӣ ночор буд бо чанд ном мақола нависад, гоҳе дар як шумора ду то се мақола чоп мекард. Касе ҳаққи қалам намегирифт. Танҳо моҳона мегирифтанд. Худфидоию садоқат ба гунае баланд буд, ки ҳеч гуна душворӣ садди роҳ намешуд. Гоҳе ночор буданд коғазро низ худ пайдо кунанд. Охири соли 1919 Айнӣ ҳамроҳи Ҳасан Ирфон ба Тошканд рафтанд, то 50 пуд коғаз барои чопи иловаи маҷалла пайдо бикунанд.

Соли таҳсили 1919-1920 Айнӣ дар се мактаби Самарқанд нозир буд ва як-ду соат дар яке аз мактабҳо мушовирӣ ҳам мекард.

Дунболи «дасисаи Колесов», ки шиддати иртиҷоъ дар Бухоро ба маротиб боло рафт, шумори гурезаҳо аз ҷумлаи

заҳматкашони ин шаҳр ва ҳатто сарбозони амир ба Тошканду Самарқанд афзуд.

Бояд гуфт, ки пас аз инқилоби Октябр инқилобчиёни бухорой ба гурӯҳҳои мухталиф тақсим шуданд ва ин гурӯҳҳо оянлаи Бухороро ба шаклҳои гуногун медиданд. Як гурӯҳ иртибот бо ҷадидонро батамом қатъ кард ва соли 1918 ташкилоти коммунистӣ созмон дод. Ин ташкилот воқеан муборизаи меҳнаткашон бар зидди ҳокимияти амирро роҳбарӣ кард. Айнӣ узви ин ташкилот набошад ҳам, андешаву ақидааш ба он наздик буд. Гурӯҳи дигар мехост ба ҷои аморат ҷумҳурии буржуазӣ-демократӣ бисозад. Инҳо ҳамон «инқилобчиёни бухорой» буданд, ки худро ҳизби ҷавонбухориҳо меномиданд. Онҳо низ ҷонибдори сарнагун сохтани амир буданд, барои ҳамин Шӯрои тарғиби интернатсионалӣ ин гурӯҳро ҳамчун «омили пешқадами сарнагунсозии ҳукумати истибдодии амиру бекҳо» эътироф карда буд. (52, 124. иқтибос аз 72, 26). Сарвари ин ҳизб Файзулло Хоҷаев буд. Бо вуҷуди дархости Файзулло Хоҷаев ин ҳизб ба ҳайати РКП (б) қабул карда нашуд, зеро «барномааш ба идеалҳои коммунизм бегона буд». Вале КМ РКП (б) «лозим донист дар муборизаи инқилобии он бар зидди аморат» ёрӣ расонад (73, 8-иқтибос аз 72, 28). Ин гуна дар Самарқанду Тошканд ду ҳизб ба майдон омад: «Ҳизби инқилобиёни Бухоро» ва «Ҳизби коммунисти Бухоро». Ҳизби инқилобиёни Бухоро рӯзномаи «Учқун» (Шарора)-ро нашр мекард, маҷаллаи «Тонг» (Сапедадам) нашрияи ҳизби коммунисти Бухоро буд. Баъдтар ба ҷои ин маҷалла рӯзномаи «Қутулуш» (Озодӣ) ба чоп расид. Ин нашрияҳо пинҳонӣ дар аморати Бухоро паҳн мешуданд. Ташкилотҳои мазкур натанҳо дар Бухоро, дар гирду атроф ва ноҳияҳо низ филиалҳои ғайрирасмии худро доштанд.

<u>**Соли 1920.**</u> Тобистони соли 1920 руҳдодҳои инқилобӣ дар Бухоро наздик шудан гирифтанд. Айнӣ бо даъвати Ҳизби коммунисти Бухоро барои ба ду забон-тоҷикию ӯзбакӣ

навиштани лоиҳаи мурочиатномаи ин ташкилот ба мардум, якмоҳа ба Тошканд рафт.

Анҷумани IV ҳизби коммунисти Бухоро, ки дар Чорҷӯй баргузор гардид, 16 августи соли 1920 оид ба сарнагун сохтани аморат бо кӯшиши муштараки коммунистон ва ҷавонбухориён қарор қабул кард.

Ҳангоми боздид аз Тошканд июни 1920 Айнӣ ҳикояи нахустинаш «Фоҷиаи алимаи як ҷавони бухороӣ»-ро ба ношириёте, ки «инқилобиёни бухороӣ» роҳбарӣ мекарданд, супурд. Ҳикоя ҳукумати амиру рӯҳониёни иртиҷоиро, ки нерӯҳои зиддиинқилобиро ба «ҷиҳод»-и зидди «кофирон» даъват мекарданд, фош менамуд. Ҳикояи мазкур аз ин нигоҳ муҳим буд. Вале ҳикоя чоп нашуд, дастнависро гум карданд.

Августи соли 1920 дар маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» ба забони тоҷикӣ ва рӯзномаи «Меҳнаткашлар товуши» ба забони ӯзбакӣ чанд мақолаи Айнӣ оид ба масъалаи вазъи пеш аз инқилобии Бухоро ва инқилоби халқии Бухоро чоп шуд. Дар маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» мақолаҳои зер чоп шуда буданд:

1. «Бояд анҷом дод», 2 августи соли 1920, рақами 45.
2. «Посух ба амири Бухоро», 12 августи соли 1920, рақами 46.
3. «Қарори таърихии як анҷумани фавқулодда», 26 августи соли 1920, рақами 47.

Маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» ва рӯзномаи «Меҳнаткашлар товуши» дар баробари рӯзномаи «Қутулиш», ки ҳизби коммунисти Бухоро аз 28 апрел то 13 августи соли 1920 дар Тошканд нашр мекард ва нашрияи ҳизби ҷавонбухориён рӯзномаи «Учқун» пинҳонӣ дар шаҳру ноҳияҳои аморати Бухоро паҳн мешуд.

Моҳи августи соли 1920 дар вагони поезде, ки аз Самарқанд ба Бухоро мерафт, Айнӣ бо Фрунзе вохӯрд. Аҳмадҷон-маҳдуми Ҳамдӣ низ, ки ҳамроҳи инқилобиён ва коммунистони бухороӣ аз Тошканд ба Когон мерафт, дар ин вохӯрӣ ширкат дошт.

2 сентябри соли 1920 мардуми исёнкарда бо роҳбарии Ҳизби коммунисти Бухоро ва ёрии ҷабҳаи Туркистон ҳукумати

амирро сарнагун сохт ва Ҷумҳурии Шӯравии Халқии Бухоро-ро созмон дод.

Моҳҳои август ва сентябри соли 1920 Айнӣ қиссаи «Ҷаллодони Бухоро»-ро навишт. Қиссаро барои чоп ба нашриёти ҶШХБ супориданд, вале он низ бо баҳонаи гум шудани дастнавис чоп нашуд.

Моҳи октябри соли 1920 Айнӣ духтари Домулло Маҳмуди мударрисро ба никоҳаш даровард ва ба хонаи модарарӯсаш ба гузари Махдуми Хоразми шаҳри Самарқанд кӯчид. Домулло Маҳмуд барвақт ин ҷаҳонро гузошта буд, фарзандонаш Абдулвадуди ҳафтсола, Сабоҳатбегими панҷсола ва Салоҳатбегими сесоларо модаршон Анбарбегим калон карда буд. Ҳангоми хостгории Айнӣ Салоҳатбегим 18-сола буд. Ҳама хешову наздикони арӯс зидди ин хостгорӣ буданд ва ба Анбарбегим мегуфтанд, ки «Айнӣ одами тез аст, як ҳафта пас духтаратон аз зарби мушти шавҳар гурехта ба хона бармегардад». Хешовандон пинҳонӣ нафареро ба Бухоро мефиристанд, то чӣ гуна одам будани Айниро дақиқ муайян кунад, зеро вай на онест, ки мардум мепиндоранд. Онҳо мехостанд аз ин роҳ сури арӯсиро барпо шудан нагзоранд. Вале гумону шубҳаашон нодуруст баромад.

Танҳо модари арӯс Анбарбегим хушбини домод буд. Вай ба одамони донишманд эҳтироми бепоён дошт ва инро ҳамеша ба духтараш низ талқин месохт. Ин ки Айнӣ чун шавҳари марҳумаш мударрис буд ва чун муллоҳои кӯҳна ҷома мепӯшаду салла мемонад ва ба «ҷавонони навбаромад», ки мисли урупоиҳо мепӯшанд, монанд нест, ӯро хуш меомад. Вай ба камбағалии Айнӣ, ки ҳатто сарпаноҳе надошт, парво намекард. Аммо аҷиб ин буд, ки на ӯ ва на духтараш Айниро рӯбарӯ надида буданд. Айниро онҳо ба воситаи асарҳояш медонистанд. Танҳо домод баъзе имконоти интихобро дошт.

Айнӣ дар он замон воқеан камбағал буд. Барои сарулибоси арӯс ва харҷи тӯй аз Мирзо Абдулқодир Мухиддинов 75 рубл қарз гирифт.

Салоҳатбегим аз рӯзҳои нахусти зиндагӣ хуб дарк кард, ки барои фаъолияти босамари шавҳараш чи кор бояд бикунад. Ва ӯ тавонист ҷараёни зиндагиро тарзе созад, ки барои Айнии нависанда лозим буд ва ин ҳавою фазо то вопасин рӯзҳои зиндагии ӯ идома намуд.

26 ноябри соли 1920 дар намояндагии РСФСР дар Бухоро Куйбишев оид ба масъалаи моҳияти инқилоби Бухоро ва инкишофи тиҷорат ҷаласа созмон дод. Дар баррасии ин масъала Айнӣ низ иштирок кард ва аз зарурати ташкили тиҷорат бо РСФСР сухан гуфт. То ҷаласа Айнӣ ба Куйбишев вохӯрда оид ба масъалаҳои муҳимми ҳалталаб, аз ҷумла ташкили нашриёту чопхона дар ҷумҳурии Бухоро ва ёрии Русияи шӯравӣ дар ин маврид гуфтугӯ кард ва ҷавоби мусбат гирифт. Ҳангоми ин сӯҳбат дар бораи имкон доштани чопи асарҳои Айнӣ дар Нашриёти халқҳои Шарқ дар Маскав низ сухан рафт.

Солҳои 1920-1921 силсилаи мақолаҳои таърихии Айнӣ зери сарлавҳаи умумии «Таърихи амирони мангитияи Бухоро» дар маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» чоп шуд.

Дар шумораи 7 ҳамин маҷалла аз 17 феврали соли 1921 ду мақолаи Айнӣ бо номҳои «Ҳафтаи атфол чист?» ва «Ба атфоли хурдсол ёрмандӣ намоед» чоп шуд. Дар онҳо гуфта мешуд, ки ҳар нафар вазифадор аст ба кӯдаконе, ки дар интернатҳои давлатӣ ҳастанд, мувофиқи тавонаш бо пулу ғизою сарулибос ва ҳатто як каф мавизу ғӯлингу чормағз ёрмандӣ кунад.

Ин дар замоне буд, ки бар асари харобиву хушксолӣ дар Поволже Русияро қаҳтӣ фаро гирифт ва кӯдакони зиёд бехонаву падару модар монданд. Вобаста ба ин муборизаи Ҳукумати шӯравӣ бар зидди оварагардии кӯдакон оғоз гашт. Бисёре аз хонаҳои кӯдакони Поволже ба минтақаҳои аз нигоҳи иқтисодӣ осудаи кишвар кӯчонида шуд. Он вақт шумори зиёди хонаҳои кӯдакон ба Осиёи Миёна, аз ҷумла ба Саммарканд низ оварда шуданд. Ҳукумати ҷавони шӯравӣ имкони ҳама хонаҳои кӯдаконро бо маводи лозим таъмин карданро надошт. Барои ҳамин он вақт «ҳафтаи ёрӣ ба кӯдакон» эълон гашта буд. Низ

ба оилаҳое ки имкон доштанд, пешниҳод мешуд, ки аз хонаи кӯдакон бачаҳоро барои тарбия ба хонаҳояшон гиранд.

Ин даъвати Ҳукумати шӯравӣ минбаъд дар тарзи зиндагии хонаводаи Айнӣ барои солҳои дароз нақши вежа гузошт. Айнӣ ҳамчун шахси фаъоли ҷомиа танҳо бо навиштани мақола қонеъ нагардид. Ӯ ки хуб медонист гуруснаю бараҳна мондани кӯдак чист, барои ёрмандӣ ба кӯдакон ҷиддӣ камар баст. Оилаи ӯ, ки он вақт осудаҳол низ набуд, Аҳмад ном писараки бошқирдро ба тарбияти худ гирифт. Андак пас, ки хонаи кӯдакони ин писарак бозпас ба кишвари худаш рафт, ба ҷои ӯ Маҳкам ном писараки бошқирди дигар ба хонаи Айнӣ омад, баъди ӯ Абдулло ном, ки соли 1926 аз ҳамин хонаи Айнӣ ба сафи Артиши Сурх рафт.

Ҳангоме ки ба дунболи ғорату куштори босмачиҳо дар ноҳияҳои кӯҳистони Тоҷикистон бисёр кӯдакон бесаробон монданд ва ба водиҳо фуромаданд, нахуст Сангин аз Фалғар ба хонаи Айнӣ оварда шуд ва ҳангоме ки ӯ ба балоғат расиду рафт, ҳамдиёри ӯ Аҳмад ба ҷояш омад. Замони гуруснагии солҳои 1933-1934 дар Самарқанд, дар хонаи Айнӣ нахуст аз маҳаллиҳо Амонхон ва баъдтар Бозор аз Ургут зиндагӣ мекарданд. Даврони ҷанги ҷаҳонии дуюм Фаттоҳу Неъмат ин ҷо ба сар мебурданду баъди ҷанг Оиша ном духтарак аз Булунғур.

<u>**Соли 1921**</u>. Дар ин сол Айнӣ бидуни моҳона дар консулхонаи Бухоро ба сифати мушовир кор кард. Вай мехост дар ҷараёни корҳо дар Ҷумҳурии халқии Бухоро бошад. Фаъолияти асосии ӯ дар ин давра кори адабӣ ва иштирок дар матбуоти шӯравӣ буд. Моҳонае ки аз идораи маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» мегирифт ба душвор ба як ҳафта зиндагии оилааш мерасид. Аз ин рӯ, мводи асосии ғизоро Айнӣ дар замини фароғатгоҳи бурунишаҳрии модарарӯсаш дар деҳаи Раҷаб Амини канори Самарқанд парвариш мекард.

Соли 1921 шеърҳои «Инқилоб» ва «Ахгари инқилоб»

навишта шуданд. Дар ин давра китоби «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар», ки соли 1920 оғоз карда буд, ба поён бурдаю оғози соли 1921 ба нашриёти ҶХШБ супорида шуд. Ин асар низ чун «Ҷаллодони Бухоро» рӯи чопро надид. Дастхат гум шуд.

Пас аз он ки дастхати сеюм «гум шуд», Айнӣ дарёфт дар нашриёт, ки ба ном «инқилобчиёни бухороӣ» роҳбарӣ мекунанд, одамоне ҳастанд, ки ба навиштаҳои ӯ назари нек надоранду чоп шуданашро намехоҳанд. Бинобар ин, вай қарор дод, ки агар кор минбаъд низ чунин давом кунад, ӯ ночор аст ба чархиосётарошӣ, ки аз падараш омӯхтааст, даст бизанад. Аммо аз навиштани ҳақиқате, ки медонад, даст бознамедорад. Хушбахтона ба зудӣ вазъ дигаргуна гашт ва аз соли 1923 яке паси дигар асарҳояш чоп шудан гирифтанд. 8 декабри соли 1921 шумораи охирини (91) маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» аз чоп баромад, ки мақолаи «Фитнаҷӯён боз хун рехтан мехоҳанд»-и Айнӣ дар он чоп шуда буд. Дар маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб» оғоз аз шумораи 15, 13 июли соли 1919, ки нахустин мақолаи «Оташи инқилоб»-и Айнӣ чоп шуда буд, давоми ду солу панҷ моҳ 67 мақолаи ӯ чоп шудааст.

Шарқшиноси машҳур И.С. Брагинский, ки Айнӣ барои дилбастагиаш ба адабиёту фарҳанги тоҷик эҳтиромаш мекард, дунболи хондани мақолаҳои Айнӣ дар «Шӯълаи инқилоб» навишта буд: «...Пас аз хондани мақолаҳо бештар ба шигифт омадаву ба ӯ офарин хондам. Боварнакарданист; мударриси дирӯза дар як соли ошноӣ бо андешаҳои коммунизм ва болшевикони самарқандӣ, тавонист чун тарғибгари ботаҷрибаи собиқадор оид ба хати мошин ҳизб, тактикаи он, масъалаҳои сиёсии душвори дохилию хориҷӣ мақолаҳо бинависад. Шигифтангез аст! Давоми як сол аз зулумоти асри миёнагӣ ба сохтмони сотсиализм қадам задан ва на танҳо аз равшании он нобино нагаштан, балки ин гуна зуд бо кордонӣ, муваффақонаю содиқона ва бо таъсири чашмгир ба тӯдаҳо ворид гаштан ба мубориза барои пойдорсозии кори Ленин аз тинати

пок ва неруи бузурги аклонӣ мегӯяд...» (82, 334-335).

**Соли 1922.** Баҳори соли 1922 босмачиҳои қӯрбошӣ мулло Қаҳҳор бародари Айнӣ Муҳиддинхоҷаро куштанд. Муҳиддинхоҷа имомхатиби масҷид ва мударриси мадрасаи рустои Соктаре аз шумори одамони мазҳабӣ буд ва фармудаҳои шариатро сахт риоя мекард.

Мулло Қаҳҳорро як тан аз кормандони масъули ҶХШБ Убайдуллохоҷа мусаллаҳ карда буд, ки гӯё бар зидди киссабурҳо ва роҳзанҳо мубориза мебурд, аммо дар асл ба ин баҳона сокинони осоиштаро ғорат мекарду боре ба муносибате тӯй дод ва бошандагони Соктареро низ ба ин нишаст даъват кард. Муҳиддинхоҷа сокинони русторо аз иштирок дар ин ҷашн манъ кард, ки мулло Қаҳҳор ин корро аз ҳисоби пулу моли аз мардум дуздидааш барпо кардааст ва аз рӯи шариат ширкат дар он гуноҳ аст. (37, 113-114).

Пас аз зиёфат мулло Қаҳҳор, ки ошкоро бар зидди ҳукумати шӯравӣ исён карда буд, гурӯҳи босмачиҳоро барои куштани Муҳиддинхоҷа фиристод. Муҳиддинхоҷаро бар дарахт баста тирборон карданд, молу мулкашро ба ғорат бурданд. Занону кӯдаконро дар хонае зиндонӣ кардаву хостанд оташ зананд, вале пирони русто нагзоштанд, ки «ин хонавода авлоди шайх Хоҷа Садирӣ ҳастанд ва рӯҳи ӯ метавонад гунаҳкоронро нобуд кунад», барои ҳамин занону кӯдаконро накуштанд. Писари Муҳиддинхоҷа Муслиҳиддини 18-соларо босмачиҳо ҳамроҳ ба кӯҳҳои Нурато бурданд. Тағои 75-солаи Айнӣ Қурбонниёз ин хабарро шунида ба Нурато рафт ва бо ёрмандии як тан аз ҳамдеҳагон, ки дар гурӯҳи мулло Қаҳҳор буд, Муслиҳиддинро дуздид ва ба Самарқанд фиристод. (Пайдост, ки Қурбонниёз зотан ҷавонмарду далер буд, ҳамеша дар лаҳзаҳои душвору хатарнок ба ёрии ҷиянҳояш меомад. Рӯзгоре ки Муҳиддину Садриддин Бухоро хонданӣ рафта буданд, вай нигаҳбонии Сироҷиддину Кироммиддини хурдсолро ба зимма гирифт. Ҳангоме ки хоҳарзодаҳояш натавонистанд манфиатҳои

худро дар баробари Алихони бародараш, ки ба молу мулки онҳо тамаъ карда буд, ҳимоят кунанд, Қурбонниёз ба ёриашон омад. Тирамоҳи соли 1892, ки Садриддину додараш Сироҷиддин бояд Бухоро мерафтанд, Қурбонниёз худ онҳоро ба шаҳр овард. Марти соли 1918 вақте ки одамони амир Сироҷиддинро таъқиб мекарданд, Қурбонниёз бо вуҷуди он, ки худу оилаашро зери хатар мемонд, нотарсона ӯро дар хонааш пинҳон кард).

Охири соли 1922 Айнӣ ба Бухоро омад ва ба ниҳодҳои салоҳиятдори ҶХШБ муроҷиат кард, ки қотилони Муҳиддинхоҷаро ҷазо диҳанд. Аммо тавре ки худи Айнӣ мегӯяд, қотилон беҷазо монданд. Дунболи каме зиндонӣ шудан, онҳоро раҳо карданд, зеро миёни аъзои ҳукумати ҶХШБ Убайдуллохоҷа ном пуштбону ҳамқадаҳи онҳо буд, ки ҳамроҳашон бузкашиву шикор мекард (37, 115-116).

Ин рухдодҳо ошкор мекарданд, ки дар ин гуна шароит Айнӣ наметавонад дар Бухоро зиндагӣ кунад. Ва ӯ қарор медиҳад дар Самарқанд хона биҳарад ва он ҷо муқимӣ шавад.

Дар шумораҳои 3-8 соли 1922-и маҷаллаи «Инқилоб» мухтасари қиссаи «Ҷаллодони Бухоро»-и Айнӣ ба забони ӯзбакӣ чоп шуд. 18 ноябри соли 1922 дар рӯзномаи «Меҳнаткашлар товуши» бо имзои «Бухородан бир киши» (нафаре аз Бухоро) бахшҳое аз китоби «Материалҳо оид ба таърихи инқилоби Бухоро» ба унвони «Таърихи мухтасари ҷунбиши инқилобӣ дар Бухоро» ба забони ӯзбакӣ чоп шуд. Ҳамин сол Айнӣ ба забони ӯзбакӣ китоби хониши «Қизбола ё ки Холида» (Духтарак ё ки Холида)-ро навишт, ки аз ҳикояҳои хурди дидактикӣ фароҳам омада буд. Ин китоб, ки бо кӯшиши Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим соли 1924 дар Берлин, дар нашриёти «Ковиён» чоп шуд, аз нахустин китобҳо барои мактабҳои шӯравӣ ба забони ӯзбакӣ буд. Дар ин китобак муаллиф муносибаташ ба чизҳо ва неъматҳои моддиро ба хотири тарбияти кӯдакон равшан баён мекунад. Айнӣ ки дар рӯҳияи анъанаҳои олии адабиёти классикии форсию тоҷикӣ тарбия ёфта буд, меъёрҳои ахлоқие, ки

аз сӯи намояндагони ин адбаиёт пешкаш мешуд, низ ҳама пазируфта буд. Вай натанҳо зиндагии одиву содаро тарғиб мекард, балки худ зиндагиашро чунин сохта буд.

Айнӣ ҳанӯз дар хонаи модарарӯсаш ба сар мебурд. Хонае буд хурд, ки як ҳуҷраашро ӯву ҳамсараш банд карда буданд. Ин кулбаҳак ҳам хонаи шишт буду ҳам дафтари кори ӯ. Дар як кунҷи хон мизи пастаке истода буд рӯяш пур аз китобу дастнависҳо. Аз чапу рости миз, дар рӯи гилем ҳам китобҳою варақҳо дида мешуданд. Вай ҳеҷ гоҳ, ҳатто ҳангоми рӯбучин иҷозаи ба онҳо даст расониданро намедод. Шабҳангом дар кунҷи дигари хона ҷойхоб андохта мешуд ва инак дар кафи хона як вачаб ҷои холӣ мемонд. Бом мечакид ва нороҳатӣ бабор меовард; ҳангоми борону об шудани барфи бом, дастнависҳоро наҷот додан лозим меомад.

Садриддин Айнӣ ба масъалаи ёфтану харидани хона ҷиддӣ пардохт. Ҳамсояи онҳо Почо Санохон ном фиребгари машҳур аз масъала бӯ бурда хост хонаи мавҷуд набударо ба Айнӣ фурӯшад ва киса пур кунад. Вале Айниро фиреб додан осон набуд; вай инсоне зирак буд, зиндагиро хуб медонист, одамонро мешинохт. Айнӣ пешниҳод кард, ки ҳуҷҷати хариду фурӯш дар нотариус расмӣ шавад, на чун пешина дар қозихона. Почо Санохон ночор шуд даст аз ин нияти бад кашад.

<u>Соли 1923.</u> Огози соли 1923 Садриддин Айнӣ саранҷом аз гузари Қурғончаи Самарқанд хона харид. Ин ҳамон хонаи Хоҷа Комилбои (Хушкомилбой) савдогар буд, ки аз даврони дар моҳи рамазон дар он ташкил кардани «шаббозор» ба Айнӣ хуш омада буд ва замоне дар он мактаб низ кушода буданду Айнӣ нозири он мактаб буд.

Дар солҳои НЭП онро ба худовандаш баргардонида буданд. Писарони соҳибхона зимистон барфи бомро нагз тоза намекарданд ва хона мечакид. Барои ҳамин Хушкомилбой қарор дод онро фурӯшад. Аммо ҷудоӣ аз ин хона барояш душвор буд. Ду бор онро фурӯхтаву бозпас гирифта буд. Инак

бори сеюм, ки хост хонаро фурӯшад, онҳое ки ин одати Хушкомилбойро медонистанд, ба Айнӣ хабар доданд. Барои ҳамин, Айнӣ пешниҳод кард хариду фурӯшро ба воситаи нотариус расмӣ созанд. Дар қарордод сабт шуда буд, ки ҷониби аз хариду фурӯш пушаймон бояд баробар ба нархи хона ҷарима супорад. Айнӣ пул надошт, барои ҳамин Мирзо Абдулқодир Муҳиддинов, ки ҳамеша дар лаҳзаҳои душвор ба ёрӣ мерасид, 150 рубли тило қарз дод. Айнӣ моҳи сентябри соли 1923 ба ин хона кӯчид ва то вопасин рӯзҳои зиндагӣ он ҷо ба сар бурд. Ҳама асарҳои пас аз сентябри соли 1923 иншо гаштаи ӯ ин ҷо эҷод шудаанд. Китоби вопасини худро (қисми чорум «Ёддоштҳо») низ моҳҳои марту апрели соли 1954 дар ҳамин хона ба поён бурд.

Соли 1923 дар нашриёти давлатии Туркистон дар Тошканд китоби «Таърихи амирони манғитияи Бухоро»-и Айнӣ ба забони тоҷикӣ чоп шуд. Дар ин сол маҷмӯаи шеърҳои ӯ «Ахгари инқилоб» ба забони тоҷикӣ ва «Инқилоб учқунлари» ба забони ӯзбакӣ низ чоп шуданд.

Охири соли 1923 консулхонаи Бухоро дар Самарқанд баста шуд. Дар ҳайати ҳукумати ҶХШ Бухоро дигаргуниҳо ба амал омад ва Айнӣ узви КИМ Ҷумҳурии Бухоро интихоб гардид.

**Соли 1924.** Оғози соли 1924 Айнӣ муваққатан мудири савдои давлатии Бухоро таъин гардид ва дар ин вазифа то сари соли 1925 кор кард.

Дар арафаи ташкили ҶМШС Тоҷикистон рӯзномаи «Овози камбағали тоҷик» (аз 25 августи 1924) ба нашр расид, ки сипас «Овози тоҷик» ном гирифт. Дар шумораи якуми ин рӯзнома мақолаи Айнӣ «Қавми тоҷик ва рӯзнома» чоп шуд. Дар шумораҳои пасин мақолаҳои ӯ дар мавзӯъҳои гуногун ва порае аз қиссаи «Одина» низ чоп шуд.

Иншои қиссаи «Одина» ба забонҳои тоҷикию ӯзбакӣ соли 1924 поён ёфт. Таҳрири аввали қиссаро ба забони тоҷикӣ нусхабардор гум кард, нусхаи сиёҳнавис низ набуд, аз ин рӯ муаллиф ночор буд онро аз нав нависад. Солҳои 1924-1925

бахше аз ин қисса ба унвони «Саргузашти як камбағали тоҷик ё Одина» чоп шуд.

<u>**Соли 1925.**</u> Сентябри соли 1924 дар ҳайати ҶШС Ӯзбакистон Ҷумҳури Мухтори Шӯрвии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Баҳори соли 1925 бо пешниҳоди Раиси Шӯрои Коммисарони Халқи ҶМШС Тоҷикистон Мирзо Абдулқодир Муҳиддинов ҳукумати ҷумҳурӣ бо Садриддин Айнӣ дар бораи иншои тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» қарордод баст.

2 марти соли 1925 Айнӣ ба воситаи рӯзномаи «Овози тоҷик» хабар дод, ки тасмим гирифтааст бо супориши ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон китоби намунаҳои адабиёти ҳазорсолаи тоҷикро, ки дар ҳудуди Осиёи Миёна ҳанӯз аз садаҳои 9-10 вуҷуд дорад, бинависад. Барои дастрас сохтани намунаҳои адабиёти имрӯзи тоҷик Айнӣ ҳар рӯз пас аз кор дар ҷустуҷӯи шоирони барҳаёти самарқандӣ ё хешу табори онҳое ки мурдаанд, кӯчаҳои тангу тору ифлоси шаҳрро мегашт ва аз онҳо бозмондаҳои осорашонро мепурсид, ки воқеан коре сангину тавонкоҳ буд. Нимашабон хаставу лойолуд ба хона бармегашт. Ҳамзамон бо шоирони тоҷики шаҳрҳои дигар мукотиба мекард.

Сентябри соли 1925 китоб омода шуд; 15 марти соли 1925 пешгуфтор навишта шуда буд; бино ба шаҳодати Лоҳутӣ, ки барои шинос шудан бо Айнӣ назди ӯ омада буд, августи соли 1925 сиёҳнависи китоб ба охир расида будааст (45, VII-VIII). То 30 сентябр китоб тозанавис шуд. Ҳаҷмаш 40 ҷузъи чопӣ. Бидуни дастхатҳое, ки мураттиб аз худи муаллифон ё пайвандонашон гирифтааст, 70 сарчашма истифода шуда аст.

Ин китоб ба усули тазкиранигории анъанавӣ иншо гашта, бар зидди пантуркистҳо буд, ки мавҷудияти фарҳанги беш аз ҳазорсолаи тоҷикиро дар Осиёи Миёна рад мекарданд ва мухолифи сиёсати ҳизби болшевикӣ ва ҳукумати Шӯравӣ оид ба тақсимоти миллӣ дар Осиёи Миёна ва таъсиси Ҷумҳурии

Шўравии Сотсиалистии Тоҷикистон буданд. Яки дигар аз ҳадафҳои муҳимми ин китоб гирдоварӣ ва ба оммаи хонандагон расонидани ашъори шоирони инқилобии тоҷик буд, ки дар муддати кўтоҳи 7-8 сол иншо шуда буд ва дар таърихи кишвари шўроҳо фақат оғози хидмати адабиёти тоҷик дар кори сохтмони сотсиализм ҳисоб мешуд. Дар ин китоб ашъори шоироне низ ворид гардида буд, ки андак пас дар таърихи адабиёт тоҷик ҷойгоҳе сазовор ишғол намуданд. Ба намуна Ҳамдӣ, Мунзим, Пайрав ва Лоҳутӣ, ки рўҳи инқилобии шеърҳояш дар қиёс бо дигарон назир надошт, беҳуда дар радаи аввал ҷой нагирифта буд.

Дере нагзашт, ки перомуни китоб баҳсҳои ҷиддӣ оғоз гашт. Пантуркистон ба ҳар роҳ мехостанд чопи китобро, ки бо далелу бурҳон мавҷудияти тоҷиконро дар Осиёи Миёна аз замонҳои қадим исбот мекард, боздоранд. Танҳо дахолати Коммантерн душманонро ночор кард хомўш гарданд. Ваколатдори Наркоми корҳои хориҷии СССР дар Ўзбакистон А. Знаменский ба ҳимоят аз «Намунаи адабиёти тоҷик» садо баланд кард. Дар номаи ба унвони КМ Бюрои Осиёи Миёнаии ВКП (б) ва КМ КП (б) Ўзбакистон ирсол доштааш аз ҷумла навишта буд: «Ҳимоят аз ҳуқуқи тоҷикон дар мавриди меросбари фарҳанги куҳани ин диёр буданашон аз ин нигоҳ муҳим аст, ки агар мубориза барои нуфузу таъсири фарҳангию сиёсӣ дар Шарқ миёни кишварҳои порсизабон, аз ҷумла Эрон, Афғонистон ва қисмати бузурге аз Ҳиндустон ба назар гирифта шавад. Бадеҳист, ки маҷмўаи тоҷикӣ дар ин кишварҳо ҳама ҷо хонандаи худро меёбад». (иқтибос аз 54 а, рақами 79). Абулқосим Лоҳутӣ ва мудири Нашриёти марказии халқҳои СССР Назир Тўрақулов низ дар нашри «Намунаи адабиёти тоҷик» саҳми калон доштанд.

Дасисаи пантуркистон аммо идома дошт.

**Соли 1926.** Анҷоми соли 1925 ва оғози соли 1926 дар саҳифаҳои рўзномаи «Овози тоҷик» давоми се ҳафта оид ба

забони муосири тоҷик баҳс идома кард. Як тан аз созмондиҳандагони ин баҳс Айнӣ буд, ки пас аз анҷоми он бо чопи мақолае онро ҷамъбаст кард. Ин баҳс омодагӣ ба конфронси равшанфикрон ва ходимони фарҳанги Ӯзбакистон буд, ки январи соли 1926 дар Самарқанд бояд мегузашт. Аъзои ҳайати Тоҷикистон дар ин конфронс Нусратулло Маҳдум, Ш. Садруллин, М. Хоҷаев, Абдулқодири Мунзим, В. Маҳмудӣ, Нисор Муҳаммад, С. Бурҳонов, К. Ҳусейнзода, А. Абдуллозода, А. Ҳасанов ва Садриддин Айнӣ буданд. Айнӣ дар суханрониаш ходимони фарҳангро даъват кард донишу маърифати таърихию адабиро миёни оммаи захматкашон паҳн кунанд.

Соли 1926 дар Нашриёти марказии халқҳои СССР ду китоби Айнӣ-«Материалҳо оид ба таърихи инқилоби Бухоро» ва «Намунаи адабиёти тоҷик» чоп шуд. Пантуркистҳо пас аз чопи китоб ҳам даст аз тӯҳмат бознадоштанд. Онҳо даъво мекарданд, ки шеъри машҳури Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме», ки дар Намуна омадааст (5, 98), даъват ба бозпас овардани амири фирорӣ ба Бухоро аст. Танҳо ҳимояти шарқшиносони рус он вақт китобро аз нобудӣ наҷот дод. Аммо душманон бо ёрии ҳомиёнашон тавонистанд китобро дар Маскав ба муҳокимаи ҷаласаи КМ комсомол кашанд ва соли 1930 онро манъ созанд (5, 98). Ҳама нусхаҳои «Намунаи адабиёти тоҷик» ҷамъ ва нобуд карда шуд. Аммо китоб танҳо аз сӯи хонандаи шӯравӣ эътироф нашуда буд, соли 1927 олими машҳури эронӣ Саид Нафисӣ тақризе навиштаву аз ҷумла оварда буд: «Барои ҳар касе ки дар адаби порсӣ кор мекунад, лозим аст, ки як нусха аз ин китоб бо худ дошта бошад ва бар ҳар Эронӣ фарз аст, ки лоақал як бор ин китоби нафисро, ки азизтарин раҳоварди бародарони Туркистонии мост, бихонад» (54 а, рақами 97).

15 июни соли 1926 Айнӣ ба сифати муҳаррири адабӣ ва мушовири илмӣ ба Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар Самарқанд ба кор даъват шуд. Ин ҷо ӯ дастнависҳо, тарҷумаҳо ва китобҳои дарсии ҳама фанҳоро веросторӣ мекард. Яке аз

шогирдони Айнӣ Раҳим Ҳошим овардааст: «Рӯзҳои нахусти ташкил шудани Нашриёти давлатии Тоҷикистон ҳама китобҳои бадеию дарсӣ аз таҳрири Айнӣ мегузаштанд. Таҳрир? «Таҳрир» гуфтани кори он замони устод, ҷоиз нест. Вай ҳар истилоҳро аз нав месохт. Тамоми рӯз ҳашт соат ҳама ҳушу ёдаш фурӯ рафта дар дастнависе буд, ки веросторӣ мекард» (78, 21).

Кормандони нашриёт Абдурашид Абдуҷабборов, Тӯрақул Зеҳнӣ, Сайидризо Ализода, Ҳасан Ирфон, Қӯқандбой Абдухолиқзода, Назрулло Бектош (Ҳайдаров) ва Садриддин Айнӣ буданд.

Соли 1926 маҷаллаи «Дониш-биниш» ба нашр расид, ки дар шумораи аввалаш мақолаи Айнӣ «Кишваршиносӣ» чоп шуда буд. Ин маҷалла андак пас «Раҳбари дониш» ном гирифт.

**Соли 1927**. Дар ин сол муҳаррири нави рӯзномаи «Овози тоҷик» Айниро ба кор ҷалб кард. Бо пешниҳоди Айнӣ шоири боистеъдод Пайрав Сулаймонӣ ва чанд тан ходимони адабӣ ба кор даъват шуданд.

Яке аз масъалаҳое ки Айнӣ дар саҳифаҳои «Овози тоҷик» ба миён гузошт, масъалаи забон буд. Баҳс перомуни забони адабии тоҷик ҳам барои беҳ кардани вазъи умумии забони адабӣ ва ҳам муайян кардани сабки рӯзномаҳое буд, ки барои тоҷикони Фарғона, Рашт, Панҷекат, Хуҷанд чоп мешуданд ва низ адабиёти даврӣ ва саҳифаҳои тоҷикии рӯзномаи «Озод Бухоро».

Навгонии дигаре, ки зери назари Садриддин Айнӣ дар рӯзнома роҳандозӣ шуда буд, сафҳаи ҳафтаинаи адабиёт ва ҳунар буд, ки шеъру ҳикояҳои шоиру нависандагони муосир Пайрав Сулаймонӣ, Ҷалол Икромӣ, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Абдусалом Деҳотӣ, Зафар Диёр, Ойдин Собирова, Мунаввара Худойбердиева, Музаффара Рустамова, Набӣ Фахрӣ ва фелетонҳои К. Баҳлулзода чоп мешуданд.

Соли 1927 қиссаи «Одина» ба сурати китоб чоп шуд. Айнӣ романи «Моҳи нав»-и нависандаи фаронсавӣ Дюшенро бо таҳрири фарогир аз ӯзбакӣ ба тоҷикӣ ба номи «Қамар» тарҷума кард. Солҳои 1927-1929 романи «Дохунда»-ро навишт.

<u>**Соли 1928.**</u> Дар ин давра Айнӣ мақолаҳои «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» ва «Забони тоҷикӣ»-ро навишт. Ҳар ду мақола дар шумораҳои 4-5 ва 11-12-и маҷаллаи «Раҳбари дониш» чоп шуд. Ин мақолаҳо дар давраи омодагӣ ба конфронси оид ба масъалаҳои забоншиносии муосир ва ҷорӣ намудани алифбои нави лотинӣ навишта шуда буданд. Вай ҷонибдори лоиҳаи А. А. Фрейман буд ва тағйиротҳое ба он ворид карда буд, аммо ин лоиҳа пазируфта нашуд.

Соли 1928 Айнӣ қиссаи наҷандон калони «Аҳмади девбанд»-ро навишт. (Ин қисса ба унвони «Ахмад-повелитель дивов» ба русӣ тарҷума шуд, аммо дурусташ «Ахмад-заклинатель дивов» аст). Қиссаест шарҳиҳолӣ, вале сабаби чунин унвон гирифтанаш Аҳмад ном писараки сахт хурофотӣ аз Фалғар будааст, ки он замон дар хонаи Айнӣ зиндагӣ мекард.

<u>**Соли 1929.**</u> Соли 1929 дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» (шумораи 7) ҳикояи «Моҳрӯй» ва дар маҷаллаи ӯзбакии «Маориф ва укгувчи» ҳикояи «Қулбобо»-и Айнӣ чоп шуд. Аз ин ҷо омодагии нависанда ба иншои романи «Ғуломон» оғоз гардид.

Айнӣ аз соли 1929 то соли 1938 узви КМИ Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон интихоб шудааст, ки октябри соли 1929 таъсис ёфта буд.

<u>**Соли 1930.**</u> Соли 1930 бо қарори Коммисариати маорифи ҶШС Тоҷикистон оид ба таълифи дуҷилдаи «Луғати русӣ ба тоҷикӣ» дар Самарқанд кор оғоз гашта буд. Аъзои ҳайати таҳрири он С. Ализода, А. Исмоилзода, Раҳим Ҳошим, М. Юсуфӣ ва

Садриддин Айнӣ буданд. Ҷилди аввали луғат соли 1933, ҷилди дувумаш соли 1934 чоп шуд.

Соли 1930 дар Самарқанд конфронси илмӣ оид ба масъалаҳои забони адабӣ ва имло даъват карда шуд, ки Айнӣ дар он иштироки фаъол дошт. Дар ин конфронс ҳама тағйироте, ки Айнӣ ба лоиҳаи алифбои нави лотинӣ пешниҳод карда буд, пазируфта шуд.

Ҳамин сол романи «Дохунда» ба алифбои форсӣ дар Қазон нашр гардид. Аммо ин сол барои Айнӣ он қадар бобарор набуд.

Тавре ки медонем, соли 1926 китоби Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» чоп шуда буд. Оид ба ин китоб ӯ дар қиссаи «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» навиштааст: «Ин асар дар замони худ ба фоидаи сиёсати миллии партия роли калон бозӣ кард. Чунки дар он вақтҳо пантуркистон ба муқобили тақсимоти миллӣ иғво паҳн мекарданд ва ин сиёсати миллии партияро «парча-парча кардани туркҳо» мешумориданд ва бар зидди барпо шудани Ҷумҳурияти Советии Тоҷикистон бошад, боз ҳам сахттар иғво паҳн мекарданд: «Дар Осиёи Миёна тоҷик ном халқ нест, ҳамон ӯзбаконанд, ки бо таъсири Эрон ва мадраса забони худро гум кардаанд» мегуфтанд. Ана ин асар-«Намунаи адабиёти тоҷик» бо фактҳои таърих пардаи он иғвогаронро даронид ва ба даҳони онҳо мӯҳри хомӯшӣ зад» (37, 118).

Воқеан Айнӣ дар ин китоб бар ососи маводи сершумори адабӣ, ки ҳазор солро фаро мегирифт ва осори бузургоне чун Рӯдакӣ, Сино, Амъак, Камол, Адиб Собир ва аз ин шуморро дар худ гунҷонида буд, мавҷудияти фарҳанги тоҷиконро аз замонҳои қадим дар сарзамини Осиёи Миёна исбот мекард. «Намунаи адабиёти тоҷик» дар ҳалли тақдири тоҷикон нақши сарнавиштсоз бозид. Вале сарнавишти худи китоб ғамангез шуд, соли 1930 фурӯши онро манъ карданд.

Соли 1930 Нашриёти давлатии Тоҷикистонро нахуст ба Тошканд ва аз он ҷо ба Сталинобод кӯчониданд. Дар Самарқанд филиали он таъсис дода шуд, ки Айнӣ он ҷо кор

мекард. Инчунин ба кори филиали нашриёт Х. Бакозода, Б. Ҳочизода, А. Деҳотӣ, А. Пирмуҳаммадзода, Л. Бузургзода, Ҳ. Ахрорӣ, К. Лутфуллоева ва дигарон чалб шуда буданд.

Июни соли 1930 дар Сталинобод конфронси илмӣ оид ба масъалаи забоншиносӣ доир гашт, ки дар кори он экспедитсияи ичтимоию иктисодӣ бо раҳбарии узви Коммінтерн Т. Дамбалов иштирок кард. Дар ин конфронс нависанда Бруно Ясенский ва Н. С. Нерсесян, ки дертар корманди масъули КМ ҳизби коммунисти Точикистон шуд, низ иштирок доштанд. Шаркшиносони рус А. А. Семенов, М. С. Андреев, А. Э. Шмидт, А. М. Дяконов низ дар кори конфронс ширкат карданд. Аз рӯшанфикрони точик Садриддин Айнӣ, Абулкосим Лоҳутӣ, Баҳром Сирус, А. Суҳайлӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Сотим Улугзода, Б. Икромӣ, Чалол Икромӣ, М. Сарвар, Раҳим Ҳошим, Тӯракул Зеҳнӣ, Обид Исматӣ, Муродзода ва А. Шаҳаншоев иштирок доштанд. Яке аз масъалаҳои конфронс талаффузи садоноки «о» дар забони точикӣ буд, ки муродиф ба «а»-и форсӣ меомад. Айнӣ дар суханрониаш аз тарзи талаффузи точикии он химоят кард, ки саранчом пазируфта шуд.

- <u>**Соли 1931**</u>. Дар ин сол Ҳукумати Точикистон Айниро бо Ордени Сурхи Меҳнат сарфароз гардонид. Дар ин бора дар суратмачлиси раёсати КИМ ЧШС Точикистон омадааст: «Хидматҳои нависандаи точик рафик Айниро ёдрас намуданд.

Карор карданд: Бо дар назар гирифтани хидматҳои рафик Айнӣ дар инкишофи забон ва адбиёти точик, ба вежа ба муносибати аз чоп баромадани романи нахустини ӯ «Дохунда», инчунин суханрониҳои зиёдаш дар гузашта бар зидди истибдоди амирӣ, ки дар натича ба таъкибу чазои чисмонӣ гирифтор гардид, зурур дониста шуд ба шарафи даҳсолагии инкилоби пролетарӣ дар Осиёи Миёна рафик Айнӣ бо Ордени Сурхи Меҳнати Чумҳурии Шӯроии Сотсиалистии Точикистон сарфароз гардонида шавад» (53, 20-21).

**Соли 1932**. Дар ин сол Айнӣ узви кумитаи ташкилии Иттифоқи нависандагони СССР шуд. Ҳамин сол ӯ ба ҳайати таҳрири маҷаллаи «Советская литература народов Средней Азии» шомил гардид. Соли 1932 бо ташаббуси Айнӣ дар Самарқанд «Иттиҳодияи нависандагони пешқадам» созмон дода шуд. Аз вазифаҳои муҳими иттиҳодия омодагӣ ба Анҷумани якуми нависандагони СССР буд.

Соли 1932 ташкилоти нависандагон дар Душанбе аз нав сохта шуд ва маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» чоп шудан гирифт, ки як тан аз куҳансолтарин рӯзноманигорони тоҷик Маъруф Расулӣ сардабири он таъин гардид ва Аҳмадҷон-махдуми Ҳамдӣ узви ҳайати таҳрираш буд. Айнӣ ҳам дар кори ташкилоти нависандагон ва ҳам маҷалла иштироки фаъол дошт.

Бино бар мақолаи Айнӣ «Мен нима қилдим?» (Ман чи навиштам?), ки марти 1932 чоп шуда буд, вай ин замон пас аз «ду замистону як тобистони кор» сиёҳнависи романи «Қуллар»-ро (Ғуломон ба забони ӯзбакӣ) тамом карда будааст (35, 7). Пайдост, ки кор рӯи нусхаҳои тоҷикию ӯзбакии роман ҳамзамон идома доштааст. Соли 1933 кори «Қуллар»-у «Ғуломон» ба поён омад ва Айнӣ нусхаи ӯзбакиро веросторӣ карда ба нашриёти давлатии Ӯзбакистон супурд.

Моҳи октябри соли 1932 Айнӣ ба Тошканд омад, то ҳамроҳи дигар аъзои кумитаи тадорукоти Иттифоқи нависандагони СССР барои иштирок дар Ҷаласаи кумитаи ташкилӣ ба Маскав равад. Аммо беморӣ нагузошт ӯ сафарро идома диҳад ва ночор дар Тошканд монд. Ин ҷо ӯ бахшида ба солгарди таъсиси рӯзномаи «Правда Востока» шеъри «Даҳ сол»-ро навишт. 13 ноябри соли 1932 дар рӯзномаи «Известия» дар Маскав шеъри бахшида ба Тоҷикистон навиштаи ӯ «Понздаҳ сол» чоп шуд.

**Соли 1933.** Ҳукумати Тоҷикистон ба Айнӣ нафақаи инфиродӣ таъин кард. Дунболи ин ӯ нашриётро тарк гуфт ва ҳама ба эҷод машғул шуд.

Июни соли 1933 Айнӣ дар деҳаи Зимчуруди Варзоб, дар осоишгоҳи Совнарком дам гирифт. Ин ҷо ӯ ба муносибати сисолагии фаъолияти адабии Лоҳутӣ шеъри «Соиқа»-ро эҷод кард. Аз ин ҷо Айнӣ чанд нома оид ба манзараҳои ин макон ва тағйири табиати он навишта ба Самарқанд фиристод.[4]

Августи соли 1933 Айнӣ ба Бухоро омад, ба Ғиҷдувон ва зодгоҳаш Соктаре низ рафт.

<u>**Соли 1934.**</u> Моҳи марти соли 1934 бо дархости маҷаллаи «Наши достижения»-и Горкий Айнӣ дунболи боздид аз Соктаре очерки «Колхози Коммунизм»-ро навишт. Дар ҳамин давра дар Тошканд романи «Қуллар» чоп шуд.

Соли 1934 дар Сталинобод Анҷумани якуми нависандагони Тоҷикистон баргузор шуд. Дар ин анҷуман Айнӣ вакили Анҷумани якуми нависандагони СССР интихоб гардид.

Августи соли 1934 Айнӣ дар кори ин анҷуман дар Маскав иштирок кард. Суханронии ӯ дар ин анҷуман ба ҳунари нависандагӣ бахшида шуда буд. Дар ин анҷуман Айнӣ узви раёсати Иттифоқи нависандагони СССР интихоб шуд.

Дунболи дилору гуфтугӯ ба Горкий, ки хотироти фаромӯшношуданӣ бар ҷой гузошта буд, Айнӣ дар бораи ӯ мақолаҳои зерро навишт: «Зиндаи абадӣ»-соли 1936, «Омӯзиши ман аз Максим Горкий»-соли 1937, «Буюк устознинг унутилмас хотираси»-1938, «Симои фаромӯшнашаванда»-соли 1946 ва «Падари тарбиятгари адабиёти советӣ»-соли 1951.

Соли 1934 ҷомиаи пешқадами ҷаҳон 1000 солагии Абулқосим Фирдавсиро ҷашн гирифт. Бахшида ба ин сана Айнӣ мақолаи «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ»-ро навишт, ки дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» чоп шуд. (№8, с. 1934).

Ҳамон сол қиссаи «Мактаби кӯҳна»-ро навишт. Оид ба ин

---

[4] Ин номаҳо то давроии будубош дар Самарқанд дар хона буданд, дунболи кӯч ба Сталинобод соли 1955 гум шуданд.

қисса Айнӣ дар номааш ба Лоҳутӣ чунин менависад: «Аз чизҳои тозае, ки имсол навиштам, ин аст: ба ман аз институти тадқиқотии педагогии Маскав як мактуб омад ва дар он мактуб хоҳиш карда буданд, ки ман дар бораи мактабе, ки худам хонда будам (мактаби ибтидоӣ), як очерк нависам. Ман ин очеркро дар ҳаҷми тахминан ду лист навиштам. Дар ин ҷо тарҷума кунонида ба русӣ ба институти мазкур фиристодам» (74, 101).

Маҷмӯаи шеърҳои «Ёдгорӣ» низ ҳамон вақт тартиб дода шуд.

Дар ин сол Айнӣ рӯи веросторӣи ниҳоии романи «Ғуломон» кор кард. Дар ин бора дар ҳамон номаи боло ёдшуда ба Лоҳутӣ менависад: «Шароити корам ба ин тариқа аст: Ҳар шаб соати 2-и баъд аз ними шаб кор сар мекунам, то соати ҳашти рӯз. Баъд чой менӯшам, ним соат, боз аз соати ҳашту ним ба кор медароям, то соати чору ним, бе он ки чизе бихӯрам ва чое нӯшам, кор мекунам. Агар бисёр дил беҳол шавад, як-ду дона конфет мемакам. Соати 5 корро ғундошта кӯча меравам ва газета мехарам, ба ин восита пойҳоям, ки 14 соат дузону мондаанд, меёзанд. Бозпас ба хона омада таом мехӯрам, чой менӯшам ва рӯзнома мехонам. Соат ки ҳафт шуд, мехобам. Боз соати 2 гӯё ки маро касе бедор карда бошад, аз хоб ҷаста мехезам... Агар корам лат нахӯрад, умедворам ин корро («Ғуломон»-ро) то иди даҳсолагии Тоҷикистон тамом кунам» (74, 100-101).

Охири моҳи ноябри 1935 дар Сталинобод сисолагии фаъолияти эҷодии Айнӣ ҷашн гирифта шуд. Оид ба эҷодиёти нависанда мудири шӯъбаи ташкилоти ҳизбии КМ ПК(б) Тоҷикистон Н. С. Нерсесян суханронӣ кард, ки дӯстии онҳо соли 1930 оғоз гашта буду то поёни умри Айнӣ давом кард. Нерсесян аз дидору гуфтугӯҳояш дар вопасин солҳои зиндагии Айнӣ ба ман чунин қисса кард: «Ҳар боре, ки солҳои 1950-1953 назди Домулло меомадам, вай ба ман саволҳои зиёд медод ва масъалаи мавриди назарашро ба ҷузъитарин паҳлӯҳояш

пурсуҷӯ мекард. Боре ба ӯ гуфтам, ки даврони ҷавонӣ ҳамроҳи падар ба Ҳамадон рафта будам. Домулло пурсидан гирифт, ки сокинони Ҳамадон чи қадар буданд, кадом қавмҳо он ҷо зиндагӣ мекунанд, таносубашон чи гуна аст, одамон ба чи корҳо машғуланд ва ғ. Посуххои тахминиро қабул надошт ӯ, ман ба ҷуз ахбори номушаххаси чилсола чизи дигаре гуфта наметавонистам ва чун шогирди дарсгурез назди муаллими сахтгир нишаста будам. Ҳангоми вохӯриҳо вақте ки вай суол медод, ҳоли ман хароб буд. Ва боре ба дасти тасодуф ман тавонистам аз ин ҳоли нобоб худро раҳонам. Замоне таърихи тоисломии Панҷекат маро ҷалб карда буд. Дар дидоре аз ин боб ба Айнӣ суол додам. Ва ӯ ду соат бетанаффус дар ин мавзӯъ ҳарф зад. Дидам ки хаста шуд, гуфтам: «Домулло, хаста шудед, бори дигар давом медиҳем». Бо даст ишораи хомӯш ист! кард ва қиссаашро идома дод… Дунболи ин руҳдод ман гоҳе аз ин саргармии ӯ ва истеъдоди сухангӯияш истифода мекардам. Дар ин гуна мавридҳо ман аз «шогирди бебарор» ба мухлиси ӯ бадал мегаштам. Ба ман чунин менамуд, ки дар масъалаи таърих ва забону адабиёт ба забонҳои тоҷикӣ, арабӣ ва ӯзбакӣ китобе нест ба алифбои арабӣ, ки вай нахонда бошад.

-Дар рӯзҳои ҷашн дар Сталинобод Айнӣ бо нависандаи чех Юлиус Фучик вохӯрд.

Ба муносибати ҷашн Айнӣ бо мошин ва пул сарфароз гардид. Бо ин пул хонаашро дар Самарқанд таъмир кард.

**Соли 1936.** Тобистони соли 1936 Садриддин Айнӣ ҳамроҳи котиби Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, драматург Ғанӣ Абдулло ба водии Вахш сафар кард. Дар роҳи Вахш онҳо бо собиқадори ҷанги гражданӣ, иштирокчии руҳдодҳое, ки Д. Фурманов дар романи «Мятеж» (Балво) овардааст, котиби райкоми Қӯрғонтеппа Баҳрулло Аҳмадов (зодаи Самарканд) дидору гуфтугӯ карданд. Айнӣ бо бузургтарин иншооти обёрии он замон дар Осиёи Миёна, Вахшсторой ошно шуд. Достони «Ҷанги одаму об» зери таъсири мушоҳидаҳои ин сафар

навишта шуд.

Қиссаи «Маги судхӯр» низ он замон иншо гашта буд, ки бори нахуст дар шумораҳои 3-4 маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» соли 1937 чоп шуду соли 1939 ба сурати китоб аз чоп баромад. Оид ба номи ин қисса рухдоди зер дар ёди ман мондааст: тобистони соли 1935 падарам ҳикояи Чехов «Марги мансабдор»-ро ба забони тоҷикӣ дида гуфт: «Ман ҳам дар бораи одаме ки аз тарс мурдааст, ҳикоя менависам. Номи ҳикоя «Марги судхӯр» мешавад, танҳо ин ки ин одам аз тарси инқилоб мемурад».

Сентябри соли 1936 Айнӣ ба Ленинободу Конибодом сафар кард ва ба колхози «Коминтерн» омад, ки иштирокчии Намоишгоҳи ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзӣ дар Париж буд ва ин ҷо бо колхозчиёну мактаббачагон мулоқот орост. Дар ин сафар ӯро шоир Муҳиддин Аминзода ва рӯзноманигор Тоҷӣ Усмон ҳамроҳӣ мекарданд.

Аз соли 1936 то соли 1938 (бо танаффуси якмоҳа, ки тобистони соли 1937 аввалину охарин бор барои истироҳат ба осоишгоҳи Сочӣ рафта буд), Айнӣ луғати якҷилдаи нимтафсилии забони тоҷикиро дар ҳаҷми 15 000 ҳазор вожа таҳия кард. Оид ба ин луғат Айнӣ 7 октябри соли 1937 ба Лоҳутӣ менависад: «...Худам имрӯзҳо ба кори луғат машғулам. Ман бо Тоҷгиз соли 35-ум як муоҳида баста будам, ки як луғати тоҷикии нимтафсилӣ тартиб диҳам. Медонед, ки дар дасти тоҷикони Осиёи Миёна ду-се луғат ҳаст, машҳуртарини онҳо «Ғиёс» ва «Бурҳони қотеъ» аст. Аммо ҷавонон, ҳатто арабидонҳои онҳо ҳам аз ин луғатҳо фоида бурдан наметавонанд, зеро тартиб бисёр кӯҳна ва луғатҳо бо чизҳое ки ҳаргиз даркор намешаванд, пуранд. Бинобар ин, барои кофта ёфтани як луғати матлуб варақҳоро гардонидан ва саҳифаҳоро хондан лозим меояд. Аммо ҷавононе, ки дар замони охир саводнок шудаанд ва арабиро намедонанд, аз он луғатҳо ҳеҷ фоида бурдан наметавонанд. Бинобар ин хостам, ки ба асоси ҳамон луғатҳои кӯҳна як луғати тоҷикӣ ба тоҷикӣ бо усули замонӣ тартиб

диҳам. Корро ба ин тартиб пеш гирифтам: аз луғатҳои кӯҳна ҳар чизеро, ки мурда буд ва ба забони мо даркор намешавад, партофтам, чизҳои даркориро гирифтам. Чизҳои даркорӣ ҳам ду қисманд: як қисми онҳо барои таҳрир ва мутолиаи адабиёти имрӯза ба кор меравандд ва қисми дигарашон барои мутолиа ва фоида бурдан аз адабиёти классикӣ даркор мешаванд.

Медонед, ки ба ин сабаб хеле луғатҳои арабӣ ва форсии қадим, ки дар адабиёти классикӣ ҳастанд, гирифта мешаванд ва манбаи дигари ман халқ аст. Ҳар кадом бобро бо забони халқ, ки то ҳол дар ягон луғат дида нашудааст, аммо дар миёни мардум зинда ва дар гуфтушунид ҳаст, пур мекунам. Дар тафсили луғатҳои кӯҳна ҳам маънии кӯҳнаашро, ки дар адабиёти классикӣ ва дар забони имрӯза нест, партофтам ва он маъниҳояшро, ки имрӯз зинда аст, гирифта истодаам...» (74, 100-101).

<u>**Соли 1937.**</u> Соли 1937 садсолагии марги Пушкин ҷашн гирифта шуд. Айнӣ узви комиссияи Умумиттифоқӣ буд. Шеъри «Ба Пушкин» ба ҳамин сана бахшида шудааст. Ҳамчун узви комиссияи ҷашнӣ Айнӣ шашҷилдаи шоир ва медали бириничии Пушкинро тӯҳфа гирифт.

Моҳҳои март ва апрели соли 1937 Айнӣ романи «Шодӣ»-и Ҷалол Икромиро веросторӣ кард. Дар ин бора ӯ 1 майи соли 1937 ба муаллиф чунин набишта буд: ««Шодӣ»-и Шуморо аз рӯи хоҳиши худатон ва талаби сектори адабиёти бадеии Нашриёти Давлатии Тоҷикистон кор карда баромадам. Нуқсонҳоеро, ки аз тарафи худатон дуруст кардани онҳо лозим буд, саҳифа ба саҳифа, ҳам дар охири китоб қайд кардам.

Акнун вазифаҳои шумо инҳоанд:

1) Шумо аввал ин асарро як бори дигар хонда, қайдҳои маро ба мулоҳиза гиред ва ҷойҳоеро, ки баъд аз ин ба онҳо амал кардан мехоҳед, дар дафтарчаи алоҳидаатон қайд кунед, то ки фаромӯш нашавад (инро барои он навиштам, ки Шумо чанд қайдҳоеро, ки ман дар ҳошияи китоби «Аз Маскав чи

овардӣ?-атон карда будам, дар дубора навиштани ин китоб ба амал нагузаронидаед, ман гумон кардам, шояд фаромӯш карда бошед).

2) Пеш аз он ки кори дубораро сар кунед, асарро бо қайдҳои ман дар читкаи умуми нависандагон, шоирон ва тарҷумонон хонед. Барои ду кор, яке ин аст, ки меҳнати ман дар доираи Шумо маҳдуд шуда намонад ва бародарони дигар ҳам фоида баранд; дуюм ин ки ба болои мулоҳизаҳои ман мулоҳизаҳои рафиқони дигарро ҳам зам карда гиред ва дар вақти кори дубора дар назар доред, то ки асаратон боз ҳам мукаммалтар шавад.

3) Дар кори дубора мусоҳала ва шитобкорӣ накунед, корро ҳар вақт дар аввали ҳавсала дар вақти хушии димоғ сар кунед, ҳамин ки ҳавсала гирифт, ба фардо гузоред ва дубора-себора вайрон карда аз дигар навиштани саҳифаҳо вақт ва меҳнатро дареғ надоред». (74, 101-102).

**<u>Соли 1938.</u>** Соли 1938 Айнӣ бахшида ба даҳсолагии ҶШС Тоҷикистон романи «Ятим»-ро навишт, ки соли 1939 ба нашриёт рафт ва соли 1940 аз чоп баромад.

Моҳҳои феврал ва ноябри соли 1938 дар Сталинобод машварат оид ба масъалаҳои «сохтмони» забон доир гардид, ки КМ ҲК (б) Тоҷикистон созмон дода буду масъалаи пасванди «ро» дар забони тоҷикӣ баҳсе тезу тунд ба миён овард. Айнӣ таҳрифи забони адабии тоҷик ва аз миён бурдани пасванди «ро»-ро шадидан маҳкум кард. Бар асоси мулоҳизаву пешниҳодҳои дар машварат садо дода лоиҳаи фармон дар бораи забони адабии тоҷик омода карда шуд. Он бахши лоиҳа, ки дар он тавсия мешуд суффикси «ро» аз забони адабии тоҷик бароварда шавад, эътирози сахти Айниро ба миён овард. Як тан аз иштирокдорони фаъоли баҳс И. С. Брагинский менависад: «Мо, ҷонибдорони ин навоварӣ, бо шӯру шитоб исбот мекардем, ки чун дар гуфтугӯ «ро» истифода намешавад, истифодаи он дар забони адабӣ низ ҷоиз нест... Айнӣ чун

фаҳмид лоиҳа метавонад ба зудӣ ба қонун мубаддал шавад, махсус аз Самарқанд ба Сталинобод омад, то забонро аз харобӣ ҳифз кунад... Пас аз ду-се соати ба Сталинобод омадан вай ба воситаи дӯстон хост ман таъҷилӣ наздаш ба меҳмонхона оям... Вай баробари ворид гаштан хашмолуд ба рӯям нигарист ва ба навохтан оғоз кард:

- Он рафиқи русе, ки мехоҳад забони тоҷикиро вайрон кунад, шумоед? Ман сифати шуморо бисёр шунидаам ва хурсанд будам, ки шумо ба ҷид забону адабиёти тоҷикро меомӯзед. Ин хуб аст ва лоиқи дастгирист. Аммо андешаи ноҷои хароб кардани забон бидуни маслиҳату машварат бо созандагону донандагони зиндаи адабиёт чи гуна бар сари шумо омад? Оё медонед, ки «ро» ба назар ду ҳарфи одӣ метобад, дар асл вай фасоҳати забон ва шаринии баён аст. Шумо бошед онро ба сӯи забони кӯчаю бозор мебаред. Забони навишторecho гуфторро ин гуна наздик намекунанд. Гузашта аз ин, донистани танҳо қоидаҳои имло ва вежагии лаҳҷахо кифоя нест, забонро ҳис бояд кард!..

Ман ва дигар ҳамсафонам ба дурустии эродҳои Айнӣ ва ғамхориву дилсӯзиаш ба забон дертар пай бурдем. Сипас лозим шуд бисёр чизҳоро ислоҳ кунем, аммо аз ҳамон дидор, ки дар ҳавою фазои ҳассос рух дода буд, ман дарёфтам С. Айнӣ чи гуна забони модариашро дӯст медорад» (82, 299-301).

Соли 1938 кори дастҷамъонаи тартиб додани тазкираи адабиёти тоҷик шурӯъ шуд, ки соли 1940 ба дасти чоп расид. Ба сифати узви ҳайати таҳрир Айнӣ ба ин кор, ҳатто ҳангоми сафарҳояш ба Сталинобод низ роҳбарӣ мекард. Дар ин сол дар доираи омодагӣ ба ҷашни 500 солагии Алишери Навоӣ Айнӣ ба омӯзиши осори асосгузори адабиёти узбак шурӯъ кард. Нахустин кори Айнӣ дар ин бахш мақолаи ӯ «Мир Алишери Навоӣ» буд, ки 29-30 декабри соли 1938 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» чоп шуд. Дар ҳамин давра ӯ қиссаи «Аҳмади девбанд»-ро ба ӯзбакӣ навишт, ки дар шумораи 12 маҷаллаи «Муштум» соли 1938 чоп шуд. Қиссаи «Мактаби

кӯҳна» низ ба забони ӯзбакӣ ҳамон вақт навишта шуд.

**Соли 1939.** Дар ин сол Садриддин Айнӣ мақолаи «Шайхурраис Абӯали Сино»-ро набишт. Айнӣ ки ба таври доимӣ муқими Самарқанд буд, соли 1939 депутати шӯрои шаҳрии Сталинобод интихоб шуд. Дар ҳамин давра «Хамса»-и Навоиро ба чоп омода сохт, сарсухани муфассале навишт ва луғату тавзеҳот низ тартиб дод. Муҳаррири китоб Шокир Сулаймон таъин шуда буд, ки аз Тошканд ба Самарқанд меомад ва зери назари Айнӣ кор мекард.

**Солҳои 1939-1940.** Дар ин солҳо Айнӣ ҳамроҳи А. П. Колпаков ба веросторий Луғати тоҷикӣ ба русӣ машғул буд. Колпаков масъули веросторий қисмати русии луғат буд ва барои ин кор ба Самарқанд меомад.

Соли 1940 Садриддин Айнӣ китобу очеркҳои «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ», «Камоли Хуҷандӣ», «Устод Рӯдакӣ» ва «Қабри устод Рӯдакӣ»-ро навишт.

Якуми майи соли 1940 Айнӣ ба Панҷекат омад. Ду рӯз ин ҷо ба сар бурд ва як рӯзи онро бо ошноӣ ба ҷараёни кори канали Тӯқсанкорез ва гуфтугӯ бо коргарон гузаронид. Пас аз бозгашт мақолаи «Канали Тӯқсанкорез»-ро навишт, ки 15 майи соли 1940 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» чоп шуд.

25 октябри соли 1940 бо Фармони Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон ба Айнӣ унвони Корманди шоистаи илми ҶШС Тоҷикистон дода шуд.

Нимаи аввали ноябри соли 1940 Айнӣ ба Панҷекат ва аз он ҷо ба Марғедар омад, ки кандани канал оғоз гашта буд. Ин ҷо ӯ бо коргароне ошно гашт, ки миёнашон ҳамдеҳагони Рӯдакӣ низ буданд. Ҳангоми сӯҳбат бо онҳо Айнӣ аз рӯзгори ҳамдиёри машҳурашон қиссаҳои зиёде кард ва аз забони онҳо нақлу ривоятҳои тозае, ки дар бораи шоир миёни мардум машҳур буд, низ шунид. Дунболи бозгашт ба зудӣ мақолаи калоне ба номи «Канали Марғедар» навишт, ки 27 ноябри соли 1940 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» чоп шуд.

**Соли 1941.** Апрели соли 1941 дар Маскав Даҳаи ҳунари тоҷик баргузор гардид. Дар кори омодасозии он Айнӣ бо додани маслиҳат ба ҳунармандон, ширкати фаъол дошт. Бахшида ба баргузории Даҳаи ҳунари тоҷик дар Маскав 23 апрели соли 1941 Айнӣ бо ордени Ленин сарфароз гардид.

Соли 1941 дар Тошканд 500 солагии Алишери Навоӣ ҷашн гирифта шуд. Дар маросими ҷашн Айнӣ бо олими намоёни эронӣ Саид Нафисӣ дидор кард, ки пештар дар ҷашни бистсолагии донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна дар Тошканд ошно шуда буд.

Дар ин сол Айнӣ оид ба зиндагии носири асри XVI Зайниддин Маҳмуди Восифӣ мақолае ба унвони «Як симои номашҳури адабиёти тоҷик» ва низ ба муносибати ҷашни Навоӣ мақолаи «Алишери Навоӣ»-ро навишт.

22 июни соли 1941 Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз гашт ва 7 июл дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» ба унвони «Фонди мудофиаро табрик мекунам» хабари Айнӣ чоп шуд. Дар ин рӯзҳо Айнӣ дар гирдиҳамоии зиддиҷангӣ дар Регистони Самарқанд суханронӣ кард. 24 июли соли 1941 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» шеъри «Мо зи Гитлер никори башарият гирем»-и Айнӣ чоп шуд. Давоми Ҷанги бузурги Ватанӣ Айнӣ 30 мақолаю очерку шеъри ватандӯстона ба забонҳои тоҷикию ӯзбакӣ навишт. Оғоз аз рӯзҳои аввали ҷанг то соли 1951 Айнӣ мубаллиғи ҷамъиятии гарнизони низомии Самарқанд буд.

**Соли 1943.** Марти соли 1943 бахшида ба ёдбуди Ю. Охунбобоев Айнӣ мақолаи «Ӯзбек халқининг шарафли симоси» ва оид ба классики адабиёти ӯзбак Муқимӣ мақолаи «Муқимий ва унинг даври»-ро навишт.

Ноябри соли 1943 Айнӣ узви ифтихории Академияи улуми ҶШС Ӯзбакистон интихоб гардид, ки ҳамон рӯзҳо таъсис ёфта буд.

**Соли 1944.** Моҳи майи соли 1944 Ҷаласаи VII Шӯрои

Олии ҶШС Тоҷикистон доир гардид. Айнӣ ба сифати меҳмони ин Ҷаласа сухани табрикӣ гуфт.

Тобистони соли 1944 аз забони бошандагони деҳаҳои ноҳияи Шаҳринав оид ба исёни деҳқонон дар поёни садаи XIX мавод ҷамъ кард (32, 306).[5] Дар ҳамин даврон Айнӣ ду очерки бузурги таърихии «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ва «Исёни Муқаннаъ»-ро навишт.

**<u>Соли 1945</u>.** Дар ин сол бахшида ба анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ Айнӣ шеъри «Қиссаи ҷангу зафар»-ро навишт. Китоби «Восифӣ ва осори ӯ «Бадоеъ ул вақоеъ»» ва рисолаи «Мирзо Аабдулқодири Бедил ва эҷодиёти ӯ» низ дар ҳамин давра ба поён оварда шуд. Ин ду асарро ӯ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҷод кард.

**<u>Соли 1946</u>.** Аз соли 1946 то соли 1950 Айнӣ мудири кафедраи адабиёти ӯзбаки факултаи филологияи донишгоҳи давлатии Ӯзбакистон дар Самарқанд буд.

**<u>Соли 1947</u>.** Дар ин сол Айнӣ мудири кафедраи адабиёти Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон буд, мушовирии чанд кори докторӣ ва роҳбарии унвонҷӯйҳоро низ ба ӯҳда дошт.

Соли 1947 заҳматкашони ҷамоати Ёрии ноҳияи Колхозчиён Айниро депутати Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон интихоб карданд. Айнӣ ба ҳайси депутати куҳансол Ҷаласаи Шӯрои Олиро кушод ва сухани табрикӣ гуфт.

28 ноябри соли 1947 дар Сталинобод Анҷумани II нависандагони Тоҷикистон баргузор гардид. Суханронии Айнӣ дар ин анҷуман ба истифодаи феълҳои исмӣ дар забони тоҷикӣ бахшида шуда буд. Дар ин масъала ӯ аз шоири ҷавоне пуштибонӣ кард, ки бар хилофи қоидаи маъмул дар шеъраш аз ин феъл истифода карда буд.

---

[5] Ин мавод дар бойгонии бунёди Айнӣ пайдо нашуд.

Охири соли 1947 Айнӣ ба навиштани «Ёддоштҳо» оғоз кард. Ёддоштҳо дар дили ӯ ҷойгоҳи вежа доранд. Ёддоштҳо ёдгори ҷавонии ӯст, ёдгорест, ки беш аз ними умраш сарфи он гаштааст. Ин андеша дар эпиграфи китоб оварда шудааст:

*Ин хона зи хишти кӯҳна андохтаам,*
*Дар вай ҷашне зи рафтагон сохтаам,*
*То аҳли замони мо бидонанд, ки ман*
*Як умри ҷавонӣ ба чи раҳ бохтаам.*

«Ёддоштҳо» китоби асосии зиндагии Айнӣ буд ва барои навиштанаш ӯ аз дер омодагӣ мегирифт. Айнӣ чанд қиссаву ҳикояи тарҷумаиҳолӣ дорад, ки дар солҳои мухталиф навишта шудаанду гӯё муқаддимаи «Ёддоштҳо» мебошанд.

Жанри ёддошт дар адабиёти тоҷик нав нест ва Айнӣ онро хуб медонист. Айнӣ пеш аз он ки ба навиштани «Ёддоштҳо» сар кунад, он гуна ки гуфта шуд, рисолае навишт оид ба асари ёддоштии Бедил «Чор унсур» ва кор бо ёддоштҳои Восифӣ «Бадоеъ ул вақоеъ»-ро низ ба поён бурд. Сегонаи шарҳиҳолии Горкийро низ бо диққат омӯхт. Аммо чизе навишт олӣ, ки анъанаву тозагӯӣ дар якдигар танида шуда буданд. Ба пиндори ӯ ба ёддоштнависӣ ҳангоме бояд пардохт, ки таҷрибаи нависандагӣ кофист. Айнӣ замоне ба иншои «Ёддоштҳо» пардохт, ки 69 сол дошт.

Ниҳоди ӯ ҳоло саршор аз нерӯи эҷод буд, вале пирӣ низ даст ба доманаш зада буд. Ва ӯ ба шиддат кор мекард барои он шояд, ки тавонад ҳар чи бештар нависад. Дар оғоз кор хуб буд. Ӯ ки ҳамеша бо заҳматдӯстии фавқулода ва риояи сахти низоми кор фарқ мекард, инак 17-18 соат кор накунад ҳам, соатҳои зиёд паси миз менишаст. Оғози кораш соатҳои 3-4 субҳ буд, соати 8 танаффус мекард, соати 8,30 аз нав ба навиштан шурӯъ менамуд. Хӯроки чошт низ ним соат буд. Ин гуна то соати 5 бегоҳ кор мекард. То хӯроки шом ва пас аз онро ба хондани маҷаллаву рӯзнома мегузаронид. Ҳамзамон камбудҳои забониву сабкии асарҳоеро, ки мутолиа дошт гоҳе бо шарҳи мухтасар дар ҳошия ислоҳ месохт. Гузашта аз ин, ин

гуна ислоҳҳо то дер дар ёдаш мемонданд ва ҳангоми дидор бо муаллиф пас аз гузашти вақти зиёд онҳоро ба ёд меовард. Ин кор барои ӯ истироҳат буд ва то соати нӯҳи шаб, то вақти хобаш давом мекард. Назми кораш ин гуна буд ва солҳо ба ҳамин сурат идома дошт. Танҳо тобистонҳо кор дар гулзор, обчакорӣ, ки дар ҳотаи миёнаи ҳавлии дарун буд, ба истироҳаташ зам мешуд.

<u>**Соли 1948.**</u> Дар ин сол китоби дуюми «Ёддоштҳо» ба охир расид ва китоби сеюм оғоз гардид. Январи соли 1948 Айнӣ намояндаи Шӯрои шаҳри Самарқанд ва бори дуюм намояндаи Шӯрои шаҳри Сталинобод интихоб гардид.

Апрели соли 1948 дар Тоҷикистон 70-солагии зодрӯзи Садриддин Айнӣ ҷашн гирифта шуд. Ба ин муносибат ӯ бо ордени Ленин сарфароз гардид.

Моҳи майи соли 1948 дар ҷаласаи АУ ҶШС Ӯзбакистон Айнӣ дар мавзӯи «Алишер Навоий ва тожик адабиёти» маърӯза кард. Ноябри соли 1948 Шӯрои илмии Донишгоҳи Ленинград бе ҳимояи рисола ба Айнӣ унвони доктори илми филология дод.

<u>**Соли 1949.**</u> Моҳи июни соли 1949 Айнӣ ҳамроҳи нависандагон Сотим Улуғзода ва Ҷалол Икромӣ ба Бухоро сафар кард. Онҳо 8 июн аз Сталинобод баромаданд ва 9 июн ба Бухоро расиданд. Айнӣ ба бузургони гузаштаи илму адаби тоҷик эҳтироми баланд қоил буд ва ҳамеша мекӯшид воқеияти қиссаву ровоятҳоро дар маврилди пайванди маҳалле бо номи ин касон дақиқ муайян кунад. Барои ҳамин, 11 июн дунболи дидор бо зиёиёну донишҷӯёни шаҳр вай ба зодгоҳи Абӯали Сино рустои Лағлақаи ноҳияи Рометан омад, ки дар гузашта Афшана номида мешуд. Ҳамон рӯз тақрибан соати чор ба Бухоро баргашт ва зуд ба ҷустуҷӯи гӯри шоири тоҷик Мушфиқӣ шитобид. Дунболи пурсуҷӯҳои бешумор саранҷом гӯри Мушфиқӣ пайдо гашт. Пас аз ин Айнӣ ба ҷустуҷӯи гӯри шоири дигари тоҷик Ҳоҷи Исмати Бухороӣ (вафоташ соли 1425)

пардохт. Гӯри ӯ, ки дар гӯристоне ба масофаи ним километр аз Бухоро ба сӯи дарвозаи Шайх Ҷалол будааст, вақтҳои охир нопайдо гашта буд ва ночор шуданд онро низ ҷустуҷӯ кунанд. Шаб ба истгоҳи Қизилтеппа омаданд ва субҳ Айнӣ бо ҳамроҳонаш ба рустои Соктаре омад. Ин ҷо ӯ бо хешовандонаш Муслиҳиддин ва колхозчии куҳансол Изатуллохоҷа дидор кард. Аз бархе қаҳрамонони китобҳояш ва ҷойҳою лаҳзаҳои тасвиршуда ёд карданд. Сипас нависандаҳо ба Ғиҷдувон рафтанд ва ҷойҳои тамошобобашро диданд. Бегоҳи ҳамон рӯз Айнӣ барои бозгашт ба Самарқанд ба истгоҳи вокзал омад. Дар ин сафар Улуғзода бо пешниҳоди Айнӣ дастнависи романи «Навобод»-ро бо худ гирифт. Раҳораҳ ӯ мехонду Айнӣ мулоҳизаашро мегуфт ва ин гуна ин асар веросторӣ мешуд.

Соли 1949 тарҷумаи китоби аввали «Ёддоштҳо», ки нависанда С. Бородин бар асоси баргардони таҳтуллафз анҷом медод, ба охир расид. Оид ба пешниҳоди тарҷумон дар мавриди иваз кардани номи ду қисми аввали «Ёддоштҳо» ба «Бухоро» Айнӣ 10 майи соли 1949 ба Т. Пӯлодов чунин менависад: «Ёддоштҳои як муаллиф, назар ба фикри ман, ба тарҷумаи ҳоли он муаллиф маҳдуд намешавад, балки «Ёддоштҳо» ба замми тарҷумаи ҳол, он чизҳоеро ҳам, ки муаллиф дидааст, шунидааст, фикр кардааст ва ҳис намудааст, дар бар мегирад.

Азбаски «Ёддоштҳо» ҳамин тавр маънии васеъ дошт, ман дар ҳар қисм баъд аз номи умумӣ номи махсусе ҳам барои он қисм гузоштам. Чунончи, дар қисми якум баъд аз номи умумӣ «Дар саҳро», дар қисми дуюм баъд аз номи умумӣ «Дар шаҳр», ки ин ҳам ба қисмчаҳо (масалан мадрасаи Мири Араб ва дигарҳо) тақсим мешавад.

Аммо агар номи китоб мувофиқи таклифи рафиқ Бородин «Бухоро» (ба маънии мамлакат ё вилоят) монда шавад, мундариҷаи китоби ман ба ин ном камӣ мекунад, чунки ман дар ёддоштҳои худ чизҳои дар як давраи муайяни ҳаётам дида ва шунидаҳоямро навиштам. Аммо агар номи китоб «Бухоро» шавад, таърихи Бухоро ва гузаштаҳои вайро пурра навиштан

даркор мешавад, ки ин аз доираи «Ёддоштҳо»-и ман берун аст. Динобар ин, ба фикри ман номҳои худам мондагӣ ба ҳолашон гузошта шаванд ва фақат дар қисми дуюм, дар ҷое ки баъд аз номи умумӣ номи махсуси ин қисм «Дар шаҳр» навишта шудааст, қадре васеъ карда, «Дар шаҳр-дар Бухоро» навишта шавад. Ҳамин аст фикри ман». (66, 99).

«Ёддоштҳо» бар асоси нақшаи нахуст бояд дар се қисм навишта мешуд. Аммо чун охири соли 1948, ҳангоме ки қисми дуюмро, ки руҳдодҳои то 14-солагии ӯро фаро мегирифт, ба охир расонид, дарёфт ки бояд ин асарро ҳадди ақал дар панҷ қисм нависад. Ва дигар шитоб мекард. Қисми сеюми «Ёддоштҳо» низ хеле зуд, соли 1949 ва оғози соли 1950 навишта шуд. Ва дар ҳамон соли 1950 ба сурати китоби алоҳида чоп шуд.

Сентябри соли 1949 дар Маскав Даҳаи адабиёти тоҷик баргузор гардид. Барои ширкат дар он Айнӣ охири август ба Маскав рафт. Ин ҷо дар ҳуҷраи меҳмонхонаи «Маскав» нависандаҳои шӯравӣ С. Маршак ва В. Ян бо ӯ мулоқот карданд. Ҳангоми гуфтугӯ Маршак изҳор дошт, ки мактабҳои кӯҳнаи ибтидоии яҳудӣ ба он ки Айнӣ дар қиссаи «Мактаби кӯҳна» менависад, хеле монанданд.

Моҳи октябри соли 1949 дар Хонаи марказии адибон дар Маскав шаби эҷодии Айнӣ ташкил карда шуд.

Ноябри соли 1949 ба Айнӣ унвони профессори кафедраи забони ӯзбакии Донишгоҳи давлатии Смарқанд ва ба ифтихори XXV солагии ҶШС Ӯзбакистон унвони Ходими хидматнишондодаи илми ҶШС Ӯзбакистон дода шуд. 17 декабри соли 1949 бахшида ба XX солагии ҶШС Тоҷикистон бо ордени Ленин сарфароз гардид.

<u>**Соли 1950.**</u> Марти соли 1950 барои қисмҳои 1 ва 2-и «Ёддоштҳо» Айнӣ Мукофоти давлатии дараҷаи дуро гирифт. Ҳамон сол намоянда дар Шӯрои Олии СССР интихоб гардид. Барои ширкат дар ҷаласаи Шӯрои Олӣ миёнаи июн Айнӣ ба Маскав рафт.

Чанд сол пеш романи «Дохунда» ба забони ӯзбакӣ тарҷума шуда буд. Аммо сифати тарҷума муаллифро қонеъ намекард. Аз ин рӯ, ӯ қарор дод романро ба забони ӯзбакӣ нависад. Кори роман баҳори соли 1951 ба поён расид.

**<u>Соли 1951.</u>** 14 апрели соли 1951 дар Сталинобод Академияи Улуми ҶШС Тоҷикистон таъсис дода шуд. Бо қарори Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ Айнӣ Узви вобастаи АУ ҶШС Тоҷикистон тасдиқ гардид ва 15 апрели соли 1951 президенти он интихоб шуд.

Ин замон Айнӣ 73 сол дошт, вале ҳанӯз бардаму рӯҳбаланду коргар буд ва ҳамаи тобистон ба корҳои ташкилии АУ машғул шуд. Вале тирамоҳ ва ба вежа зимистон вай зуд-зуд бемор мешуд ва гоҳе моҳҳо наметавонист даст ба кор занад.

**<u>Соли 1952.</u>** Ин гуна 21 январи соли 1952 шабона сурфаи давомдор даст ба доманаш зад ва саҳар пизишкон маълум карданд гирифтори газаки шуш гаштааст. Табаш баланд ва ҳолаш бад буд. Чун роҳбарони вилоят аз бемории Айнӣ хабар ёфтанд, ба проффесор Иоффе ва дотсент Кӯсаев супориш доданд ҳар пагоҳ аз Айнӣ хабар гиранд. Ин гуна Айнӣ даҳ рӯз бемори вазнин буд. Сипас беморӣ андак раҳояш кард, вале то 20 рӯзи дигар ҳамон гуна вазнин монд. Газаки шуш зимистон чанд бори дигар такрор шуд ва ӯро нагзошт даст ба кор занад.

Дар нома ба Мирзо Турсунзода 5 апрели соли 1952 Айнӣ менависад: «Зимистони имсол назар ба зимистони порсола гарм омада бошад ҳам, барои ман вазнин буд.... Беморӣ аз даҳуми он моҳ (декабри соли1951. Х. А.) сар шуда, бо танаффус то рӯзҳои охир, 25 март давом кард. Фарқ миёни ин бемориву бемории пешина ин аст, ки пеш ҳангоми кам шудани дард имкони хондан пайдо мешуд... Вале имсол натанҳо вақти беморӣ, балки ҳангоми фурӯ нишастани дард ҳам натавонистам аз ҷо биҷунбам...» (65, 70).

***

Бемориҳои зуз-зуду дурудароз Айниро рӯҳафтода карданд. Ӯ ки ҳамеша бардаму болида буд ва ҳангоми дидору гуфтугӯ ҳеч гоҳ нороҳативу хастагиашро ошкор намекард, инак соатҳо маҳзуну ғамзада пазмони кор ғарқи андеша мехобид ва якрангу бепарво ба пурсишҳо посух медод. Замистон ҳангоми беморӣ рӯзҳои зиёде ин гуна паси сар мешуданд.

Боре, дар яке аз ин гуна рӯзҳо ман ду қартаи овози устоди машҳури «Шашмақом» Домулло Ҳалимро ба хона овардам ва аз ӯ хостам, ки онҳоро гӯш кунад. Вай розӣ шуд. Ва ман ин ҷо дарёфтам, ки мусиқӣ ӯро болидаю шод месозад. Дунболи ин, барои он ки тавонем ӯро аз оғӯши андешаҳои ғамбор берун кашем, аз «Шашмақом»-и ба ҷон баробари ӯ ёрмандӣ мехостем. Пас аз шунидани сурудаҳои Ҳоҷӣ Абдулазиз, Домулло Ҳалим, Бобоқул Файзуллоев, Шоҳназар Соҳибов ва дигар шашмақомхонҳо вай нарм-нарм болида мегашт ва аз даврони ҷавонияш, аз устодони «Шашмақом» ва аз шабнишиниҳое ки ӯ овозхонии онҳоро дидаву шунидааст, қиссаҳо мекард.

***

Ба таваққуф афтодани иншои қисми чоруми «Ёддоштҳо» бино ба сабаби беморӣ Айниро сахт ноором мекард. Барои ҳамин, вақте ки дард андак сабук ва ҳолаш беҳтар мегашт, зуд даст ба кор мезад, вале инак чун пешина 11-12 соат кор кардан наметавонист. Соати шаши субҳ мехест, аз субҳонаи бароящ омода шуда чизе мехӯрд ва ба дафтари кораш мерафт. Пас аз танаффуси нимсоата барои сарфи ғизо аз соати 8 то ҳашту ним, соату ҳароратсанҷ рӯи миз, ҳар 2-3 соат табашро санҷидаву то замоне кор мекард, ки ҳарорати танаш ба 38 мерасид. Пас аз ин даст аз навиштан мекашид ва то рӯзи дигар дам мегирифт. Ва ин гуна ҳар рӯз то 8 соат кор мекард. Ва инҳо кӯтоҳтарин рӯзҳои кор дар фаъолияти эҷодии ӯ буданд.

13 апрели соли 1952 Айнӣ ба ҷаласаи солонаи АУ ҶШС Тоҷикистон омад. 28 апрели соли 1952 дар Сталинобод бо даъвати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон оид ба масъалаи нақди адабӣ конфронс доир гардид. Айнӣ дар ин

конфронс сухан гуфт ва ин ҷо аз китоби «Чордарвеш» низ ёд кард.

Соли 1952 Айнӣ мақолаҳои «Олими бузурги тоҷик Абуалӣ Сино», «Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик» ва «Мактуби кушод ба рафиқ Тоҷиев»-ро навишт.

Дар ин сол қиссаи «Марги судхӯр» такмилу веросторӣ шуд. Дар сарсухан ба таҳрири нави қисса сентябри соли 1952 Айнӣ менависад: «...Аммо баъд аз чопи якуми тоҷикиаш, вақте ки худ ба назари худтанқидкунӣ хонда баромадам, дар ин китоб як камбудии муҳиммеро дарёфтам; ин камбудӣ асосан иборат аз ҳамин буд, ки дар воқеаҳои дар ин китоб нақлёфта халқ кам иштирок мекард: дар асар образи Қори Ишкамба ба сифати як судхӯр пурра нишон дода шуда хислатҳои умумии судхӯрон ва сифатҳои шахсии судхӯри мазкур акс кунонида шуда, муомилаи ӯ бо майдасавдогарон ва дӯкондорони шаҳр тасвир ёфта бошад ҳам, тарзи тороҷ кардани ӯ оммаи меҳнаткашонро, хусусан деҳқононро бо мисолҳои равшан нақл наёфтааст...Ғайр аз ин дар вақтҳои болоравии амалиёти судхурии Қори Ишкамба дар Осиёи Миёна ва аз ин ҷумла дар Бухоро аз тарафи буржузияи молии Россияи подшоҳӣ бонкҳо кушода шуда, дар доду гирифти савдогарон ва судхӯрони калон ба сифати ҳуҷҷати қарздорӣ вексел ҷорӣ шуд....

Ба бадӣ кор фармудани вексел дар ҳама ҷои мустамликаҳои подшоҳӣ ҷорӣ бошад ҳам, бадтарин, бераҳмонатарин ва пурфоҷиатарин ҷоҳои ба амал омадани ин кор Бухорои амирӣ ва музофотҳои он буд...

Дар вақти кори дубора чунон ки камбудии асосии ин китобро ислоҳ кардам, инчунин муомилаҳои векселиро ҳам, ки ба судхӯрон вобастагӣ дошт, тасвир намуда ба ҷоҳои муносиби асар даровардам...

Дар вақти таҳрири ин порчаҳои нав...ва инчунин дар рафти воқеаҳои саҳро як шахси реалии намояндаи ҳукумати Бухороро иштирок кунонда дар тороҷи деҳқонон чи гуна ёрӣ додани онро, ҳатто дар вақти боло гирифтани зиддияти байни су-

дхӯрон ба воситаи ӯ ба созиш омадани онҳоро нишон додам (ин шахс Мирзохӯҷа ном ноиби қозикалон аст, ки амалиёти идоравӣ ва аҳволи хусусии ӯро хуб медонистам).

Ниҳоят боз як воқеаи ҳақиқӣ-чи навъ ба тарзи пинҳонӣ аз судхӯр интиқом гирифтани деҳқонони баҷонрасидаро тасвир намудам...» (39, 183-184).

Соли 1952 Нашриёти давлатии Ӯзбакистон қарор дод романҳои «Қуллар» ва «Дохунда»-ро чоп кунад. Айнӣ нисбат ба осори худ ниҳоят сахтгир буд ва наметавонист розӣ шавад бидуни ниёз ва бе иҷозаи ӯ ба сабку услубаш дахл шавад. Барои ҳамин тирамоҳи дери соли 1952 муҳаррир Малик Раҳмон ба хотири веростории романи «Қуллар» ба Самарқанд омад. Чанд рӯз муҳарриру муаллиф аз соати ёздаҳ то сездаҳ кор мекарданд, то саранҷом китоб мувофиқи табъи муаллиф веросторӣ шуд.

**<u>Соли 1953.</u>** Соли 1953 Айнӣ депутати Шӯрои шаҳри Сталинобод интихоб шуд. Апрели соли 1953 Айнӣ ба 75 даромад ва бахшида ба ин муносибат бо Фармони Шӯрои Олии СССР бо ордени Байрақи Сурхи Меҳнат сарфароз гардид.

Баҳори соли 1953 навиштани нусхаи ӯзбакии «Ёддоштҳо» китоби «Эсдаликлар»-ро ба поён овард. Моҳи апрел барои иштирок дар ҷашни 75 солагиаш ба Сталинобод омад ва ин ҷо беш аз ҳарвақта, то тирамоҳ монд. Боре хабарнигори маҷаллаи «Крокодил» наздаш омад ва хоҳиш кард дар посух ба мақолаи рӯзномаи «Нюйорк Таймс» оид ба Осиёи Миёнаи шӯравӣ мақолае нависад. Мӯҳлатро як моҳ муайян карданд. 1 ноябри соли 1953 Айнӣ ба Самарқанд омад ва бемори вазнин шуд. Рӯзҳо мегузаштанд, вале ӯ мақолаи ваъдагиро навиштан наметавонист ва сахт нороҳат буд. Зеро ӯ ҳамеша дар қавл устувор ва масъулиятшиносу боинтизом буд. Ваъдаи пуч намедод; танҳо кореро ваъда медод, ки медонист аз ӯҳдааш мебарояд ва ҳамеша онро дар вақташ иҷро мекард. Инак виҷдон азобаш медод, ки бори нахуст дар зиндагӣ наметавонад ба ваъдааш

вафо кунад. Ҳатто далели бемори наметавонист дар ин маврид назди ӯ узри гуноҳ бошад.

Бинобар ин, ӯ рӯи бистари бемори, ки тарзи кори барояш ғайри маъмул буд, чанд пора навишт, мақсад аз ин корро ба ман фаҳмонид ва фармуд, ки бар асоси нақли ӯ ин пораҳоро ба якдигар пайванд созам ва ба русӣ тарҷума кунам. Матни русии мақоларо барояш хондам ва бо розигии ӯ ба маҷаллаи «Крокодил» фиристодам. Номи мақола «Хозяин остаётся хозяином» буд, ки дар №3, соли 1954, «Крокодил» чоп шуд. Бори нахуст буд, ки ӯ натвонист мақоларо худ то ба охир нависад. Сабаб бемори ва низ ба охир расидани мӯҳлати ваъда буд.

**<u>Соли 1954.</u>** Соли 1954 Айнӣ аз нав намояндаи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон интихоб шуд.

Навиштани қисми чоруми «Ёддоштҳо»-ро Айнӣ охири январи ҳамин сол аз нав оғоз кард ва моҳи апрел ба поён овард. Айнӣ 1 феврали соли 1954 ба И.К. Нарзиқулов ва Б.Н. Ниёзмуҳаммадов менависад: «Соли гузашта 2 ноябр хона омадам. Тандурустиам бад набуд. Вале 11-12 ноябр бемори вазнин шудам. Пизишкони Самарқанд маро зери назорати сахт гирифтанд. Ҳамчунин профессор (И.Б.) Лихтснер аз Сталинобод омад ва 25 ноябр ҳолам беҳ шуд. Вале табобату назорат то 10 январ (1954) давом кард... Дар ҳоле ҳастам, ки имкони навиштан надорам. Аз ин ки инак се сол боз ҳар сари сол менависанд, ки Айнӣ машғули иншои қисми чоруми «Ёддоштҳо» аст (ба назарам Миршакарро шарм омадаю имсол навишт, ки «Айнӣ китоби панҷумро менависад»), шарм медорам, зеро китоби чорум ҳеч ба поён намеояд. Барои ҳамин, ночорам ҳар рӯз 2-3 соат кор кунам, дар ҳоле ки пизишкон ҳатто беш аз ду соат хонданро иҷоза намедиҳанд...

Усули корам ин гуна аст, ки пеш аз оғози навиштан ҳароратамро месанҷам ва агар аз 36,2 боло набошад, ба кор сар мекунам ва ҳар соат ҳароратро назорат мекунам. Баробари ба 37 расидани ҳарорат даст аз кор бозмедорам. Ҳарорат дар

натиҷаи кори ду-се соата баланд мешавад. Гоҳе аз саҳар баланд аст ва ман наметавонам кор кунам. Гоҳе ин гуна ҳолат то ду-се рӯз давом мекунад... »

Аввали моҳи майи 1954 Айнӣ дастхати тайёрро ба Сталинобод овард.

Боре, пеш аз он ки аз Самарқанд бароянд, маро ба дафтари кори тобистонааш хонд ва фармуд аз рафи болои чевон, ки наздики сақф буд, се китоби ҷилдҳояшон қадимиро гирам. Китобҳои шеър буданд ба хати форсӣ. Ин китобҳоро ӯ ҳамроҳи дафтари бузурге, ки дар он шеърҳояш навишта шуда буданд, дар чамадонаш монд ва гуфт, мекӯшад бори аввал берун аз Самарқанд кор кунад; мехоҳам шеърҳои тоинқилобии худро ба чоп омода созам, гуфт ӯ. «Сарфу наҳви забони форсӣ»-и Е. Э. Бертелсро низ он ҷо гузошт, ки дар охираш шарҳи мухтасари вазни шеъри форсӣ низ оварда шуда буд ва гуфт, оид ба арӯз китобе бояд навишт, зеро бисёриҳо, ки машқи шеър мекунанд, вежагиҳои арӯзи тоҷикиро намедонанд.

Андешаи навиштани китобе оид ба арӯзи тоҷикӣ аз дер боз ӯро машғул медошт. Дар номаи боло ёдшуда аз 27 декабри соли 1948 ба Мирзо Турсунзода Айнӣ менависад: «Вазни арӯзи тоҷикӣ на ба адади ҳуруф, на ба чигунагии ҳаракати ҳарфҳо ва на ба адади ҳиҷоҳо-ба ҳеч кадоми инҳо вобастагӣ надорад. Балки вазни арӯзи тоҷикӣ ба тарзи тартиби ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ ба вуҷуд меояд ва дар ҳар гуна тартиб шакли дигар ва оҳанги дигар пайдо мешавад... Мо метавонем, ки ба асоси ин қоида, ки қоидаи асосии вазни шеъри тоҷикӣ аст, вазнҳои шеърҳои халқиро кор карда баромада ва аз вазни шеърҳои классикӣ низ истифода бурда, вазнҳои нави дилчаспи пуроҳанг ёфта барорем.... Баъзе ҷавонон, ки дар шеъри тоҷикӣ шакл ва вазнҳои навро талаб мекунанд, то ҳол чи будан ва чи навъ ба даст даровардани матлаби худро муайян накардаанд. Агар мақсади онҳо вазнҳои нави шеъри ӯзбакӣ бошад, он ба хусусияти забони тоҷикӣ ҳеч мувофиқ нест. Агар рафиқони ӯзбак ҳам вазнҳои нави худро ба асоси шеърҳои

классикии ӯзбакӣ кор карда мебаровартанд, ҳақиқатан ҳам як чизи нави мувофиқи забони ӯзбакӣ ба вуҷуд меомад.

Мо бояд ин корро кунем, ки дар мо замина тайёр аст. Бинобар ин, то ба вуҷуд овардани ин кор зинда мондани худро лозим медонам. Агар умр ёрӣ диҳад, ин кор то ташкил ёфтани Академияи фанҳо дар Тоҷикистон ба вуҷуд меояд». (74, 108).

Вале ин ниятро ӯ натвонист амалӣ созад. Инак ӯ мехост ин китоби барои шеъри тоҷик ва равнақи минбаъдаи он ниҳоят муҳимро бинависад.

Ин замон саломатии Айнӣ пас аз беморӣ андак беҳ шуда буд ва ӯ худро бардаму болида ҳис мекард.

***

Дар Сталинобод аммо вазъи саломатиаш бад шудан гирифт. Бо вуҷуди ин, миёнаи моҳи майи соли 1954 дар кори Садорати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон иштирок кард ва оид ба тозагии забони адабии тоҷик ва муносибати дилсӯзона ба он сухан кард. Низ дар муҳокимаи лоиҳаи имлои тоҷикӣ, ки нимаи дуюми моҳи майи ҳамон сол дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти АУ Тоҷикистон мегузашт, иштирок кард. Ҳангоми суханронӣ чун дар гузашта тунду тез оид ба қоидаҳои имло баҳс кард ва андешаҳояшро исбот сохт. Вале дармеёфт, ки на ҳама ба умқи суханҳояш фурӯ мераванд. Дунболи ин муҳокима сарнавишти имлои тоҷикӣ Айниро ба ташвиш андохт. Вай дарк мекард, ки зиндагиаш ба поён мерасад ва ҷо дорад, ки баъди сари ӯ Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон оид ба қоидаҳои имло қароре қабул кунад, ки хилофи меъёри забони адабии тоҷик бошад. Вай ба чигунагии сарнавишти ин масъала пас аз сараш бетараф буда наметавонист, барои ҳамин ба исрор мегуфт, ки таъҷилӣ бояд бар асоси забони адабии имрӯзи тоҷик китобе оид ба сарфу наҳв ва имлои тоҷикӣ навишта шавад.

Ин вопасин суханронии ӯ буд. Баъд саломатиаш бад шуд. Ва рӯи ҷогаҳ дар осоишгоҳи Шӯрои Вазирон, ки ҳангоми сафарҳояш ба Сталинобод он ҷо иқомат мекард, бо пазмонии

гарм Самарқандашро ба ёд меовард ва мегуфт пас аз бозгашт ба хона ба навиштани қисми панҷуми «Ёддоштҳо» шурӯъ мекунам, ки сухан он ҷо аз даврони пур аз ҷӯшу хурӯши Бухорои тоинқилобӣ аст.

Чун аз вазъи саломатиаш хуб огаҳ будам, боре гуфтам қисми панҷумро нақл кунад ман нависам. Ӯ гуфт: «Не, ман ин хел кор кардан наметонам. Ман бояд Самарқанд дар хонаам бошам, пушти мизи корам шинам, ручкаамро ба даст гирам, ба сиёҳидон занам (вай авторучкаро хуш надошт), он вақт медонам дар бораи чи нависам (Айнӣ ҳеч гуна дафтари ёддошт бо нақшаи кори пешакӣ надошт, ҳама чиз, он чи 70 сол пеш ё як ҳафта пеш рух дода буд, дар хотираи фавқулода қавияш ҳифз мешуд), вагарна наметавонам ҷиддӣ кор бикунам. 15 июл, ки Самарқанд рафтем, қисми панҷумро сар мекунам».

Аммо пагоҳони 14 июл дида мешуд, ки ҳолаш хуб нест. Дунболи сӯзандоруи дардбарчин гоҳе хобу гоҳе бедор то соати 12 шаб рӯи чогаҳ буд. Баъд хобаш бурд, рӯзи дигар ки бедор шуд, пурсид соат чанд аст. Маълум шуд соаташ, ки рӯи мизи канори болинаш буд, хоб кардааст; бори нахуст дар зиндагӣ пеш аз хоб бод пур кардани онро фаромӯш карда буд. Ин лаҳза соат 12-и нимарӯз буд.

Вай рӯзҳои нахусти зиндагиаш дар Самарқанд июни 1917-ро дар хонаи Абдуллоҷони Абдухолиқзода ба ёд овард, ки он ҷо мухаммаси «Азият ва ҳиҷрон» бар ғазали Ҳофизро навишта буд ва панҷ мисраъи онро аз ёд хонд:

*Сайру гашти лолазорон ёд бод,*
*Афту хези майгусорон ёд бод.*
*Ишрати фасли баҳорон ёд бод,*
*«Рӯзи васли дӯстдорон ёд бод,*
*Ёд бод он рӯзгорон, ёд бод!»*

Вай ҳатто ба ёд овард, ки ҳангоми навиштани ин шеър бародари нависанда Фотеҳ Ниёзӣ, Иброҳимҷон Ниёзӣ дар наздаш буд.

Он рӯз нависандагон, кормандони Академияи илмҳо, ода-

мони зиёде ки бо ӯ пайванди корӣ доштанд ва низ дӯстонаш дар боғи назди хонае, ки Айнӣ рӯи ҷогаҳ буд, ҷамъ омада буданд. Аммо ин навбат ҳеҷ кадоме аз онҳоро дидан натавонист ӯ. Вай то соати чори рӯз, то вопасин нафасҳои зиндагиаш, хоб буд.

## АДАБИЁТ


1. Ленин В. И. Асарҳо, ҷ. 23.

### Дастхатҳо

2. Айнӣ С. Дафтари ашъор. (Бойгонии Айнӣ. Пажӯҳишгоҳи АУ Тоҷикистон).
3. Айнӣ С. Баёз. (Ҳамон ҷо).
4. Садри Зиё. Тазкиратушшуаро. (Ҳамон ҷо).

### Китобҳо

5. Айнӣ С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. Куллиёт, ҷ. 1. Сталинобод, 1958.
6. Айнӣ С. Ҷаллодони Бухоро. Куллиёт,ҷ. 1.
7. Айнӣ С. Одина. Куллиёт, ҷ. 1.
8. Айнӣ С. Дохунда. Куллиёт, ҷ. 2. Сталинобод, 1960.
9. Айнӣ С. Ғуломон. Куллиёт, ҷ. 3. Сталинобод, 1960.
10. Айнӣ С. Марги судхӯр. Куллиёт, ҷ. 4. Сталинобод, 1961.
11. Айнӣ С. Ятим. Куллиёт, ҷ. 4.
12. Айнӣ С. Аҳмади девбанд. Куллиёт, ҷ. 5. Душанбе, 1963.
13. Айнӣ С. Мактаби кӯҳна. Куллиёт, ҷ. 5.
14. Айнӣ С. Колхози «Коммунизм». Куллиёт, ҷ. 5.
15. Айнӣ С. Таъсири инкилоби феврал ба Бухоро. Куллиёт, ҷ. 5.

16.Айнӣ С. Аз ёддоштҳои инқилоби Бухоро. Куллиёт, ч. 5.
17.Айнӣ С. Гачабозӣ. Куллиёт, ч. 5.
18.Айнӣ С. Ёддоштҳо қ. 1-2. Куллиёт, ч. 6. Душанбе 1962.
19.Айнӣ С. Ёддоштҳо қ. 3-4. Куллиёт ч. 7. Душанбе, 1962.
19.Айнӣ С. Куллиёт, ч. 8.
20.Айнӣ С. Куллиёт, ч. 9. Душанбе 1969.
21.Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Куллиёт, ч.10. Душанбе 1966.
22.Айнӣ С. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Куллиёт, ч. 10.
23.Айнӣ С. Куллиёт, ч. 11, китоби 1. Душанбе, 1964.
24.Айнӣ С. Куллиёт, ч. 11, китоби 2. Душанбе, 1964.
25.Айнӣ С. Бухоро жаллодлари. Асарлар, қ.1. Тошканд, 1963.
26.Айнӣ С. Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар. Асарлар, қ. 1.
27.Айнӣ С. Дохунда. Асарлар, қ. 2. Тошканд, 1964.
28.Айнӣ С. Қуллар. Асарлар, қ.3. Тошканд, 1964.
29.Айнӣ С. Одина. Асарлар, қ. 4. Тошканд, 1965.
30.Айнӣ С. Эски мактаб. Асарлар, қ. 4.
31.Айнӣ С. Судхӯрнинг ӯлими. Асарлар, қ. 4.
32.Айнӣ С. Эсдаликлар, 1-2 қисм. Асарлар, қ. 5. Тошканд, 1965.
33.Айнӣ С. Эсдаликлар, 3 қисм. Асарлар қ. 6. Тошканд, 1965.
34.Айнӣ С. Эсдаликлар, 4 қисм. Асарлар, қ. 7. Тошканд, 1966.
35.Айнӣ С. Мен нима қилдим. Асарлар, қ. 8. Тошканд, 1967.
36.Айнӣ С. Воспоминания. М-Л, 1960.
37.Айнӣ С. Собр. соч. т. 1. М., 1971.
38.Айнӣ С. Собр. соч. т. 2. М., 1972.
39.Айнӣ С. Собр. соч. т. 3. М., 1973.
40.Айнӣ С. Собр. соч. т. 4. М., 1974.
41.Айнӣ С. Собр. соч. т. 5. М., 1974.

42.Айнӣ С. Собр. соч. т. 6. М., 1975.
43.Айнӣ С. Ахгари инқилоб, 1923, ба хати форсӣ.
44.Айнӣ С. Инқилоб учқунлари, 1923, ба хати форсӣ.
45.Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. Нашриёти маркказии халқҳои СССР. М., 1926, ба хати форсӣ.
46.Айнӣ С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Нашриёти давлатии Туркистон. Тошканд, 1923, ба хати форсӣ.
47.Айнӣ С. Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар. Нашриёти марказии халқҳоиСССР. М., 1926, ба хати форсӣ.
48. Айнӣ С. Ашъори мунтахаб. Сталинобод, 1958.
49. Азизқулов Ҷ., Муллоҷонова З. Феҳрасти асарҳои С. Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ то солҳои 1961. Душанбе, 1963.
50. Брагинский И. С. Садриддин Айнӣ. Очерк жизни и творчества.-Тр. АН Тадж ССР, т. 24. Сталинабад, 1954.
51. Брагинский И. С. Проблемы творчества Садриддина Айнӣ. Душанбе, 1970.
52. Вестник НКИД. М., 1922, № 425.
53.«Советская литература народов Средней Азии», 1932, № 1.
54. Икромӣ Ҷ. Устоди ман, мактаби ман, худи ман. Душанбе, 1970.
54 а. Книга жизни Садриддина Айни (албом). К. Айни. Душанбе, 1978.
55. Маниёзов А. Публитсистика ва назми устод Айнӣ (1918-1921). Сталинобод, 1958.
56. «Маориф ва маданият». 1947, 10 апрел.
57. «Маориф ва маданият». 1976, 31 июл.
58. «Маориф ва маданият». 1977, 16 июн.
59. «Маориф ва маданият». 1977, 30 июн.
60. «Маориф ва маданият». 1977, 26 июн.
60 а. Раҷабов З. Айнӣ ва Асирӣ. Сталинобод, 1961.
61. «Садои Шарқ». 1972, № 8.
62. «Садои Шарқ». 1973, № 6.

63. «Садои Шарқ». 1974. № 9.
64. «Садои Шарқ». 1976, № 4.
65. «Садои Шарқ». 1977, № 4.
66. «Садои Шарқ». 1977, № 6.
67. Садриддин Айнӣ дар хотираи дӯстон. Душанбе, 1968.
68. Собрание Восточных рукописей АН Уз ССР. Т. 3. Ташкент, 1955.
69. Семенов А. А. К прошлому Бухары. –В кн: Садриддин Айни. Воспоминания. М-Л. 1960.
70. Улуғзода С. Субҳи ҷавонии мо. Сталинобод, 1956.
71. Фиш Р., Хошим Р. Глазами совести, Душанбе, 1978.
72. Ходжаев Ф. Избранные труды. Т.1. Ташкент, 1970.
73. ЦПА ИМЛ. Фонд второго сектора общего отдела ЦК КПСС. Оп. 1. д. 55.
74. «Шарқи сурх». 1956, № 4.
75. «Шарқи сурх». 1958, № 4.
76. «Шарқи юлдузи». 1971, № 12.
77. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ. Душанбе, 1968.
78. Ҳошим Р. Сухан аз устодон ва дӯстон. Душанбе, 1971.
79. «Ҷашнномаи Айнӣ» (Известия Отделения общественных наук, вып. 3. (21). Сталинобод, 1960.
80. «Ҷашнномаи Айнӣ», ҷузъи 2. Душанбе, 1963.
81. «Ҷашнномаи Айнӣ», ҷузъи 3. Душанбе, 1966.
82. «Ҷашнномаи Айнӣ», ҷузъи 4. Душанбе, 1971.
83. «Ҷашнномаи Айнӣ», ҷузъи 5. Душанбе, 1978.

## МУНДАРИЧА

АЗ НИГОРАНДА ........................................................................3

ДЕБОЧА ......................................................................................7

ЗИНДАГИИ САДРИДДИН АЙНӢ ТО ИНҚИЛОБ...13

НАВРАСӢ ВА ҶАВОНӢ (1890-1899) .........................19

ЗИНДАГӢ ДАР МАДРАСАИ КӮКАЛТОШ..............33

БАЛОҒАТ (1900-1907) ..............................................34

ЗИНДАГИИ АЙНӢ ПАС АЗ ИНҚИЛОБ (1917-1954)53

АДАБИЁТ ...............................................................102

**Ба чоп 01. 02. 2017 иҷозат дода шуд.**

**Формати 60х84 1/16. Коғази офсет.**

**Ҷузъи чопӣ 6,6**

**Адади нашр 1000 нусха**

**ҶДММ «Балоғат», ш. Душанбе, х.Рудакӣ 55/1.**

30c

000311597
Китобхонаи миллии Точикистон